ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБД 338.4 (575.3)

Ба ҳуқуқи дастнавис

ОЛИМЗОДА АБДУСАҲОБИ СИРОҶИДИН

ТАКМИЛИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ВА САМАРАНОКИИ ОН (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605-Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор
Насиров Раҳимбек

ДУШАНБЕ -2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО..... 3

МУҚАДДИМА..... 4-16

БОБИ 1. МОҲИЯТИ НАЗАРИЯВИИ САМАРАНОКИИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ..... 17-66

1.1. Асосҳои назариявӣ-илмии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ **17-34**

1.2. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ..... **34-50**

1.3.Таҷрибаи хориҷии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ.. **50-66**

БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ) 67-102

2.1. Вазъи муосири соҳаи чорводории самти ширдеҳ..... **67-82**

2.2. Ҳолати ташкилӣ – истеҳсолӣ ва самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ..... **89-102**

БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ.... 103-164

3.1. Ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ..... **103-125**

3.2. Технологияи замонавӣ-инноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ..... **125-145**

3.3.Батанзимдарорӣ ва такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз роҳҳои тараққиёт дар шароити муосири иқтисодӣ..... **145-164**

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ..... 165-169

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..... 170-185

ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 185-188

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақим

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

КАС – Комплекси агросаноатӣ

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ФР – Федератсияи Россия

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

АИКТ – Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

ДАТ – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон

ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

ЧКШ – Чорвои калони шохдор

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИА – Иттиҳоди Аврупо

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

МУ – Маҳсулоти умумӣ

% – фоиз

Млн – миллион

Млрд – миллиард

Км – километр

$Км^2$ – километри мураббаъ

Га – гектар

Кг – килограм

Т – тонна

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мувофиқи ҳадафҳои муайяншудаи консепсияи бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти хӯроквории баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар назди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла маҳсулоти чорводорӣ вазифаҳои хосеро гузоштааст. Табиист, ки дар марҳилаи наздик ҳалли комили он ба монанди: ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, самтҳои беҳтар намудани зоти чорво, тарзҳои нигоҳдорӣ, таъмини хӯрокаи серғизо, коркарди саноатии аввала ва ниҳоии маҳсулоти ба даст овардашуда дар дохили хоҷагӣ, ноҳия, ҷумҳурӣ, ҳавасмандии моддӣ, дастгирӣ ва кумаки бевоситаи давлатӣ ва мушкилиҳои дигаре, ки вуҷуд доранд, бояд тадриҷан бо кумаки илм ва истифодаи таҷрибаи пешқадам ҳалли худро ёбанд, барои амалӣ гаштани он дар соҳаи кишоварзӣ шароитҳои хос вуҷуд доранд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 28-декабри соли 2024 чунин ироа гардидааст, «Инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани ҳар як вақаб замин, беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд» [25].

Ба монанди, қабули «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №52 ва дигар барномаҳои соҳавӣ тасдиқшуда мебошанд [4].

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ буда, сарфи назар аз таваҷҷуҳи давлат ҳанӯз ҳам на чандон рушд ва самаранокии хуберо дорост, ҳамчун таъминкунандаи аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ва саноат бо ашёи хом мавқеи хосеро ишғол намуда, ба натиҷаи иқтисодии давлат ва аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад. Баъди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидориро дар соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ, растанипарварӣ ва чорводорӣ ва аз он ҷумла чорвои калони

шохдори самти ширдеҳ, як қатор дастовардҳо ба даст омадаанд, ки дар баробари онҳо мушкилиҳои дигарро низ ба бор овард, ки ба натиҷаи миқдорӣ ва сифати маҳсулоти истеҳсолгаштаи соҳаи мазкур таъсири бевоситаи худро расонидааст.

То пош хӯрдани низом ва шакли давлати Шуравӣ дар он вуҷуд доштани равандҳои махсусгардонӣ, якҷоякунии кооператсия ва интегратсия, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ ва комплекси саноатию инфрасохтори хизматрасонӣ, таъминоти коркард, аз ҷумла кишоварзӣ, соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ ҷараён дошта, истеҳсоли маҳсулот сол аз сол меафзуд. Хоҷагиҳои кишоварзӣ махсусгардонидашуда ҳаҷман бузург ва даромаднокии баландро доро буда, фаъолияти худро бо назардошти такрористеҳсолкунии васеъ пеш мебурданд. Яъне, давраи амалӣ гаштани ислоҳот, зиддиятҳои байни соҳаҳои зеркомплекси ширию хӯрокворӣ фаъолона зуҳур ёфта, робитаҳо вайрон гашта, ҳам шароити ташаккул, ҳам вазъи иқтисодии субъектҳо ва ҳам хусусияти муносибатҳои байни онҳо тағйир ёфтанд.

Ба дигар шакли хоҷагидорӣ гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти чорводории ширдеҳ низ душвориҳои иловагӣ ба миён оварданд, ба монанди: коҳиш ёфтани дастгирии давлат ба соҳаи мазкур, ки бо дигар шакл ва тадбирҳо ҷуброн карда нашуданд; таъмини кумаки моддии соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолии кишоварзӣ, хусусан маблағгузорӣ барои истеҳсоли шир ва маҳсулотҳои он дар асоси дастгирии бевоситаи Ҳукумати ҷумҳурӣ бо тарзҳои дигар, ба монанди субсидияҳо, меъёрҳои ташкилотҳои қарздиҳанда, аз ҷумла хизматрасонии бонкӣ, грантҳо ва дигар шаклҳо на чандон суръат гирифтанд.

Чуноне ки маълум аст, шир ҳамчун маҳсулоти асосии озуқаворӣ тибқи барномаи таҳияшуда ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи худтаъминкунии кишвар бо шир ва маҳсулоти ширӣ бояд на камтар аз 70%-ро ташкил диҳад. Дар самти мазкур Маҷмуаи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо истеҳсоли шир, коркард, фурӯши маҳсулоти тайёри он барои таъмини аҳолӣ нақши хосеро мебозанд [1, С.1]. Дар миқёси барномаи қабулгашта зерсохторҳои тайёр намудани мутахассисони муасиссаҳои илмӣ-

иқтисодӣ, молиявӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, онҳо на чандон ба талаботи замона ҷавобгу буда, аз ин лиҳоз меҳвари натиҷаи таъсири онҳо ба рушди ҷамъият хело кам назаррасанд. Рушд ёфтани ҳамкории байни муассисаҳои кадр тайёркунанда ва корхонаҳои истеҳсолӣ, ки натиҷаҳои мусбӣ медиҳанд, ба монанди кластерҳои соҳавиро тавсия медиҳем, чун ки онҳо имконияти ҳам аз неруи зеҳнии ҷомеа, ҳам захираҳои моддӣ-молиявӣ ва омилҳои истеҳсоли оқилона ва самаранокро истифода мебаранд.

Дар марҳилаи кунуни зиёд шудани истеҳсоли ширро бо назардошти тараққиёти чорвои ширдеҳ ба таври: баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ва иқтидори генетикии он, таъмин ва нигоҳ доштани нақша ва пойгоҳи таносуби хӯрокии чорво, такмил ва мукаммал намудани сохтор ва муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидории зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва комплекси агросаноатӣ, коркард ва такмили маҷмуи чорабиниҳои аз нуқтаи назари илм асоснок мебошанд.

Омилҳои дар боло гуфташуда зарурияти мавзуи интихобшудаи кори илмиро муайян намуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар омӯзиши масъалаҳои самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хусусан соҳаи чорводорӣ олимони зерини бурунмарзӣ, ба монанди: Н.Я. Коваленко [72;73], И.Н. Буздалов [55], В.А. Добринин [64], А.П. Зинченко [68;69], М.В. Косолапова [76] ,В.Г. Курдоглян [80], В.В. Новожилов [96], О.И. Пантелеева [98], О.А Родионова [111], Д. Рубинфелд [112], В. Серебряков [118], Б.А. Черняков [121] ,Й. Шумпетер [127], ва дигарон ҳиссаи зиёд доранд. Дар самарнокии истеҳсолоти кишоварзӣ бо усули ҳароҷот ва манбаъҳо олимони зерин ҳиссагузор мебошанд: В.Р. Боева [53], А.В. Белокопитов [50], В.А. Свободин [150], Н.Е. Тепляков [153], С. С. Сергеев [117], И.С. Санду [116] ,О.А. Родионова [111]. Ин самтро дар доираи равиши репродуктивӣ олимони зерин Е.Б. Дондокова [65], А.П. Зинченко [68], А.И. Колобова [75], А.Г. Попцов [99], М. Портер [104] ,Б.Н. Кузик [79], А. Градов [61] ва дигарон таҳқиқотҳои мушаххас гузаронидаанд.

Соҳаи чорводорӣ аҳаммияти стратегӣ дошта, ҳадафи асосии он қонеъ

гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва беҳ намудани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад, ки олимони ватанӣ: И.С. Ашуров [49], А.А. Мадаминов [83], З.Ф. Раҷабов [147], И.А. Маликов [85;86], Р. Носиров [94;95], Ҷ.С. Пиризода [102;103] ,Т.Б. Рузиев [113], И.Х. Самандаров [115], З.Р. Шарифов [122;123], У. Шарофов [124;125], Ш.А. Бобоазиззода [52], Ф.М. Раҷабов [109], Б.С. Шодиев [158] ва дигарон, дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида дастовардҳои хосеро ноил гаштаанд.

Дар асарҳои олимони мазкур барои ташкили оқилонаи соҳаи чорводорӣ, таҳлили самараи он хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оварда шудаанд. Дар баробари ин як қатор масъалаҳои таҳқиқшаванда на чандон ҳалли худро ёфтаанд. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бояд муносибатҳои нав ба ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, баҳодиҳии он хусусан самти ширдеҳ дар асоси омӯзиши васеи ҳолат ва шароити хоҷагиҳо, омилҳо ва механизмҳои фаъолияти устувори корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин механизми иқтисодии рушди саноатии коркарди маҳсулоти соҳаи мазкур зарур мебошад. Омӯзиши нокифояи ин масъалаҳо, аҳаммияти амалии таъмини рушди самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар ташкилотҳои кишоварзии бо шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асосёфта сабаби амалӣ гаштани мавзуи кор мубрамият, мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмиро дар пеш гузоштанд.

Аммо, сарфи назар аз миқдори зиёди таҳқиқот оид ба инкишофи чорводории самти ширдеҳ, бисёр масъалаҳои назариявӣ ва методӣ, ки ба тараққиёти инноватсионии соҳа ва инкишоф додани шаклҳои нави муносибатҳои байни соҳавии зеркомплекси ширӣ, бо мақсади ба эътидол овардан, идоракунии истеҳсоли шир дар шароити муосир ва рушди самаранокии он вобастаанд, ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст ва як қатор муқаррароти вуҷуддошта баҳсталабанд, мубрамияти таҳқиқотро муаррифӣ менамоянд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 1 декабри соли 2016, №636); [27] «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» (аз 31 октябри соли 20218, №520); [3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» (аз 04 апрели соли 2019 №1591); [14] «Ҳадафи Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар»; Барномаи мавҷудияти рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарвариӣ, моҳипарвариӣ ва занбӯриасалпарвариӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №52); [4]. Ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2025 [25] ироа шудаанд ва дигар барномаҳои соҳавӣ робитаи мустаҳкам доранд.

ТАВСИФОТИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Таҳлил, коркард ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-услубӣ масъалаҳои таъмини самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва пешниҳодҳои амалии мушаххаси механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, институтсионалӣ, ки устувории фаъолияти онро ноҳияҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин ҳал карда шудаанд;

1. Таҳқиқи моҳият, омӯзиши асосҳо ва муқаррароти назариявӣ ва методии рушди самаранокии зеркомплекси чорводории ширдеҳ, муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди он ва таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии чорводории самти ширдеҳ, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами онҳоро дар шароити кунунӣ инъикос менамоянд;

2. Таҳлили ҳолати кунунии соҳаи чорводории самти ширӣ ва нақши он дар таъмини самаранокии соҳаи мазкур;

3. Ташкили кластер ва микрокластерҳои махсус ҳамчун омили рушди чорвои самти ширдеҳ;

4. Асоснок намудани равишҳои консептуалии ташаккули технологияи инноватсионии чорвои калони самти ширдеҳ, низоми институтсионалии танзими давлатӣ ва самтҳои тараққиёти самараноки зеркомплекси шир дар шароити муосири иқтисодӣ.

Объекти таҳқиқоти илмӣ корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои шаклан гуногун ва истеҳсолкунандаи алоҳидаи маҳсулоти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

Мавзуи таҳқиқот Таъмини рушди муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ дар зеркомплекси чорвои самти ширӣ ва такмили он мебошанд.

Фарзияи таҳқиқот Фарзияҳои таҳқиқот аз муайянсозӣ ва алоқамандии рушди иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон аз сатҳи зеркомплекси чорвои ширдеҳ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти он, инчунин тадбиқи технологияҳои инноватсионӣ, саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ, такмили давлатии он бо мақсади таъмини самаранокии соҳаи чорводорӣ мебошад.

Асоси назариявии таҳқиқот Таҳқиқоти бунёдии илмии намояндагони мактабҳои намоёни иқтисодӣ, донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар бахши баланд бардоштани самаранокии рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ, қонунҳо, консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин фармонҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон маводи дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда, таҳқиқоти аз тарафи муаллиф гузаронидашуда, ташкил медиҳанд.

Сарчашмаи таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқоти мазкур маълумот аз Паёмҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, [25] қонунҳо ва

қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ доир ба мавзуи илмӣ, Маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва хоҷагиҳои деҳқонии шаклҳои гуногуни моликият, адабиёти меъёрӣ, маълумотномаҳои махсус оид ба ин масъалаҳо, инчунин ахбороти таҳлилии ташкилотҳои саноатӣ ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии академӣ, маводҳое ки ба қазияҳои истеҳсоли маҳсулоти чорво дахл доранд ва дар матбуоти даврӣ чопшуда истифода шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи «иқтисодиёт ва рақамикунонии КАС»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба анҷом расонида шуда, дар таҳқиқот маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва хоҷагиҳои деҳқонии шаклҳои гуногуни моликият истифода гардидааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Навоварии илмии таҳқиқот ин самаранокии истеҳсоли маҳсулоти чорво, хусусан самти чорвои ширдеҳ дар шароити иқтисодиёти дигаргуншаванда ифода меёбад. Дастовардҳои муҳими илмӣ, ки ба сифати навоварии таҳқиқот пешниҳод мегарданд, чунинанд:

-мазмун, моҳият ва категорияҳои иқтисодӣ, самаранокии истеҳсоли маҳсулоти чорво, хусусан самти чорвои ширдеҳ аниқ шуда, нуқтаи назари муаллифии он дар мазмуни «самаранокии иқтисодӣ» бояд самараи ниҳоии фаоъияти пурсамари хоҷагӣ барои ба даст овардани миқдори зиёди маҳсулот (аз ҳар сар чорво) бо хароҷоти камтарин бо назардошти таъмини воситаҳои моддӣ, молиявӣ, захираҳои меҳнатӣ, илмию техникӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо пешниҳод гардидааст. Омилҳои таъсиррасон ба арзию нарх ва ҳаҷми маҳсулот, модели зеркомплекси чорвои ширдеҳ, сохтор ва ҷузъҳои он таҳия ва пешниҳод шудаанд, ҳамзамон низоми нишондиҳандаҳои техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ инчунин баҳодиҳии муқоисавии самаранокӣ рушди чорводории самти ширдеҳ дар миқёси макро ва микро иқтисодӣ муайян,

алоқамандӣ ва таъсири онҳо ба маҳсулнокии ниҳоии соҳа ба таври мушаххас таҳрезӣ гаштаанд;

-тибқи таҳқиқи муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар мамлакатҳои хориҷа тавсия шудаанд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан ноҳияҳои он амалӣ гаштани таҷрибаи Давлатҳои Иттиҳодияи Аврупо, ки молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзиро аз тарафи давлат на кам аз 45% арзиши аслии маҳсулот таъмин ва бо ин роҳ самаранокии фаъолияти онҳо таъмин мегардад. Таҷрибаи Канада рушди зеркомплекси маҳсулоти ширӣ дар асоси истеҳсоли нақшавии дохилӣ, нархгузории танзимшаванда ва назорати воридотии он; давлати Чин такя бо сармоягузории ширкати хориҷӣ ва корхонаҳои бузурги коркарди шир ва маҳсулоти ниҳоии он; таҷрибаи мамлакати дигари ИДМ Белоруссия ҷорӣ намудани низоми хӯрока ва хӯронидани чорвои ширдеҳ дар тамоми мавсим интенсификатсияи соҳаи мазкур, ки устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва худтаъминкунӣ бо шир ба даст оварда шуда, самараноканд, метавонанд ҳамчун таҷрибаи пешқадам истифода шаванд.

-бо мақсади таъмини рушди соҳаи чорводорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти он ташкили микрокластерҳо, таъмини рақобатпазирӣ, алгоритми сохтории он, омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ зиёд гаштани миқдори чорво, сохтори оқилонаи пода, ҳаҷми истеҳсоли шир, нархгузорӣ, шакл ва тарзҳои нигоҳу бин, ки вазъи ҳозираи соҳаи чорводориро дар солҳои таҳлилии 2015-2024 арзёбӣ карда шуда ҳолати истеҳсоли маҳсулот дар хоҷагиҳо, ҷойдоштани рақобат байн воридоткунандагон, истеҳсолкунандагон ва содироти маҳсулоти чорвои ширдеҳ дар низоми системаи бозоргонӣ афзоиши сатҳи даромаднокии он бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳа ва методикаи натиҷабардории фаъолияти ниҳоии онҳо ҳамчун асоси тараққиёти соҳаи чорвои ширдеҳ пешниҳод гаштааст.

-равишҳои консептуалии ташаккули технологияҳои инноватсионии дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ, ба монанди таъсиси корхона ва

ташкилотҳои аввала ва ниҳоии шир, қазияҳои бозоршиносӣ, таъмини ихтисоснок, коргарони ахборотӣ, машваратӣ, афзоиши номенклатураи онҳо ва дигар чорабиниҳо, ки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳро сатҳи муайян рушд медиҳанд, дар мисоли хоҷагиҳои пешқадами ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намуд, шакли кумаки давлат, вазифаҳо, қазия ва дастгирии соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ, ба монанди системаи истифодаи оқилонаи маблағгузорӣ, грантҳо алгоритми гирифтани субсидияҳо барои афзоиш, таъмин ва рушди саршумори чорвои ширдеҳ, меъёрҳо монда шавад, методикаи муайян намудани онҳо, ки самаранокии зеркомплекси чорвои самти ширдеҳро дар шароити ҳозираи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, пешниҳод гаштаанд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шаванда:

- муайян карда шуд, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии самаранокии истеҳсолот, низоми нишондиҳандаҳои ташкилию технологӣ ва иқтисодӣ барои асоснок намудани модели зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ, дар миқёси макро-микро иқтисодӣ равона шудааст;

- исбот карда шуд арзёбии ҳолати воқеии зерсоҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар низоми кунунии рушди истеҳсоли маҳсулот, самаранокии он бо назардошти технологияи нигоҳубин, маҳсулнокии модаговҳо ва зиёд гаштани саршумори чорво, равона шудааст;

- асоснок карда шуд, ки омилҳои таъсиррасон ва мушаххаси ташкили микрокластерҳо, махсусан дар самти чорвои ширдеҳ, сохтор ва тарзи ҳисоб намудани натиҷаи ниҳоии фаъолияти онҳо, тавсияи равишҳои консептуалии ташаккули технологияҳои пешқадам, ки ба самаранокии рушди соҳа таъсири мусбӣ расонида, то ҳадди имкон онро афзоиш медиҳанд;

- пешниҳод шудааст, ки дастгирии давлат, вазифаҳо оид ба танзими афзоиши саршумор ва маҳсулнокии чорвои ширдеҳ, самаранокии истифодаи оқилонаи инвеститсия, субсидияҳо, алгоритми гирифтани онҳо ва тарзи ҳисоб карданашон бо мақсад мувофиқ мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ, методологӣ ва илмии таҳқиқот. Дар он аст, ки

натиҷаҳои ба амиқ ва мукаммал гаштани асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини самараи иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти чорвои ширдеҳ имконият медиҳанд, ки роҳҳои ҳалли муаммоҳои вуҷуддоштаи соҳа, тариқи таҳияи стратегияи рушди соҳа имкони бартараф дорад, агар он фарогири баландбардории маҳсулоти чорвои самти ширдеҳ тавассути ташкили микрокластерҳо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, афзоиши маҳсулнокии чорво, зотпарварӣ, хушзоткунӣ ва таркиби дохили он ташкили оқилонаи тарзҳои нигоҳдории чорво, таъмини хӯрока, нақша ва мувозинати (баланси) он ҳал карда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи илмию амалии муаллифро оид ба амалӣ гаштани баландбардории самаранокии иқтисодии зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кофӣ набудани маҳсулоти соҳаи мазкур, ки бо таъмини бехатарии озуқавории мамлакат таъсири хосеро мерасонад, мебошад. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар ҷараёни таҳияи консепсия, стратегия ва барномаҳои рушди зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ истифода бурд. Инчунин, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, иқтисодиёти КАС, маркетинги кишоварзӣ, банақшагирӣ, менеҷмент истифода бурд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи адабиёти илмии бахшида ба мавзуи таҳқиқшаванда, таҷрибаи хориҷии тараққиёти чорвои ширдеҳ, омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои муҳаққиқ, маводи вазорату муассисаҳои дахлдор, интишороти даврӣ, маводи интернетӣ ва мақолаҳои илмии муаллиф дар бар гирифта, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро инъикос мекунанд.

Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти кори диссертатсионӣ ба бандҳои 3. Танзими давлатии кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 10. Асосноккунии пешгӯйӣ ва дурнамои рушди комплекси

агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар кишоварзӣ; 14. Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои ҳамгироӣ дар КАС ва кишоварзӣ; 42. Ташаккул ва рушди ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ; 49. Ҳавасмандсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ; 51. Асосҳои ташкилию иқтисодии самтҳои рушди истеҳсоли хӯроки чорво дар комплекси агросаноатӣ ба шиносномаи ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) ихтисоси 6D050605-Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳои таҳқиқот бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда равона гардида, он аз муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии ҷанбаҳои назариявии самаранокии истеҳсолоти зеркомплекси чорвои ширдеҳ бо назардошти хусусиятҳои соҳаи мазкур, нишондиҳандаҳои асосии рушди он, таҳқиқ ва татбиқи истифодаи амалии таҷрибаи ҷаҳонии тараққиёти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар Тоҷикистон ва НТҶ, арзёбии вазъи кунунӣ ва муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба рушди он, пешниҳоди микрокластерҳо, ташкили сохтор ва методикаи натиҷагирии фаъолияти ниҳоии онҳо, ташаккулу татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсол ва самаранокии ширу маҳсулоти ширӣ, дастгирии давлатии рушди чорвои ширдеҳ, низоми самаранокии истифодаи маблағгузориҳо, алгоритми гирифтани субсидияҳо ва тарзи муайян намудани онҳо чун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ иборат мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Дастовардҳо ва пешниҳодҳои асосии кори таҳқиқотӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии назди АИКТ маврди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муқаррароти методӣ ва амалӣ дар рафти омӯзиш таҳия шуда дар раванди «Барномаҳои рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор

барои давраи то 2030» [5] ва таҳияи дурнамои рушди кишоварзии хоҷагиҳои шаҳри Вахдат, Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ истифода шудаанд, ки бо маълумотномаҳои мақомотҳои дахлдори ҳукуматҳои он тасдиқи худро ёфтаанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- ташкили кластер ва микрокластерҳои минтақавӣ ҳамчун муҳимтарин омили асосии рушди соҳа;

- суръатбахшии ҷараёни воридоти технологияҳои инноватсионӣ ва амалинамоии таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон;

- механизми истифодаи самараноки маблағгузориҳо барои рушди соҳаи чорводории кишвар.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақола, аз ҷумла 6-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии он 5,2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Сохтор ва ҳаҷм диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми умумии 188 саҳифа таҳия карда шудааст. Вай аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, 14 расм, 35 ҷадвал, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз натиҷаи таҳқиқотҳои бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Боби аввали рисола - «Моҳияти назариявии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ», асосҳои назариявӣ-илмии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ, нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ, таҷрибаи хориҷии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳро дар бар мегирад.

Дар боби дуюм сухан дар бораи - «Ҳолати муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», вазъи муосири соҳаи

чорводории самти ширдеҳ, ҳолати ташкилӣ – истеҳсолӣ ва самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ меравад.

Дар боби севвум «Самтҳои асосии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ», ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ, технологияи замонавӣ-инноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ, батанзимдарорӣ ва такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз роҳҳои тараққиёт дар шароити муосири иқтисодӣ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст.

БОБИ 1. МОҲИЯТИ НАЗАРИЯВИИ САМАРАНОКИИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ

1.1. Асосҳои назариявӣ-илмии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ

Дар комплекси аграрӣ-саноатии кишвар соҳаи чорводорӣ, хусусан чорвои калони шохдор самти ширдеҳ ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Аҳаммияти соҳаи мазкур пеш аз ҳама, барои таъмини аҳолӣ бо шир ва маҳсулоти ширӣ мувофиқи меъёрҳои истеъмолии тиббии тавсияшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин вазъи қиёсии он дар таркиби маҳсулоти умумии кишоварзӣ нақши хосеро доро мебошад.

Ҳолати кунунии соҳаи кишоварзӣ, хусусан чорвои калони шохдор самти ширдеҳ дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи он ба истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширии аз ҷиҳати экологӣ тоза барои таъмини бозор ба онҳо таваҷҷуҳи хоссаро барои ҳалли қазияҳои ҷойдоштаи давлат тақозо мекунад. Хусусан, баъди гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди бозорӣ, ки зимни он дараҷаи баробарвазнии нархҳои маҳсулоти соҳаи саноат нисбат ба кишоварзӣ тағйир ёфт. Ақибмонию норасоии техникию технологӣ дар самти истеҳсоли шир боиси коҳишёбии миқдорию сифатӣ шуда, ҳамзамон ба суст гардидани ҳавасмандии мутахассисони баландихтисос, дараҷаи иқтисодии соҳа, афзоиш ёфтани сатҳи рақобат, хусусан аз тарафи молворидкунандагони бурунмарзӣ дида мешаванд. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорвои ширдеҳ ҳамчун муҳимтарин омили ба эътидол овардани иқтисодиёти кишвар ва таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ муҳим ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Чуноне ки олим Н.Я. Коваленко иброз медорад, «самаранокӣ категорияи иқтисодиест, ки натиҷаи истеҳсолотро дар муқоиса бо захираҳои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ дида мебарояд» [139].

Дар асарҳои муҳақиқони соҳа А.В. Добринин., [64] А.П. Зинченко., [68, С.8-12] Ф.Ф. Бездудний., [134, С.3] Н.Н. Шумейко., [167, С.22] С.С. Сергеев., [117, С.64] Ҷ.Ҷ. Саидмуродзода., [159, С.77] А.А. Мадаминоа., [162] ва дигарон ба ин масъала бахшида шудаанд.

Ба фикри мо ҳангоми муайян кардани моҳияти самараи истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ҳамфикрии ягона вуҷуд надорад, аммо равишҳои ҷудогонаи онҳоро ҷудо кардан мумкин аст.

Нишондиҳандаи самаранокӣ дар асоси муайян кардани ҳаҷми афзоиш ё арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, яъне натиҷаи бадастомада асос наёфтааст. Самаранокӣ одатан таъсирро фарқияти байни натиҷа ва хароҷот, ки дар шакли арзиши иловашуда, фоида, даромади умумӣ ё соф ҳисоб карда мешавад, ифода менамояд. Чунин равишро бештар дар асарҳои Э.Н. Райхлин., [107, С.319] О.Ф. Лопотина., [82, С.264] И.Н. Буздалов ва П.А. Шулейкин., [55, С.75] П.И. Дугин., [66, С.284] О.А. Родионова., [111, С.294] Н.Я. Коваленко., [74, С.384] Т.Н. Сихан., [155, С.40-43] А.И. Колобова., [75, С.267-269] В.В. Новожилов., [96, С.55] С.А. Данкверт., [138, С.121] И.П. Глебов [58, С.75-79] Ш.Ш. Бозоров., [54, С.3-15] В.А. Добринин., [64, С.47] Й. Ворст., [57, С.114] акс ёфтаанд. Ҳангоми арзёбии самаранокӣ нишондиҳандаеро истифода мебаранд, ки таносуби даромад ва хароҷотро тавсиф мекунад. Чунин таърифҳои самаранокиро Р. Пиндайк., [101, С.86] Рубинфелд [112, С.194] М. Портер., [105] Ф.М. Рачабов [109] ва дигарон пешниҳод намудаанд.

Академики ватанӣ Н.К. Қаюмов бозорҳоро муаррифӣ намуда, нақши нархро (самаранокӣ) чунин баён намудааст: «Бозор ахборро асосан ба шакли нарх хабар медиҳад. Агар мол ё омили истеҳсолӣ коҳиш ёбад, нархи он меафзояд. Афзуншавии нарх ба истеъмолкунандагон хабар медиҳад, ки ин маҳсулотро бояд сарфа намуд, аммо истеҳсолгарон бошанд ҳаракат менамоянд, ки намуди ин маҳсулотро зиёд гардонанд» [1-М, С.144]. Ба фикри мо ин ақида чун муайянкунандаи таъмини самаранокии истеҳсолот баромад менамояд.

Чуноне ки И.А. Маликов навиштааст: «Соҳаи чорводори нисбат ба соҳаи зироаткорӣ чандирии бештарро оид ба дигар намудани ҳаҷми истеҳсолот дорост. Ин хусусияти соҳа имконияти самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷударо дар асоси ёфтани ҳаҷми оптималии

истеҳсолот, ки даромаднокии зиёдро таъмин намуда, ба он мусоидат мекунад» [1-М, С.144].

Пиризода Ҷ.С. оиди масъалаҳои «инфрасохторҳои хизматрасонӣ, ки соҳаи кишоварзиро ба воситаҳои истеҳсолот таъмин менамоянд ва хариду фурӯши маҳсулоти истеҳсолшударо амалӣ мегардонанд, ки дар натиҷа сифати маҳсулот баланд гашта, талафоти онҳо коҳиш меёбад. Хусусан, дар соҳаи чорводорӣ, аз он ҷумла самти ширдеҳ, ки ба самаранокии ниҳоии он таъсир мерасонад» [1-М, С.145] фикру ақидаи худро иброз намудааст.

Олим Шарифов З.Р. нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва меъёрҳои онҳоро чунин пешниҳод менамояд, ки «критерияи самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ин афзоишёбии маҳсулнокии меҳнати ҷамъият, ҳамчун таносуби нисбати даромади миллӣ (даромади умумӣ) ба захираҳои истифодашуда мебошад» [1-М, С.145].

Р.Носиров., А.С. Олимзода ҳамчун нишондиҳандаи умумӣ «самаранокии комплекси агросаноати соҳа истеҳсоли мушаххаси зироат, маҳсулот дар асоси индекси истифодабарии ҳамаи захираҳо бо намуди формулаи мушаххас пешниҳод намудааст, ки гирифтани истеҳсоли маҳсулоти умумӣ, даромад, фоида аз як воҳиди замини истифодашуда, ба як одам соат, харочоти истеҳсолӣ ва фоизҳои асосиро дар назар дорад. [1-М, С.145].

И.С. Ашуров [47, С.128] А.А. Мадаминов самаранокиро ҳамчун истеҳсоли маҳсулоти босифат бо сарфи камтарини меҳнат ва маблағ ба ҳар воҳиди маҳсулот муаррифӣ намудаанд [83, С.300].

В.В. Новожилов мафҳуми самаранокиро чунин шарҳ медиҳад: «Ин таносуби самараи судманд (натиҷа) нисбат ба харочоти ба даст овардани он мебошад» [96, С.432].

В.В. Добринин бар он ақида аст, ки «самараи иқтисодии истеҳсолоти соҳаи кишоварзиро истифодаи воситаҳои истеҳсолот ва меҳнати зинда, инчунин даромади маблағгузории умумӣ, самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро муайян мекунад» [64, С.46] .

Самаранокӣ ба мо имкон медиҳад, ки раванди такористеҳсоли

иқтидори захираҳоро нишон диҳем ва гуногунҷанбаи онро инъикос кунем.

Н.Я. Коваленко тафсири самаранокиро чунин қайд менамояд, ки «ин истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ва шахсӣ мебошад» [74, С.384].

Ба фикри мо, самаранокӣ ин истифодаи оқилонаи захираҳо барои қонеъ гардондани талабот мебошад. Яъне, мақсади асосӣ ин қонеъ намудани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ-иқтисодии шахс ба ҳисоб меравад.

Э.Г. Лисенко мафҳуми «самаранокии экологию иқтисодӣ»-ро ба илм ворид менамояд. Агар соҳаи истеҳсолоти хоҷагии кишоварзиро ба назар гирем, пас самараи экологӣ ва иқтисодӣ дар он аст, ки талаботи одамон ба озуқаворӣ то ҳадди имкон қонеъ карда шавад. Инчунин, таъмини арзиши миёнаи истеҳсолӣ ва ба даст овардани маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза бо нигоҳ доштани ҳосилхезии хок ва мувозинати табиии муҳити зист мебошад [140, С.40-43].

Ба ақидаи мо, ҳангоми тавсифи натиҷаи ниҳоӣ мафҳумҳои «самара» ва «самаранокии иқтисодӣ»-ро бояд фарқ кард. Самара -ин натиҷаи ин ё он фаъолияти инсон аст. Самаранокии иқтисодӣ натиҷаҳои истеҳсолиро пурра бо хароҷоти моддию пулӣ инъикос менамояд.

Аз таҳқиқоти гузаронидашуда чунин бармеояд, ки истеҳсолот ва хусусан маҳсулоти чорводорӣ бо назардошти чорабиниҳои зерин имконпазир аст:

- истифодаи техника, технологияи инноватсионӣ ва истифодабарии оқилонаи онҳо;
- маблағгузорӣ ва сармоягузориҳои муайян барои таъмини вориди инноватсияҳо дар соҳа;
- такмили механизми истифодабарии усулҳои муосири идоракунӣ;
- бароҳмонӣ ва суръатбахшии рушди ҳамкорӣ ва ҳамгироиҳо;
- самаранок татбиқ намудани роҳҳои фурӯши маҳсулот.

Дар доираи ин раванд, ду самти гуногуни муайян намудани самаранокии истеҳсолотро ҷудо намудан мумкин аст: «хароҷотӣ» ва

«захиравӣ». Баъзе муаллифон зарурати фарқи байни ин самтҳоро нишон медиҳанд. Дар асарҳои Т.Н. Чечелева зарурати аниқ кардани категорияҳои «ҳароҷот» ва «захира»-ро нишон медиҳад, ки дар вақти ҳисоб намудани самараи истеҳсолоти чамъиятӣ кадоме аз ин категорияҳо бояд ба назар гирифта шавад. Т.Н. Чечелева [156, С.127] захираҳоро чунин муайян мекунад, ки «онҳо на танҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, инчунин он иқтидоре, ки (бевосита дар истеҳсолот иштирок намекунанд) ба мисли сарватҳои табиӣ, меҳнатӣ ва моддӣ. Мафҳуми хароҷот назар ба захираҳо мафҳуми маҳдуд буда, танҳо онҳоеро дар бар мегирад, ки бевосита дар истеҳсолот иштирок мекунанд» [156, С.38].

Ҳамин мавқеъро баъзе муаллифони дигар дасгирӣ менамоянд, масалан, Т.С. Хачатуров «ҳароҷотро ҳамчун як қисми захираҳои дар ҷараёни истеҳсолот истифодашаванда мешуморад» [154, С.129-141].

Зумраи олимон дар меҳвари ин ақида барои муайян намудани моҳияти самаранокии истеҳсолот на ҷузъӣ, балки миқдори сифатии ҷузъи самараи бадастомадаро меҳисобанд. Дар асарҳои П. Пухляков ҷиҳатҳои иҷтимоии категорияи самара, ба таври комилан пурра қонеъ гардондани талаботи моддию маънавии инсон асос ёфтааст. Ба ақидаи ӯ, самараи иқтисодӣ «раванди алоҳидаи фаъолияти одамро дар соҳаҳои моддии истеҳсолот инъикос намуда, ҷиҳатҳои иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад» [106, С.80].

Сарфи назар аз он ки усули хароҷоту захира маъмултарин аст, он як қатор камбудиҳоро доро мебошад. Мисол, А.В. Белокопитов камбудиҳои асосии ин равишро дар парокандагӣ ва ретроспективӣ мебинад [50, С.84].

Воқеан, дар доираи ин равиш, хароҷот ва натиҷаҳо дар як лаҳзаи мушаххас муқоиса карда мешаванд ва ин нишон дода наметавонад, ки ин натиҷаҳо барои рушди минбаъдаи субъекти хоҷагидорӣ кифоя аст ё не? Ин масъала дар доираи равиши такрористеҳсол ҳал карда мешавад.

Ба ақидаи В.Р. Баев муносибати такрористеҳсолӣ аз арзёбии паҳлуҳои сифатии рушди сармояи пулӣ ва инсонӣ иборат аст. Дар доираи ин равиш

самаранокӣ «таъмини такрористеҳсоли васеи маҳсулот, захираҳои меҳнатӣ, муҳити табиӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ»-ро мефаҳмонад [53, С.218].

Дар ин маврид нақши меъёри самаранокиро «имконияти худмаблағгузорӣ барои таъмини такрористеҳсолкунии васеъ» мебозад. В.А. Свободина, М.В. Свободина [150, С.19,23].

О.А. Родионова чунин мешуморад, ки «самаранокии истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ташаккули маҷмуаи шароити такрористеҳсолии васеъро таъмин менамояд, ки ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ва рушд муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию ахлоқӣ ва экологӣ, ба даст оварда шаванд» [111, С.294]. В.Л. Иноземсев «камбудии ин равиш маҳдудияти қисми пешбинишавандаи захираҳо, махсусан мутахассисони баландихтисос мебошад. Илова бар ин, муайян намудани таъсири воқеии амалиётҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ба истеҳсоли васеъ душвор аст» [70, С.232].

Баъзе муаллифони ватанӣ оид ба «самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат усулҳои ташкили истеҳсолот, самаранокии шаклҳои хоҷагидорӣ, фикри мушаххаси худро дороянд». Аз он ҷумла, профессори фахрии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, У.Ш. Шарофов «бурдбориро дар рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзии мамлакат дар асоси минтақабандии ҳамворӣ, наздикӯҳӣ, кӯҳӣ ва баландкӯҳ мебинад» [124, С.106-129].

Дотсент Ш. А. Бобоазиззода дар корҳои илмии худ самаранокиро чунин маънидод намудааст, ки «самаранокии иқтисодӣ - ҷорӣ намудани андозаҳои иқтисодӣ, таносуби таъсир ё натиҷа ба хароҷоте, ки боиси ноил шудан ва даромади максималии миқдори маҳсулотро бо хароҷоти камтарин; барои истеҳсоли маҳсулот мефаҳмонад» [52, С.144].

Андешаи И.А. Маликов чунин аст: «Соҳаи чорводорӣ нисбат ба соҳаи зироаткорӣ чандирии бештарро оид ба дигар намудани ҳаҷми истеҳсолот дорост. Ин хусусияти соҳа имконияти самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷударо дар асоси ёфтани ҳаҷми оптималии истеҳсолот, ки

даромаднокии зиёдро таъмин менамояд, мусоидат менамояд» [85, С.124].

Гурӯҳи дигари олимони тоҷик, доир ба самаранокии истеҳсолии соҳаи растанипарварӣ ва намудҳои алоҳидаи маҳсулоти он корҳои илмии зиёде намудаанд чунончи; Р. Насиров., И.Ҳ. Самандаров., Т.М. Мирзоев., И.Ш. Шукуров., чунин қайд менамоянд, ки «самаранокӣ категорияи муҳимми иқтисодӣ буда, муносибатҳои муайяни истеҳсолоти кишоварзӣ, аз қабили муносибате, ки дар соҳаи мазкур дар асоси истифодабарии пойгоҳи захираҳои истеҳсолию табиӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат бо ашёи хом, нигаронида шудааст, вуҷуд дорад» [93, С.106].

А.Х. Олимов чунин баён намудааст: «Самаранокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои фаъолиятро аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ оид ба рушди минбаъдаи қуввахои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян намуда, дараҷаи ноил шудан ба ин ҳадафро инъикос менамояд. Дар робита ба соҳаи кишоварзӣ, самаранокӣ бояд ҳамчун натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳое, ки барои баланд бардоштани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ ва саноат бо ашёи хом нигаронида шудаанд, баррасӣ карда шавад» [144, С.124-130].

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда бо назардошти ақидаҳои як қатор олимон, ки бархеашон аз ҳамдигар фарқият доранд, онҳоро ба шакли зерин гурӯҳбандӣ намудаем (ҷадвали 1.1.).

Ҷадвали 1.1. -Тафсири мафҳуми «Самаранокӣ»

Ному насаби Муаллифони хориҷӣ	**Ақидаи муаллифон**
Н.Я. Коваленко	Самаранокӣ ба мо имкон медиҳад, ки раванди такрористеҳсоли иқтидори захираҳоро нишон диҳем ва гуногунҷанбаи онро инъикос кунем. Чунин тафсири самаранокиро қайд менамояд: «Меъёри олии самаранокӣ пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, шахсӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда мебошад» [139, С. 297].
Э.Н. Райхлин	Ченакҳои баҳодиҳии онҳо, нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба категорияҳои «рушди иқтисодӣ», «афзоиши иқтисодӣ» ва «самаранокии иқтисодӣ» таҳлил тавсия шуда, моҳияти иқтисодии ҳар яки ин категорияҳоро мушаххас арзёбӣ намудааст [107, С.319].

Идомаи ҷадвали 1.1.

В.В. Новожилов	Самаранокӣ ин таносуби самараи судманд (натиҷа) ба ҳароҷоти ба даст овардани он мебошад [96].
С.А. Данкверт	Дар зери мафҳуми самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ афзоиши миқдор ва сифатнокии маҳсулоти зарурӣ фаҳмида мешавад [138, С.75-79].
И.М. Куликова	Самаранокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар асоси конунҳои объективии иқтисодӣ амал намуда, самараи раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавиро инъикос менамояд. Ба маънои классикӣ самаранокӣ «хусусияти умумии сифати рушди иқтисодӣ, робитаи байни хароҷот ва натиҷа» ва самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ «категорияи иқтисодиест, ки самаранокии истеҳсолотро дар муқоиса бо захираҳои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ» инъикос менамояд. [59, С.818-819].
В.А. Добринин	Аз истифодаи воситаҳои истеҳсолот ва меҳнати зинда, инчунин «даромади маблағгузории умумӣ» самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии кишоварзиро муайян мекунанд [64, С.47].
И. Буздалов	Самаранокии иқтисодӣ дар соҳаҳои муайян (самаранокии истеҳсолот, муомилот, истеъмол), бо омилҳои раванди истеҳсолот (самаранокии сармоягузориҳо, таҷҳизоти нав, воситаҳои асосии истеҳсолӣ, қувваи корӣ), бо соҳаҳо ва зерсоҳаҳои иқтисодиёти хоҷагии халқ, корхонаҳо, воҳидҳои сохторӣ дар корхонаҳо, бо соҳаҳо ва минтақаҳои истеҳсолӣ (парвариши зироатҳо, чорводорӣ, ғалладонагиҳо, гӯшт, шир ва ғайра) вобастагӣ дорад [55, С.3-15].
Р. Насиров	Барои муайян намудани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои он меъёр ва низоми нишондиҳандаҳо, ки аз моҳияти қонуни иқтисодии асосӣ ба вуҷуд омадаанд, вуҷуд доранд [92, С.61].
А.А. Мадаминов	Таърифи самараро чунин шарҳ додаанд: «Самараноки бо хароҷоти камтарини меҳнат ва маблағ ба ҳар воҳиди маҳсулот барои пурратар қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти аълосифат хос аст» [83, С.67].
Ҷ. С. Пиризода	Самараноки ҳамчун таносуби натиҷаи истеҳсолот ба сарфи хароҷоти истеҳсолӣ (захираҳои истеҳсолӣ) ҳисоб карда шуда, яке аз критерияҳои мураккаби иқтисодӣ буда, бузургиаш ба таъсири омилҳои гуногун вобаста аст [164, С.108].
З. Р. Шарифов	Мафҳуми «самаранокӣ» бо мақсади таъмини раванди устувори истифодаи замин ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, арзиши нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои самаранокии иқтисодии хоҷагии халқ ва тиҷоратиро бояд ворид намоем [122, С.444].

Идомаи ҷадвали 1.1.

Ш. А. Бобоазиззода	Самаранокии иқтисодӣ - ҷорӣ намудани андозаҳои иқтисодӣ, таносуби таъсир ё натиҷа ба хароҷоте, ки боиси ноил шудан ва даромади зиёди миқдори маҳсулотро бо хароҷоти камтарин барои истеҳсоли маҳсулот мефаҳмонад [52, С.144].
И.А. Маликов	Соҳаи чорводорӣ нисбат ба соҳаи зироаткорӣ чандирии бештарро оид ба дигар намудани ҳаҷми истеҳсолот дорост. Ин хусусияти соҳа имконияти самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷударо дар асоси ёфтани ҳаҷми оптималии истеҳсолот, ки даромаднокии зиёдро таъмин менамояд, мусоидат менамояд [86, С.96].
А. Х. Олимов З.Н. Аминзода	Самаранокии иқтисодӣ ин категорияе мебошад, ки истеҳсолотро аз нуқтаи назари мутобиқат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ дар инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, ки сатҳи ноил гардидани мақсадҳои ҷамъиятиро инъикос ва тавсиф менамояд баррасӣ карда шавад [97, С.8].
З.Ф. Раҷабов	Самаранокии иқтисодӣ ин расидан ба натиҷаи баландтарин, ки мақсади асосӣ - қонеъ гардондани эхтиёҷоти иҷтимоию шахсӣ ва кам кардани арзиши аслии маҳсулот мебошад [147, С.150].
А.С. Олимзода	Ба фикри мо, «самаранокии иқтисодӣ» бояд самараи ниҳоии фаоъияти пурсамари хоҷагӣ барои ба даст овардани миқдори зиёди маҳсулот аз ҳар сар чорво бо хароҷоти камтарини моддӣ ва маънавӣ бо назардошти таъмини воситаҳои истеҳсолот, молиявӣ, захираҳои меҳнатӣ, илмию техникӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо мебошад.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ.

Инкишоф ин падидаи дарозмуддатест, ки бо қонуниятҳои сабаби қувваҳои пешбаранда ва роҳҳои амалӣ гардонидани онро дар бар мегирад.

Олими хориҷӣ И. Шумпетер тибқи назарияи «рушди иқтисодӣ ин тағйироти миқдорие аст, ки дар афзоиши истеҳсолот ва истеъмоли ҳамон намуд молу хизматрасониҳое, ки дар вақти муайян ифода меёбанд, фаҳмида мешаванд. Тараққиёти иқтисодӣ ин тағийрёбии сифатӣ ва навоварие, ки дар истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ, идоракунӣ ва умуман дар иқтисодиёт истифода мешаванд ҳамчун инноватсия ҳисобида мешаванд» [127, С.214].

Омӯхтани фикр ва ақидаи олимони соҳавӣ, аз он ҷумла иқтисодии аграрӣ оиди самаранокии иқтисодӣ, Э.Н. Райхлин «ченакҳои баҳодиҳии онҳо, нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба категорияҳои «рушди иқтисодӣ», «афзоиши иқтисодӣ» ва «самаранокии иқтисодӣ» таҳлил тавсия шуда, моҳиятҳои иқтисодии ҳар яки ин категорияҳоро мушаххас арзёбӣ намудааст» мо низ ба ақидаи олим Э.Н. Райхлин ва Ҷ.С. Пиризода [145,

С.108] ҳамфикр мебошем [107, С.319].

Аз таҳлилҳои гузаронидашудаи олим Э.Н. Райхлин маълум гардид, ки мафҳуми «самаранокии истеҳсолот», модели аввалини муайян намудани самаранокии итсеҳсолотро чун таносуб байни натиҷаҳои иқтисодӣ ва хароҷоти захираҳои ба он сарфшуда инъикос менамояд, ки онро чунин муаррифӣ намудааст: «Даромад-Хароҷот=Самаранокӣ». Ба ғайр аз он дар илм якчанд равишҳои муайян кардани самараноки вуҷуд дорад ва онҳо дар байни худ мухолифат надошта, балки ҳамдигарро комилан ғанӣ менамоянд, ки ба як шакли муайян оварда шудаанд. «Рушди иқтисодӣ»-ин дигаргуншавии мусбии сифатие мебошад, ки афзоишро таъмин менамояд. Яъне, чунин хулосабарӣ намудан мумкин аст, ки «афзоиши иқтисодӣ» ин тағйирёбии мусбии миқдорие мебошад, ки бо назардошти гузаштани вақт дар натиҷаи самаранокии истеҳсолот ба даст меояд. Самаранокиро ҳамчун омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ дар адабиёти муосири хориҷӣ ба категорияи дар асл якҷояшавии муносибатҳои «даромад-хароҷот-истеҳсол» шарҳ додан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Омӯзиши таҳлилҳои амалигашта нишон доданд, дар равияи илми иқтисодӣ якчанд намудҳои муайян кардани самаранокӣ вуҷуд доранд, ки байни худ мухолиф набуда, балки ҳамдигарро комилан ғанӣ мекунанд ва онҳоро ба шакли зерин муаррифи менамоем [1-М, С.145]. (ҷадвали 1.2.)

Ҷадвали 1.2. - Усулҳои асосии меъёрҳои арзёбии самаранокӣ

Усулҳо	Асос	Меъёрҳои арзёбии самаранокӣ (натиҷабардорӣ)
Аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоӣ	Мактаби менеҷменти илмӣ	Аз рӯйи таносуби арзиши аслии маҳсулот, хароҷот-истеҳсолот
Бо равандҳои дохилӣ	Мактаби муносибатҳои инсонӣ ва илмҳои рафторӣ	Оиди муносибатҳои иҷтимоӣ ҷамъиятӣ дар ташкилотҳо
Дар асоси захираҳо	Назарияи умумии система	Оиди таъмин бо захираҳои берунӣ ва натиҷаи истифодаи онҳо
Бо назардошти манфиатҳои гурӯҳҳои берунӣ ва дохилӣ	Консепсияи тавозуни манфиатҳо	Аз рӯйи дараҷаи қонеъ гардонидани гурӯҳҳои манфиатдор (берунӣ ва дохилӣ)

Сарчашма: Таҳияи муаллиф [1-М, С.145]

Дар адабиёти муосири самти иқтисодӣ оварда шудааст, ки аз захираҳои маҳдуди вуҷуддошта, ҳар чи бештар натиҷа ба даст овардан лозим яъне дар ниҳоии мафҳуми овардашуда мо самаранокӣ ва сарфакориро дар назар дорем.

Амалӣ гаштани фаъолият-истеҳсолот ба таври муқоиса байни натиҷаи ниҳои ва хароҷот бо назардошти меҳнати зинда ва ҳам меҳнати гузашта дар мол таҷассум ва муайян намудан лозим аст.

Чуноне ки маълум аст, дар айни замон дар байни олимон, иқтисодчиён тарафдорони муносибатҳои такористеҳсолкунӣ ҳангоми таҳқиқоти «самараи иқтисодӣ» торафт бештар пайдо гашта истодаанд ва онро чунон маънидод мекунанд, ки «дараҷаи самаранокии раванди ҷараёни такористеҳсолкунӣ на танҳо аз афзоиш ёфтани самараи истеҳсолот, балки марҳалаҳои минбаъда; тақсим, мубодила, ва истеъмол низ вобаста аст. Бо ин муносибат дар адабиёти иқтисодӣ назарҳои гуногун оиди мавҷудияти як ё якчанд ченакҳои самаранокии он оварда шудаанд» [152, С.66].

Олими рус О.Ф. Лопатина бар он ақидааст, ки «меъёри самаранокиро ҳамчун афзоиши истеҳсолоти умумӣ, даромади умумӣ ва соф, сарфи харақоти меҳнат ва захираҳои моддӣ, афзоиши истеҳсолот ва даромади миллӣ ба ҳар як нафар, ва воҳиди харақотҳои умумӣ истеҳсолӣ меҳисобанд» [82, С.264]. Дар баробари он И.Н. Буздалов ва П.А. Шулейкин «ҳамчун нишондиҳандаи аввалиндараҷа ҳаҷми маҳсулоти гирифташуда ва даромаднокии истеҳсолотро мешумориданд» [55, С.75].

Ба таври мушаххас дар сатҳи субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ (корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аҳолӣ молистеҳсолкунандагони дигар), пеш аз ҳама истифодаи самарабахши захираҳои алоҳидаро (замини, меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ) дар хоҷагиҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳои коркарди шир, (агар он махсус гардонида шуда бошад) (фермаҳои ширию молӣ) як қисми истеҳсолшудаи ширро, ҳамчун маҳсулоти молӣ арзёбӣ кардан мумкин аст». «Барои баҳо додан ба самаранокии ниҳоии истеҳсоли аз чунин нишондиҳандаҳо истифода бурдан

мумкин аст: дӯшидани шир аз як сар модагов, истеҳсоли шир ба 100 гектари замини киштзор хоҷаги ба сари ҳар як нафар коргар ва ё (як воҳиди вақти корӣ) ва инчунин истеҳсоли маҳсулоти асосӣ ва фоидаи бадастомада ва ғайраҳо, истифода бурдан зарур аст» [1-М, С.145].

Аммо хусусиятҳои амалӣ кардани субъектҳои иқтисодӣ дар шароити бозоргонӣ на танҳо истеҳсолоти самарабахш, балки фаъолияти беҳтарини тиҷоратиро барои бадаст овардани даромад талаб менамояд. Нишондодҳои сунъии самаранокии истеҳсоли ширро ҳамчун соҳаи даромаднок муаррифӣ ва фоидаро аз таносуби гирифтани даромад аз фурӯши маҳсулот ва хароҷот барои истеҳсоли он инъикос менамояд [1-М, С.145].

Ғайр аз ин, ҳангоми баҳодиҳии раванди такристеҳсолкунии истеҳсолот дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ аксар нишондодҳои идоракунии соҳа, ки баҳодиҳии номустақими истифодаи шаклҳои захираҳои алоҳида ва комёб шудан ба рушди мақсадҳои дар пеш гузошта, ки бо нишондиҳандаҳои миқдори ва сифатӣ ифода ёфтааст, истифода карда мешаванд. Истеҳсолот ҳангоми баҳо додан ба натиҷаҳои ниҳоии худ бояд нишондиҳандаҳои самаранокиро истифода барад. Инъикос намудани андозаҳои рушди баҳодиҳи воқеӣ аз андозаҳои ба нақшагирифташуда ба таври муносиб инъикоси натиҷаи сифати қарорҳои идоракунии қабулшуда ва системаи идоракунии меҳнатро ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ нишон медиҳад. Дар асоси нишондиҳандаҳое, ки самаранокиро муаррифӣ менамоянд, тахмин намуда, омилҳои ба он таъсиркунандаро муайян ва роҳҳои беҳтар намудани онҳоро тавсия намуда, дар он дигар омилҳо ҷой дошта метавонад. Дар маҷмуъ, таъсири ба воситаи худро дар оянда на танҳо ба соҳаи мазкур, балки ба дигар соҳаҳо низ расонида метавонанд [1-М, С.146].

Таъсири самара ҳам дар шакли арзӣ ва ҳам дар шакли натуравӣ бо намуди сарфаи захираҳо ё нишондиҳандаҳои натиҷаи иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад. Аммо онҳо дар бораи куллан фоидаоварии истифодаи захираҳо маълумот дода наметавонанд, чуноне ки технологияҳои гуногун метавонанд

натиҷаҳои фарқкунанда диҳанд ё баръакс, хароҷотҳои гуногун метавонанд ҳамон як натиҷаро диҳанд. Аз ин рӯ, самаранокии ба даст овардашударо бояд дар асоси муқоиса намудани захираҳои зарурӣ, ки барои истеҳсоли он заруранд, амалӣ намудан ҳатмист. Ҳангоми муайян намудани самаранокии рушди соҳаҳо, аз ҷумла, чорвои ширдеҳ ба ғайр аз натиҷаҳои мутаносибан чен намудани хароҷот инчунин бояд тағйироти амалигаштаро дар шароити иҷтимоии коргарони хоҷагиҳои чорводорӣ ва ҳам дар аҳолӣ, инчунин нигоҳ доштани ҳолати экалогии муҳитро ба назар гирифтан зарур аст [1-М, С.146].

Барои бештар мутобиқ шудани субъектҳои хоҷагидорӣ ба муҳити бозор омилҳоеро муайян кардан зарур аст, ки ба ҳудудҳои соҳа ва самаранокии рушди он бештар таъсир мерасонанд.

Мо ба нуқтаи назари П.И. Дугин ҳамроҳ шуда, онро дастгирӣ менамоем, ӯ чунин мешуморад, ки «дар шароити иқтисодиёти устувор, ки ба самаранокии фаъолияти система таъсир мерасонанд, омилҳои дохилӣ афзалиятнок ва судманд мебошанд» [66, С.284].

Ба назари мо омилҳои муҳити берунаро бо нишонаҳои зерин муаррифӣ намудан мумкин аст:

– муҳити иқтисодӣ, ки дар он фаъолияти корхона таҷассум мегардад, ҳуқуқӣ, мавҷудияти ташкилот, хоҷагӣ, корхонаҳои коркарди саноатии шир, рақибон, корхонаҳое, ки дар самти мазкур амал мекунанд;

– ҳолати сиёсӣ-иҷтимоӣ молиявӣ, сиёсати гумрукӣ, сармоягузории давлат, низоми андоз, содирот ва воридоти маҳсулот чи дар бозорҳои бурунмарзӣ ва дохилӣ (аз он ҷумла, дар самти сиёсати кишоварзии давлат);

– муҳити илмӣ-техникӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлим, табиат, ҳуқуқ, дар натиҷа дигаргуншавии хоҷагидорон ба таъсири онҳо бояд мутобиқ шуда, то ба ҳадди ақал коҳиш диҳанд.

Омилҳои беруна бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, аз якдигар вобастагӣ доранд. Барои пурра ва ба таври кофӣ муайян кардани таъсири омилҳои ҷойдошта, таъсири омилҳои дохилиро низ мавриди таҳқиқ қарор

медиҳем ва муайян менамоем, ки то кадом андоза онҳоро идора ва ба мақсади гузошташуда самаранокии истеҳсолотро таъмин намоем.

Дар баробари омилҳои беруна омилҳои дохилие вуҷуд дорад, ки ба самаранокии соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла чорвои калони шохдор самти ширдеҳ таъсири худро мерасонанд ва онҳоро ба таври зерин муаррифӣ менамоем:

– молия: маблағгузорӣ, қарз, кумаки давлат коҳиш ёфтани фоизҳои хизматрасониҳои қарзӣ аз он ҷумла лизинг;

– пойгоҳи моддӣ-техникӣ: биноҳо, таҷҳизот, маҷмуи мошинолотҳое, ки дар соҳаи чорводорӣ;

– технологияи истеҳсоли шир (таъмини такрористеҳсолкунии васеъ зиёд кардани наслгирӣ, корҳои зотпарварӣ, хушзоткунӣ, истемаи истеҳсол ва таъмини хӯрокаи чорво, шаклҳои нигоҳубини чорво, системаи табдирҳои бойторӣ ва ғайра);

– ташкил (ҳаҷм ва ҷойгиршавии фермаҳо, бригадаҳо, ҳайат ва сохтори пода, таъминоти моддию техникӣ, маркетинг).

Ба назар гирифтан ва амалӣ намудани онҳо, ки дар маҷмуъ бевосита ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот соҳа, зеркомплекс таъсири мусбии худро мерасонанд.

Ба ғайр аз омилҳои дар боло акс ёфта, омилҳои сифатие, ки ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагиҳо, молистеҳсолкунандагон, ки таъсир худро мерасонанд ба таври зайл пешниҳод менамоем (ҷадвали 1.3.).

Чуноне ки аз маълумоти ҷадвали 1.3. бар меояд, ҳар яки онҳоро меъёрҳо, нишондиҳандаҳо омилҳои асосӣ чунин тасниф намуда, шакл ва таъсири онҳо дар алоҳидагӣ хеле мушаххас шудаанд, сода ва фаҳмо мебошанд. Масалан, ба ҳаҷми истеҳсолот ва хароҷоти он кадом омилҳои асосӣ таъсири бевоситаро дороянд ва шакл ё дараҷаи ҳар яки онҳо чи тавр мебошанд.

Ҷадвали 1.3.- Таснифоти омилҳое, ки ба арзиш, нархи фурӯш ва ҳаҷми истеҳсоли шир таъсир мерасонанд.

Меъёрҳо (нишондиҳандаҳо)	Омилҳои асосӣ	Шаклҳо ё дараҷаи таъсири онҳо
Ба ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ ва миқдори маҳсулот таъсир мерасонанд	Ҳавасмандии моддии коргарон оид ба сарфакорона истифода бурдани захираҳо	Ҳампайвастагии сарфаи харaҷоти истеҳсолӣ бо музди меҳнат
	Махсусгардонӣ ва якҷоякунии истеҳсолот	Махсусгардонӣ ва ҳаҷми оқилонаи истеҳсолот, ки барои самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ мусоидат намуда, инчунин барои ворид намудани навоварӣ ва инкишофи механикониии комплексии равандҳои технологӣ шароитҳои мусоид фароҳам меоваранд.
	Технологияи инноватсионӣ	Афзоиши маҳсулнокии чорво сарфакорӣ дар истифодаи захираҳо мусоидат менамоянд.
Таъсиркунанда ба миқдори харaҷоти истеҳсолӣ	Меҳнатталабии истеҳсолот	Баланд шудани дараҷаи механикониии равандҳои истеҳсолӣ хароҷоти зиндаро барои истеҳсоли маҳсулот коҳиш медиҳад, вале на ҳама вақт дар баробари он музди меҳнат мутаносибан коҳиш меёбад.
	Фондғунҷоиши истеҳсолот	Афзоиши истифодаи фондҳои асосӣ боиси кам шудани хароҷот мегардад.
	Масолеҳғунҷоиши истеҳсолот	Хароҷот барои коҳиш додани масолеҳ аз ҳисоби истифодаи сарфакоронаи воситаҳои гардон ё истифодаи масолеҳи камарзиштар.
Ба ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот таъсир мерасонанд	Саршумори чорво (модагов) миқдорӣ	Зиёдшавии модаговҳо (дар шароити омилҳои бетағйир) боиси афзудани истеҳсоли маҳсулотҳои шир мегардад.
	Маҳсулнокии модаговҳо (сифатӣ)	Афзоиши маҳсулнокии чорво (дар ҳолати доимии саршумори чорво) истеҳсоли умумии шир зиёд мегардад.
	Технологияи нигоҳубин ва хӯронидани чорво	Риояи технология ё ворид намудани дигаргуниҳои инноватсионӣ, ки афзоиши маҳсулнокии чорворо (модаговро) таъмин менамояд.
Таъсир ба нархи фурӯш	Параметрҳои сифати маҳсулот	Беҳтар намудани сифати шир нархи фурӯши онро баланд бардошта, ба сатҳи даромаднокӣ таъсир мерасонад.
	Вазъи бозор	Зиёд будани талабот аз таклифот боиси афзоиши нархи маҳсулот мегардад ва баръакс.
	Танзими давлат	Шаклҳои танзими нарх, ки давлат истифода мебарад.

Сарчашма: Таҳия ва пешниҳоди муаллиф

Мо дар ҷадвали мазкур 1.3. нишондиҳандаҳоро амалан ба 4-гурӯҳ ҷудо намуда, таъсири ҳар яки онҳоро баён намудаем, ки пешниҳод ва талаботро баробар ва натиҷаи дилхоҳи ҳарду тарафро таъмин менамояд.

Нишондиҳандаҳои (синтетикии) сунъии самаранокии истеҳсоли шир сатҳи даромаднокии он мебошад, ки таносуби фоида аз маҳсулоти фурӯхташуда ва хараҷоти истеҳсолии онро инъикос менамояд.

Хусусан, аз сабаби оне ки дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ бозгашти воситаҳои истеҳсолот, воситаҳои асосӣ, харочоти капиталӣ, аз давраи истеҳсолӣ, ки тулонӣ мебошад, даромаднокии истеҳсолоти соҳаи мазкур, махсусан дар солҳои аввали маблағгузорӣ на чандон натиҷаи баланд ва дилхоҳ медиҳад.

Дар охир чунин тазаккур намудан ба маврид аст, ки моҳияти иқтисодии рушди зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ на танҳо дар самараи истеҳсолот, дар ҳамаи марҳалаҳои такористеҳсолкунӣ ба даст омада, то чи андоза асоснок мебошанд мавқеи хосро ишғол менамоянд. Масалан, харочоти якхела ба захираҳо дар технологияҳои гуногун метавонанд натиҷаҳои гуногун диҳанд ва ҳамин гуна баръакс, харочоти гуногун метавонанд хело натиҷаҳо диҳанд.

Аз ин рӯ, самараи бадастомада бояд бо захираҳое, ки барои ноил шудан ба он заруранд, муқоиса карда шаванд. Дар баробари ин ҳангоми муайян кардани самараи тараққиёти чорводории самти ширдеҳ ба ғайр аз қиёскунии натиҷаҳо ва харочотҳо тағйир ёфтани ҳам шароити иҷтимоӣ-моддии коргарони хоҷагиҳои мушаххас ва ҳам аҳолӣ, инчунин вазъи экологии муҳити зистро низ ба назари эътибор гирифтан лозим аст.

Дар рушди устувори самаранокии зеркомплекси чорводории самти ширдеҳ як қатор омилҳои дигари соҳаҳои иқтисодиётро ба назар гирифтан ба мақсад мувофиқ мебошад, ба монандӣ:

- шир ҳамчун маҳсулоти асосии чорвои ширдеҳ ҳам барои аҳолӣ ба сифати маводи ғизоӣ ва ҳам барои корхонаҳои саноатӣ ҳамчун ашёи хом баромад мекунад;

- чорвои маҳсулдеҳ ба сифати воситаи асосӣ мешавад ва иштироки фаъоли он дар истеҳсолот ба баландбардории самаранокии ниҳоӣ ва бозгашти арзиши худ таъсири бевосита мерасонад;

- шир дар тамоми фаслҳои сол истеҳсол ва истеъмол мешавад, ки даромади доимиии истеҳсолкунандаро таъмин менамояд;

- камбудиҳо дар хӯронидани (чорвои ширдеҳ) ғизонокии онҳо ба маҳсулнокии онҳо таъсири бевосита мерасонад;

- аз нуқтаи назари иқтисодӣ хусусиятҳои хоси зеркомплекси чорвои ширирo аз диди амалӣ гаштани харoҷотҳо чунин тақсим намудан мумкин: харoҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда;

- воситаҳои асосии хоҷагиҳои ширӣ бозгашти дери сармояро дорост, ки на чандон ҷолибияти хубро инъикос менамояд;

- миқдор ва сифати хӯрока, ки ба сифати омилҳои асосии истеҳсоли маҳсулоти соҳа баромад мекунад, асосан сарчашмаи асосии он соҳаи растанипарварӣ ба ҳисоб меравад.

Мо дар таҳқиқоти илмии худ ба чунин хулоса омадем, ки соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ на танҳо ба зеркомплекси системаи ташкилкунандаи чорводорӣ ва кишоварзӣ дахл дорад ва ба он таъсир мерасонад, балки он ба амнияти озуқавории кишвар ва ниҳоят аз рушди онҳо вобаста аст. Яъне, зеркомплекси чорвои ширдеҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти хосеро доро буда, ба рушду равнақи деҳот то андозае таъсир расонида, махсусан устувории иҷтимоии онро таъмин менамояд.

Тамоюлҳои манфии фаъолияти зеркомплекси ширӣ боиси вобастагии баланди саноати ватанӣ ва минтақавӣ аз вазъи ҷаҳонии бозорӣ шири хушк гардид. Ин масъалаи мавсимии истеҳсоли ширро нисбатан пурра мекунад, ки ин ба вазни таъминоти ашёи хом вобаста ба мавсим таъсир мерасонад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо оиди самаранокии иқтисодии рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ моҳияти назариявии он, фарқиятҳои дигар бахшҳои иқтисодӣ, ки бояд онҳоро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар асоси онҳо модели зеркомплекси чорвои ширдеҳ таҳия ва пешниҳод шуда

се самти асосиро: истеҳсол, коркард ва хизмати логистикиро дар бар мегирад (расми 1.1.).

Расми 1.1.- Модели зеркомплекси соҳаи чорводории самти ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз хулосаи маводҳои овардашуда модели зеркомплекси чорвои ширдеҳ, сохтор ва ҷузъҳои он бо нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти истеҳсолӣ, коркард ва хизматрасонии онро барои аҳолӣ пешниҳод намудем.

Зеркомплекси мазкур яке аз ҷузъҳои асосии кластери соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ баромад намуда метавонанд, ки гузаришро ба шаклҳои беҳтари муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкили хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

Муҳаққиқони зиёде дурнамои ҳампайвастии иқтисодии ташкилотҳои мамлакатҳои хориҷиро мисол оварда, иброз менамоянд, ки онҳо саҳми худро

дар иқтисодиёт васеъ мекунанд ва ташкилот, корхонаҳо, хоҷагиҳое, ки дар таҳти назоратанд, иқтидорҳои истеҳсолии соҳаҳои алоқаманд ва ба ҳам пайвастани онҳоро торафт бештар ба даст меоранд. Дар бисёр ҳолатҳо, чунин ҳамгироиҳоро ба иттиҳодияҳои ҳудудӣ – истеҳсолии нав, ба монанди кластерҳо ва микрокластерҳо табдил меёбанд, ки бевосита бо бозорҳои ҷаҳонӣ ва бахшҳои корпоративии савдои байналмилалии молу хизматрасонӣ ҳампайваст мегарданд.

1.2. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ.

Комплекси агросаноатӣ яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди давлат буда, дар маркази он соҳаи кишоварзӣ мавқеи хосро дорост, ки дар он истеҳсоли маводи истеъмолӣ барои аҳолӣ ва ашёи хом барои коркарди саноат мебошад.

Аз ин нуқтаи назар истеҳсоли маҳсулоти комплекси агросаноатии кишвар ҳамчун нишондиҳандаи стратегӣ аҳаммияти хосро дорост, чунки он таъмин намудани амният ва худтаъминкунии озуқавории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, комплекси агросаноатӣ аз ҷузъи бо ҳам пайваст иборат буда, яке аз онҳо ташкилотҳо, корхонаҳоеро дар бар мегирад, ки бахшҳои онро бо воситаҳои истеҳсолот таъмин мекунанд, дигаре соҳаи кишоварзӣ мебошад; ҷузъи сеюми комплекси мазкур маҷмуи инфрасохтори хизматрасонӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулот; бахши таъминотӣ, ташкилотҳои тайёр кардани кадрҳо (омӯзиш ва бозомӯзи) барои комплекси агросаноатӣ, таъминоти илмии истеҳсолот, ахбороти иттилоотӣ, консалтингӣ ва ғайраро дар бар мегиранд, ки ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагӣ таъсир мерасонанд, ки бо нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ, асосӣ ва ёрирасон муайян карда мешаванд ва онҳоро ба таври зерин таҳрезӣ намудаем (ҷадвали 1.4.).

Азбаски равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ, пеш аз ҳама аз ҳисоби барқароршавии пода, ки амалӣ мегардад, хусусиятҳои ин соҳаро барои амалӣ намудани самаранокии истеҳсолоти он аз

нишондиҳандаҳои зерин, ба монанди гирифтани гӯсола аз ҳар 100 сар модагов ва ғуноҳин, муҳлатҳои истифодаи истеҳсолии модаговҳо дигар нишондиҳандаҳо аҳаммияти калон доранд.

Ҷадвали 1.4.-Низоми нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ барои арзёбии муқоисавии самаранокии рушди чорводории самти ширдеҳ.

Намудҳои нишондиҳандаҳо	Нишондиҳандаҳои асосӣ		
	Самаранокии истеҳсоли шир	Самаранокии рушди соҳа дар миқёси корхона (хоҷагӣ)	Самаранокии рушди саноат дар миқёси минтақа, ҷумҳурӣ
1- мутлақ			
а) натуралӣ (воқеӣ)	- ширдӯшии миёнаи солона аз ҳар 1 сар модагов, кг; - истеҳсоли шир ба ҳисоби ҳар 100 гектар заминҳои хоҷагӣ сентнер; - истеҳсоли шир ба ҳар як кас; - сарфи меҳнат барои 1 сентнер шир, одамон; - хароҷоти хӯрока ба ҳар 1 сентнер шир; в.ба воҳид ва ҳоказо.	-ширдӯшии миёнаи солона аз ҳар 1 сар модагов, кг; -истеҳсоли шир ба ҳар як- одам-соат; сентнер (кг); -маҳсулнокии меҳнат, сентнер/ (одам-соат)	- ширдӯшии миёнаи солона аз ҳар 1 сар модагов, кг; - истеҳсоли маҳсулот дар миқёси минтақа ба ҳар сар аҳолӣ, кг; - истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ ба ҳар сар аҳолӣ, кг;
б) арзишӣ	- арзиши аслии истеҳсоли 1 сентнер шир, сомонӣ - арзиши пурраи сентнер шир, сомонӣ - нархи фурӯши 1 сентнер шир, сомонӣ - фоида аз фурӯши 1 сентнер шир, сомонӣ - даромади умумӣ аз 1 сентнер шир, сомонӣ	– арзиши аслии маҳсулоти умумӣ (бо нархҳои муқоисавӣ) – ба ҳисоби: – 1 сомонӣ фондҳои асосии истеҳсолӣ – 1 сомонӣ харақотҳои молӣ ва пулӣ – 1 воҳиди хӯрока – 1 одам – соат – 1 коргари миёна солонаи корхона	- арзиши маҳсулоти фурӯхташуда (бо нархҳои муқоисави) - ба ҳисоби: – 1 сомонӣ фондҳои асосии истеҳсолӣ, – 1 сомонӣ хароҷоти молӣ ва пулӣ – 1воҳиди хӯрока – 1 одам – соат 1 коргари миёна солонаи соҳа
2- Нисбӣ	– Сатҳи даромаднокии истеҳсоли шир (аз рӯйи арзиши асли ва фондҳо), %	– Сатҳи даромаднокии истеҳсоли шир (аз руи арзиши асли ва фондҳо), % – Сатҳи даромадноки аз фурӯши шир, % – Саҳми бозор, %	– Худтаъминкунӣ бо шир, % – Ҳиссаи маҳсулоти шир дар ҳаҷми умумии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, % – Вазъи бозори шир, %

Сарчашма: Таҳия ва пешниҳоди муаллиф

Илова бар ин, ҳангоми баҳодиҳии равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ аксар вақт нишондиҳандаҳои самараи натиҷаи истеҳсолот, ки ба даст овардани дисконтии соф, сатҳи меъёри даромади дохили хоҷагӣ, муҳлати бозгашти хароҷотҳои капиталӣ ва ғайраҳоро дохил намудан мумкин аст. Қайд намудан зарур аст, ки дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар муҳлати хеле кӯтоҳ бозгашти хароҷотҳои капиталиро интизор шудан ноҷост, аммо ҷамъи хароҷотҳои овардашуда ҳама вақт самараи муайянро дороянд. Дар ҳолати будани марҳилаи зиёди бозгашти маблағгузориҳои капиталӣ ва амалӣ гаштани самараи он ҳамон қадар истеҳсол мавқеи дигар нишондиҳандаҳои мусбиро, ки ба самаранокии фаъолият на ин ки соҳаи чорвои ширдеҳ, балки ба дигар соҳаҳо бевосита таъсири худро мерасонад, амалӣ мегардад.

Ба монанди занҷираи хароҷоти иловагӣ барои инноватсия, ҷорӣ намудани технологияҳои навин, ки сарфа намудани захираҳои истеҳсолиро таъмин менамояд, ҳатто ҳангоми афзоиши маҳсулнокии чорво ба сатҳи даромаднокии соҳа на чандон баланд мегардад. Яъне, шароити меҳнат беҳтар гашта, иловатан ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷа шуғлнокии аҳолии деҳот меафзояд, чарогоҳҳои табиӣ ва заминҳои бекорхобида пурра ба истеҳсолот ворид карда мешаванд. Ба таври иловагӣ, ки самаранокиии иҷтимоии рушди соҳаро бо он муайян кардан мумкин аст, ин бунёди ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани шароитҳои меҳнатӣ, ҳолати санитарӣ, гигиенӣ, бехатарии фаъолияти ҳаёти инсон, баланд бардоштани дараҷаи музди меҳнат ба ҳисоб меравад. Самаранокии буҷавии соҳа бо иштироки он молистеҳсолкунандагон субъектҳои хоҷагидорӣ дар ташаккули буҷети маҳаллӣ, ҳамчун таносуби афзоиши андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва маблағҳое, ки аз буҷет дар соҳаҳои гуногуни он барои рушди соҳаи мазкур ҷудошаванда ҳисоб карда мешавад [158].

Ба фикри мо ҳангоми муайян намудани самаранокии истеҳсолиро дар миқёси (хоҷагӣ) ҳамчун категорияи истеҳсолӣ, яъне дохили соҳавӣ чунин тақсим намудан волотар мебошад (расми 1.2.).



Расми 1.2.- Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии рушди чорводории ширдеҳ дар сатҳи микроиқтисодӣ дар хоҷагӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Чуноне ки дар расми 1.2. дида мешавад, бисёр нишондиҳандаҳои тараққиёти соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ бо ҳам алоқаманд ва бо ҳамдигар вобастаанд. Тағйироти нишондиҳандаҳо, ченакҳои яке ногузир боиси тағйироти дигаре мегардад.

Тавре ки олими рус А.И.Алтухов қайд намудааст: «Омилҳои зерин ба самаранокии комплекси агросаноатӣ таъсир мерасонанд:

- табиӣ-ҷуғрофӣ (иқтидорӣ, хоки-иқлимӣ, иқлим);

- иқтисодӣ (низоми нархгузорӣ, танзими давлатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ);

- иҷтимоӣ (шароити иҷтимоӣ-маишӣ, сатҳи даромади аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ);

- техникӣ-технологӣ (тараққиёти илмӣ-техникӣ, технологияи истеҳсолӣ, коркард ва нигоҳдории маҳсулот);

- захираҳои илмӣ-инноватсионӣ ва истифодашаванда (захираҳои иттилоотӣ, рушди илм, тараққиёти сохторҳои инноватсионӣ-истифодашаванда);

- экологӣ (механизмҳои истифодабарии табиат, бозори хизматрасониҳои экологӣ) мебошанд» [46, С.189].

Ба фикри мо зеркомплекси шир ва маҳсулоти коркарди шир бинобар доро будани хусусиятҳои зерин онро ҳамчун субъекти алоҳида ҷудо намудан мумкин аст:

- худи зеркомплекс ва тамоми ҷузъҳои ба он дохилшаванда барои ба даст овардани фоида ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти шири аз ҷиҳати экологӣ тоза нигаронида шудаанд;

- ташкилотҳои зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ҳамчун ҷузъи асосии он истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулоти аз шир тавлидшаванда иборат мебошанд;

- равандҳои техникӣ - технологӣ ва иқтисодӣ бо назардошти робитаи амудӣ байни қисм ва ҷузъҳои комплекси мазкур.

Чуноне ки маълум аст, яке аз хусусияти фарқкунандаи рушди

зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ин истеҳсоли мавсимии шир мебошад, ки ҳам ба истеҳсолкунандагон ва ҳам ба коркардкунандагон самаранокии он таъсир мерасонад. Таҷриба исбот менамояд, ки бозори истеъмоли маҳсулоти зеркомплекси шир афзоиш ёфта, тадриҷан дар моҳҳои апрел ва тобистон (август) коҳиш ёфта, аз аввали зимистон ва баҳор баъдан болоравӣ ва дар моҳҳои сентябр - декабр муътадил мегардад. Дар давраи шартан «шири зиёд» (моҳҳои апрел - сентябр) истеҳсоли он миқдоран меафзояд, вале истеъмол коҳиш ёфта, ба таъсири манфӣ оварда мерасонд, аз ин ҳисоб истеҳсолкунандагони маҳсулот ба натиҷа ноил намешаванд. Барои аз байн бурдани ин қазияи вуҷуддошта шири зиёдатиро ҳамчун захира табдил медиҳанд.

Аз ин бармеояд, ки дар зеркомплекси маҳсулоти ширӣ муҳлати истеҳсол ва фурӯш нақши хосеро доро мебошад. Вобаста ба ин, барои таъмин намудани миқдори лозимаи ташкилотҳои коркард ва дигар ҳамкорон дар занҷираи истеҳсол-коркард-фурӯш маҳсулоти ниҳои бояд шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Чуноне, ки қайд шудааст ташкил намудани ширкатҳои лозима, ҳамкорон дар бозори дохилии (ватанӣ) фурӯши шир дахолати давлатро инкор намекунад. Барои ошкор намудани қазияҳои вуҷуддоштаи зеркомплекси шир ва маҳсулоти ширӣ дар сохтори фаъолиятии он ҳамчун занҷираи «истеҳсол - коркард - фурӯш», дида мебароем.

Хоҷагиҳое, ки дар соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла нигоҳдории чорвои ширдеҳ ва зотпарварӣ фаъолият менамоянд, онҳо дар асоси таъмин ва риоя намудани ҳолати иқтисодӣ ва баланси хӯрока бевосита вобастааст, ки ба маҳсулнокии чорво низ таъсири худро мерасонад ва дар занҷирави мазкури фаъолияти зеркомплекси шир мавқеи хосеро ишғол менамояд, ки дар расми 1.3. оварда шудааст.



Расми 1.3. - Сохтори фаъолияти зеркомплекси шир ва самаранокии он
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Вазифаҳои асосии корхонаҳо ин дар натиҷаи амалӣ намудани равандҳои лозимаи коркарди шир оид ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ барои истеъмолкунандагон машғул мебошанд. Баъдан занҷираи зеринро ташкилотҳо, ки бо фурӯш машғуланд, ҷамъбаст менамоянд, ки он тавассути

роҳҳои гуногун мағозаҳо ва бозорҳо фурӯхта мешавад ва дар натиҷа самаранокии фаъолияти он ба даст меояд.

Масъалаи устуворнокии зеркомплекси маҳсулоти ширирo дар тамоми марҳилаҳои ҳаракат аз марҳилаи истеҳсол то фурӯш баррасӣ менамоем. Сарчашмаи истеҳсоли шир ин фермаҳои нисбатан бузурги махсусгардонидашудаи чорводорӣ, фермаҳои иқтидорашон хурдтар ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ баромад мекунанд. Баҳисобгирии миқдори истеҳсолгаштаи шир дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз сабаби дар ҳисоби омории давлат ҳисоботи ҳамчун нишондиҳанда надодани ин хоҷагиҳо муайян намудани миқдори онҳо душвор мегардонад, аксар вакт шири истеҳсолшуда пурра барои истеъмоли шахсӣ ва ё савдои чаканаи хурд истифода бурда мешавад, ки танҳо талаботи як ноҳия ё минтақаро таъмин менамод.

Баъд аз он шири хоми истеҳсолшуда, ки ба фурӯш нарафтааст, аз тарафи корхонаҳои калони шир ва ё корхонаҳое, ки иқтидорашон камтар аст, харидорӣ шудаанд, аз санҷиши аввалини микробиологӣ гузаштан баъд он ба раванди коркард дохил мешавад. Дар корхонаҳои коркард аз шир, маҳсулоти зерин, ба монанди, шири пастеризатсияшуда, ҷурғот, чака, фала, қаймоқ, панир тайёр менамоянд.

Дар навбати худ фурӯши маҳсулот шаклҳои гуногунро дорост: аз фурӯши чаканаи хурд «аз даст» то дар марказҳои савдои бузург ва махсусгардонидашуда. Инчунин, фурӯши маҳсулот тавассути мағозаҳо низ ба роҳ монда мешавад, вале бо монеаҳои гуногун, ба монанди арзиши гарон доштан ва сифатнокӣ барои «ворид шудан ба шабака» мушкилие ба миён меорад, ки тавассути шабакаи худӣ ва ё тавассути мағозаҳои чакана, ки амалӣ мегардад, маъмултар мебошад.

Аммо ин шакли фурӯш барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, аҳолӣ на чандон имконпазиранд. Савдо дар мағозаҳои кооперативии соҳаи кишоварзӣ умедбахш аст, чунки онҳо бо назардошти нархҳои дохилии худ барои мизоҷон хеле ҷалбкунанда мебошанд.

Ба ақидаи А.А. Курдоглян: «Барои таъмини фаъолияти чорабиниҳои устувори соҳа тадбирҳои зерин метавонанд кумак расонанд: таъмири пода бо ҷавонаҳое, ки дар асоси маҳсулнокии баланди худ интихоб шудаанд; бо мақсади мукаммалгардонии чорвои сиёҳ-ало истифода бурдани буққаҳои зотии голштин; парвариши интенсивии ғуноҳинҳои барои таъмири пода ҷудошуда дар асоси хӯрокаи серғизои фаровон; нақшаи хӯрокаи илман асоснокшудаи чорвои ширдеҳ; мавҷудияти чарогоҳҳои мадании баланди ҳосил бевосита дар назди фермаҳо ва хоҷагиҳо» [80, С.206].

Олимон А.И. Колобова ва О.А. Косинсева чунин иброз менамоянд, ки «асоси устувории соҳа аз шартҳои зерин вобастагии зиёд дорад: афзун намудани муҳлати истеҳсолии истифодаи чорвои ширдеҳ; бартараф намудани талафоти чорво; ташкили корҳои зотпарварӣ ва хушзоткунӣ дар соҳаи самти парвариши зотҳои нави сермаҳсули чорво» [75, С.377].

Н.Я. Коваленко чунин иброз намудааст: «Муҳимтарин унсури таъмини рушди устувори фаъолияти корхонаҳои зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ин пойгоҳи хӯрокаи чорво ҳамчун низоми ташкили- технологӣ оид ба истеҳсол ва низоми истеҳсоли хӯрока технологияҳои дифференсиалии саҳроиро дар бар мегирад, ки ба талаботи чорвои сермаҳсули ширдеҳ ҷавобгӯ бошад» [74, С.253].

Барои самаранок ғизодиҳии чорво таносуби байни моддаҳои ёзанда, танзимкунанда ва энергетикие, ки рушди муътадили чорво, танзими равандҳои биологӣ, саломатӣ ва неруро барои чорвоҳо таъмин мекунанд, муҳим ва зарур аст.

Дар навбати худ барои сифатан такмил додани соҳаи истеҳсолии хӯрокаи чорво чорабиниҳои зеринро пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ мебошад: сохтори оқилонаи майдонҳои кишт; баланд бардоштани ҳосили зироатҳои хӯрокаи чорво; истифода бурдани усулҳои пешқадами ҷамъоварӣ ва захира кардан; саноатикунонии истеҳсол ва тайёр намудан; коҳиш додани арзиши аслии хӯрокаи чорво.

Соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ самаранокии он аз

намуди хӯрока ва сифати он, зоти чорво, дараҷаи касбӣ ва тахассусии коргарон, хизматчиён, ҳолати нигоҳубини чорво вобастагии хосеро доро мебошанд. Дар ҳолати тарҳрезии истеҳсоли маҳсулот ширдӯшӣ аз ҳар як сар чорво зиёда аз 3 ҳазор килограм дар як сол нақша ва тавозуни ғизонокии хӯрокаи хушсифат лозим аст, дар ин ҳолат чорвои зотҳои гуногун ва низоми нигоҳубиндошта афзалият додан ҳам мумкин аст ва кадрҳои вуҷуддошта маҳорату малакаи махсусро талаб намекунанд.

Ҳангоми ноил гаштани истеҳсоли шир маҳсулнокӣ аз ҳар як сар модагов дар як сол 5000 килограм таносуби хӯрока, зотҳои сермаҳсули чорво, кадрҳои баландихтисос ва фермаҳои типи оғилхона, майдончаҳои нигоҳубини механиконидашуда, таъмини маҳсулнокии чорво бартарӣ доранд. То 7 ҳазор килограм, воҳиди хӯрокдиҳии ғизонокии таносуби муносиб, такрористеҳсолкунии сифатан баланд, амалӣ намудани идоракунии (менеҷери соҳа) касбӣ асбобу таҷҳизотҳои замонавӣ, ки технологияҳои иноватсиониро истифода менамоянд, зарур мебошанд.

Дар ҳолати ба даст овардани маҳсулноки аз ҳар сар чорво то 9 ҳазор килограм дар як сол ва зиёда аз он ба нақша гирифта шавад, пас дар тамоми фасли сол меъёри лозимаи хӯрокдиҳӣ ва сохтори он ҳатман риоя гардад, иловатан пурзӯр кардани равандҳои зооветеринарӣ, ки ба саломатӣ ва маҳсулнокии чорво таъсир мерасонанд, машваратҳои муфиди мутахассисони баландихтисос ва усулҳои муосири нигоҳдории чорворо риоя намудан лозим аст. Дар асоси таҳқиқотҳои амалӣ гашта омилҳои таъсиррасонро ба як шакл ҳамчун низом пешниҳод намудаем (ҷадвали 1.5.).

Самти дигаре, ки ба рушди соҳаи чорводорӣ ва зеркомплекси ширӣ таъсир мерасонад, ин коркарди ибтидоии шир ва маҳсулотҳои ширӣ мебошад. Коркарди саноатии шир метавонад дар мавзеи истеҳсолшуда дар шакли «коркарди ибтидоии шир» ва ё дар корхонаҳои махсуси коркард амалӣ гарданд, чунки раванди коркарди ибтидоии шир ин аз амалиётҳои полоиш, пасткунии ҳарорати он то хунуккунӣ, яхкунонӣ, хушккуниро иборат мебошад.

Ҷадвали 1.5. -Низоми алоқамандии омилҳои таъсиррасон вобаста аз маҳсулнокии чорво ва самаранокии он

Нишондиҳандаҳо	Ширдӯшии солона аз ҳар сар модагови ширдеҳ, кг			
	3 ҳаз.	5 ҳаз.	7 ҳаз.	9 ҳаз. ва зиёд
Таъминот бо хӯрока	Сифати	Мувозинатии вояи хӯрокаи шабонарӯзӣ	Вояи мутаносибан пурраи омехтаи хӯрока	Вояи пурраи хӯрока дар давоми сол омехтаи ғизодиҳӣ
Корҳои селексионӣ	Бе назардошт	Зотҳои маҳсулнокии баланддошта	Идоракунии оқилонаи такористеҳсоли пода	Идоракунии саломатии чорво
Таъмини кадрҳо	Дараҷаи ихтисосноки аҳаммият надорад	Талабот бе мутахассисон ва коргарони пуртаҷриба	Як нафар идоракунанда дигарон иҷрокунанда	Талаботи доимӣ оид ба ахборот ва маслиҳатчиён
Шароити нигоҳдорӣ	Бе пешниҳоди талабот ба бино	Фермаи (бинои) маъмули механиконидашуда	Таҷҳизоти самараноктарини ширдӯшӣ	Фермаи (бинои) замонавӣ бо технологияҳои навтарин
Самаранокӣ	Сохтори хӯрока ва хароҷоти он ба 1 воҳиди шир	Воҳиди хӯрока сомонӣ, арзиши аслии шир, сатҳи равғаннокӣ	Нарх, фоида, сатҳи даромаднокӣ, маҳсулнокии	Муҳлати бозгашти хароҷоти капиталӣ ва ғайра

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Шире, ки чун маводи ғизоӣ аз тарафи инсон истеъмол мешавад, ҳатман талаботи стандарти давлатиро бояд доро бошад. Шарти асосии он маҳсулот аз чорвои солим гирифта шавад, ки он аз нигоҳи сифат ба 3 навъ ҷудо мешавад.

Барои баҳодиҳии натиҷавии самаранокии истеҳсолот вобаста аз маҳсулнокии чорво бояд аз нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки онро муайян мекунанд, истифода намоем, ки аксари онҳо дар ҷадвали мазкур акс ёфтаанд. Натиҷаи ниҳоии муқоисавии онҳо имконияти баҳогузории ширдӯшӣ фароҳам оварда, бартарӣ ё камбудиҳои ҷойдоштаро бо рақамҳои мушаххас инъикос менамояд. Аз сабаби маъмул будани нишондиҳандаҳо, тарзи ҳисоби онҳо оварда нашудаанд. Лекин як қатор омилҳои таъсиррасонро мавриди таҳлил ва хулосабардорӣ қарор додаем.

Қобили қайд аст, ки коркарди аввалияи шир асосан аз тоза кардани он аз ифлосиҳои механикӣ иборат аст, ки онро бо ду тарз амалӣ намудан

мумкин аст - полидан ё ҷудокунии қаймоқ. Раванди дигар, ин хунук кардан, чунки вобаста аз амалӣ гаштани раванди мазкур реҷаи нигоҳдории муваққатӣ интихоб менамоянд. Агар шир то ҳарорати пасттарин хушк карда шавад, фосилаи он давомноктар доштани он шуда метавонад.

Баъдан қазияи зерин бояд амалӣ гардад, ширро дар худи мавзеъ коркард намудан, ё ба корхонаи махсуси саноатӣ, ки онро анҷом медиҳад интиқол диҳем, дар давраи мазкур баҳодиҳии сифатнокии шир ниҳоят муҳим мебошад.

Ба фикри мо мушкилотҳои вуҷуддоштаро дар соҳаи мазкур чунин ҳал кардан ба мақсад мувофиқ аст:

- амалӣ гаштани технологияи пешқадам ва таҷҳизоти сарфакунандаи энергия ва захираҳо;

- интегратсия ва кооператсия дар асоси ташкили сохторҳои махсусгардонидашуда оид ба истеҳсол ва коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ;

- истифода кардани намудҳои беҳтарини печонидан, бандубаст, аз ҷумла зарфҳои такроран истифодашаванда, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ интиқол намудани маҳсулот;

- афзоиши номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда, ба монанди панирҳо ва ё маҳсулоти таъиноташ мақсаднок. Ин як тамоюли ҷаҳонӣ аст, ки ба ақидаи муаллиф бояд дар соҳаи мухталифи коркарди истеҳсолот татбиқ карда шавад;

- тақвият бахшидани роҳҳои баландбардории сифати маҳсулоти истеҳсолӣ, ки яке аз принсипҳои ҳатмии СУС мебошад ва бо шомил шудани Тоҷикистон ба он имкониятҳои васеъро фароҳам овардааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз унсури муҳимми таъмини самаранокӣ ва устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ин ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин таҳқиқотчиёни мавзуи мазкур И.П. Глебов ва Л.А. Александров қайд менамоянд, ки «фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ бевосита бо татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ алоқаманд мебошад. Онҳо

метавонанд дар хоҷагиҳои (фермаҳои) ҳозиразамони саноатии чорводорӣ ва ё дар фермаҳои ширию молии хурди оилавӣ истифода шаванд. Аммо таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ нишон медиҳад, татбиқи чунин лоиҳаҳоро, ки онҳоро пурра нусхабардорӣ намудаанд, имконнопазир аст, вале унсурҳои алоҳидаро қабул ва ба шароити хоҷагии минтақае, ки лоиҳа татбиқ мегардад, мутобиқ кардан самара медиҳад» [58, С.85].

Ба фикри мо дуруст аст ва ин гуна ҳолатҳои истифода бурдани таҷрибаҳои пешқадами давлатҳои дигар дар ҷумҳурии мо низ бомуваффақият истифода мешавад ва самараи дилхоҳ медиҳанд.

Беҳтарнамоии вазъи ноустувори фаъолияти зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва маҳсулоти он дар асоси фаъолсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, чорабиниҳои ёрмандии давлат, амалӣ намудан шаклҳои кооператсия, интегратсия ва рафъи мушкилоти мавсимии истеҳсоли шир истифода бурдан мумкин аст.

Кооператсия - шакли аз ҳама бештар истифодашавандаи иттиҳодияи субъектҳои хоҷагидорӣ буда, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки он имкониятҳоеро, ки ҳар як истеҳсолкунандаи алоҳидаи кишоварзӣ амалӣ карда наметавонад, дар якҷоягӣ ҳаллу фасл намояд.

Кооперативи матлуботи кишоварзӣ кооперативи кишоварзие мебошад, ки дар асоси якҷояшавии ташкилотҳо, хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ ва ё аҳолие, ки хоҷагиҳои ёрирасони хусусиро дороянд, барои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи мухталиф меҳнат менамоянд.

Ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ бо ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ метавонад вазъи кунунии соҳа ва таъмини самаранокии онро ба таври назаррас беҳтар созад. Намунаҳои бомуваффақияти чунин лоиҳаҳо дар истеҳсолот ҶСП «Саодат», Хуросон, «Баракат»-и Ҳисор, «Комбинати шири Душанбе», ки ба гурӯҳи хоҷагиҳои пешқадаме, ки дохил мешаванд, мисол шуда метавонанд.

М. Юркова чунин мешуморад, ки «зеркомплекси маҳсулоти ширӣ – як қисми сохтори КАС мебошад, ки дар он зерсоҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ, ба

монанди чорводории ширӣ, истеҳсол ва тайёр намудани хӯрокаи омехтаи чорво, коркарди саноати шир инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозор дохил мешаванд». Ҳамзамон, муаллиф дар баробари «чандирӣ ва мутобиқшавӣ таваҷҷуҳи хосса ба тағйироти муҳити дохилӣ ва беруна оид ба идоракунии самаранок дар доираи фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ додааст» [130, С.24].

Доир ба ин масъала олимон В.Л.Аничин ва Д.Ю.Чугай чунин қайд намудаанд, ки «нақши муҳимро дар масъалаи бо озуқаворӣ таъмин намудани аҳолӣ ба зеркомплекси маҳсулоти ширӣ, ки ба ақидаи онҳо маҷмуи субъектҳои хоҷагидорӣ буда, ба истеҳсоли шир, коркард ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии он ва механизми ҳамкории байнисоҳаҳо мегузаронанд. Таҳқиқоти муаллифони мазкур дар самти ба шакли муайян даровардани ташакули байнисоҳаҳо гузаронида шудааст, ки барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди самаранокии зеркомплекси маҳсулоти ширӣ мусоидат мекунад» [131, С.5-6].

Ақидаи В.Л. Аничин ва Д.Ю. Чугайро мавриди қабул намуда, ташаккул додани ҳампайвастагии байнисоҳаҳоро, ба монанди, кооперативҳои таъминотӣ - бафурӯшбарорӣ ҳамчун самти ояндадори фаъолияти самараноки зеркомплекси маҳсулоти ширӣ мешуморем ва тавсия менамоем [132, С.66].

Ба ақидаи А.В. Шибайкин «сохтори ташкилии зеркомплекси маҳсулоти ширӣ аз корхонаҳои истеҳсоли шир (кооперативҳо, иттиҳодияҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, хоҷагиҳои аҳолии ёрирасон, сеҳҳои дохилихочагӣ ва байнихоҷагиҳои коркарди шир, (иттиҳодияҳои якҷоя, шарикон, ассотсиатсияҳои ҳамкории иқтисодӣ оид ба коркард) ва фурӯш дар шабакаҳои гуногуни савдо иборат мебошад. Ғайр аз ин, фаъолияти самараноки зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва рушди он бештар аз дараҷаи батанзимдарорӣ ва дастгирии давлатӣ вобастагӣ дорад. Сифати маҳсулот ва риояи қоидаҳои ҳифзи муҳити зист гарави фаъолияти бомуваффақияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ мебошад, дастгирӣ намуда, самти бештар таъсиркунандаро дар танзим ва дастгирии давлат мебинем, ки дар ҷумҳурии мо хело муфид аст» [126, С.188].

И.В. Павленко дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «зеркомплекси маҳсулоти ширӣ - ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар раванди истеҳсол, мубодила, истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ инкишоф меёбад». Ба ақидаи И.В. Павленко ҳамроҳ шуда, чунин мешуморем, ки ҳолати иқтисодии истеҳсоли чорводории самти ширдеҳ ба фаъолияти ниҳоии зеркомплекси маҳсулоти ширӣ бештар таъсир мерасонад. Дар робита ба ин чунин мешуморем, ки барои таъмини рушди истеҳсоли боустувори шир, ба қадри кофӣ мавҷуд доштани саршумори чорвои ширдеҳ дар минтақа, ноҳия кишвар - кафолати устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва амалӣ намудани тадбирҳои самараноки рушди чорводории ширдеҳ ҳамчун расонидани ёрии бевоситаи давлат ба ҳар хоҷагӣ ва аз он ҷумла як сар чорвои ширдеҳ беҳтар мебошад. [163, С.26]

В.А.Серебряков дар асари худ оиди зеркомплекси маҳсулоти шири чунин иброз намудааст: «зеркомплекси маҳсулоти ширирo ҳамчун низоми муттаҳидшудаи соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ ба ҳам алоқаманд муайян менамояд, ки бо як вазифаи умумӣ - истеҳсол, коркард ва фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа бо назардошти меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмоли маҳсулот муттаҳид карда шудааст» [118, С.24].

Ба андешаи Н.Н.Шумейко «зеркомплекси маҳсулоти ширӣ қисмати таркибии комплекси озуқаворӣ, низоми мураккаби байнисоҳавии комплекси технологӣ ва иктисодӣ бо раванди ягонаи такрористеҳсолкунии чорвои ширдеҳ, коркарди саноатии шир, истеҳсоли хӯрокаи чорво (саҳроӣ ва чарогоҳӣ), саноати хӯрокаи омехта ва микробиологӣ, мошинсозӣ барои соҳаҳои номбаргардида, инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозор, ки бо як вазифаи умумӣ қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа бо назардошти меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмоли озуқаворӣ ва афзалиятҳои истеъмолкунандагон муттаҳид гардидаанд, алоқаманд мебошад, иборат аст, пешниҳод намудааст» [167, С.22].

Аз таҳқиқоти гузаронидашуда чунин хулосабардорӣ намудан мумкин

аст, ки омилҳое вуҷуд доранд, самаранокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширирo коҳиш медиҳанд, ба монанди: нархгузории номуносиб байни маҳсулоти соҳаи мазкур ва саноатии воридшаванда; фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии таҷҳизот, мошин ва механизм; истифодаи ивазкунандаи равғанӣ шир бо дигар равғанҳои растанӣ (масалан, равғанӣ нахл ё норҷил).

Ба ақидаи мо бо ҷамъбасти гуфтаҳои болозикр, метавонем тафсири муаллифии мафҳумҳои «устуворнокии зеркомплекси маҳсулоти ширӣ» ва «фаъолияти устувори зеркомплекси маҳсулоти ширӣ»-ро муаррифи ва пешниҳод намудаем.

Устуворнокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ - ин «маҷмуи ташкилот корхонаҳо ва соҳаҳои мухталифе мебошанд, ки бо ноил шудан ба миқдори оптималии истеҳсоли шир ва маҳсулоти коркарди саноатӣ ва фурӯш дар асоси нақшаи пешбинишуда, ҳаҷми сифати маҳсулот ва самаранокии иктисодии он коҳиш ёфта, таъсири омилҳои манфӣ муайян карда мешавад», ҳисобидан мумкин аст.

Аз ин бар меояд, ки дар замони муосири рушди ҷумҳурӣ имкониятҳои таъмини устуворii соҳаи чорводорӣ фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва ҳам хавф барои амалӣ гаштани он мавҷуданд.

1.3.Таҷрибаи хориҷии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ

Дар рафти амалӣ гаштани омӯзиши омилҳое, ки барои баланд бардоштани устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширии ватанӣ, таъсир мерасонанд ба инобат гирифтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, хусусан бахши соҳаи кишоварзӣ мубрам ва зарур мебошад.

Аз адабиёти мухталифе, ки ба соҳаи мазкур бахшида шудаанд, маълум мегардад, ки соҳаи чорводорӣ дар мамлакатҳои пешқадами хориҷӣ аз ҳисоби амалӣ гаштани танзими давлатии истеҳсолоти хоҷагиҳои кишоварзӣ дар асоси раванди қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва субсидияҳо барои тараққиёти соҳаи чорводорӣ ба муваффақиятҳои калон ноил гаштанд. Ҳанӯз дар соли 1933 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қонунеро қабул кард, ки дастгирии нархҳо

ва даромадҳои хоҷагиҳоро таъмин мекунад.

Профессор Р.С. Гайсин қайд мекунад, ки «сиёсати давлатии ташаккули бозори ашёи хоми хоҷагии кишоварзӣ ва адабиёти самти озуқаворӣ бояд ба тадбирҳои вусъат додани талаботи аҳолӣ ва давлат, ҳавасманд гардондани афзоиши ҳаҷм ва танзими чандирии сохтори таъминот асос ёбад» [137 с.7-9].

Кумакҳои молиявӣ барои дастгирӣ намудани усулҳои нав, ба фикри ӯ, барои нигоҳ доштани устувории хоҷагии кишоварзӣ низ аҳаммияти калон доранд ва дар сурати набудани онҳо арзиши аслии маҳсулот хеле баланд мегардад, «агар кишоварзӣ аз дахолати давлат озод мебуд», - мегӯяд олим. Тавре А. Боговиз ва дигарон таъкид мекунанд, «тамоюли рушди бозорҳои озуқаворӣ аз ҷиҳати истеъмоли маҳсулоти чорводорӣ тағйир ёфт». Дар адабиёти мазкур қайд шудааст, ки «бузургтарин истеҳсолкунандагони гӯшти гов дар ҷаҳон Ҳиндустон (23%), Бразилия (18%), Чин(15%), ИМА (12%), ИА (10%) мебошанд, ҳиссаи умумии ин кишварҳо 78 фоизи маҳсулоти умумӣро ташкил медиҳанд» [135, С.21].

Ин масъаларо профессор О.И. Пантелеева чунин муаррифӣ намудааст: «Дар соли 2016 дар ҷаҳон истеҳсоли гӯшт, ҳамагӣ 0,3 фоиз афзуда, ба 320,7 миллион тонна расид. Афзоиши бештари гӯшти чорво — 1,1 фоиз пешбинӣ шудааст. Афзоиши истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар ИМА, Бразилия, Ҳиндустон ва Федератсияи Россия ба назар мерасад, дар Чин, Австралия ва Африқои Ҷанубӣ бошад кам мешавад» [98, С.67-68].

Чунонки профессор С.А. Данкверт қайд мекунад, қонуни ИМА «дар бораи қарзҳо барои хоҷагиҳои фермерии ИМА», ки «Конгресс тараққиёт ва гул-гулшукуфии хоҷагии кишоварзиро шарти зарурии мавҷудияти мустақилияти давлат мешуморад ва зарурати рузафзуни маблағгузории соҳаро дарк карда, сиёсати ташкили системаи кредитӣ кооперативии хоҷагиро пешкаш менамояд. Барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ қарзҳои боэътимод ва созанда пешниҳод менамояд» [63, С.12].

Қонунгузории ИМА «Оиди танзими савдо дар соҳаи кишоварзии

ИМА» омадааст, ки «Сиёсати Конгресс барои самарабахшии савдои молҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд, то ки кишоварзӣ дар иқтисодиёти мамлакат баробари дигар соҳаҳои саноат мавқеъ пайдо намояд» [43].

Қонунгузории қабулгаштаи давлати Олмон «Доир ба соҳаи кишоварзии Олмон» шароити иқтисодии такрористеҳсолкуниро дар соҳаи кишоварзӣ бо соҳаи саноат баробар мекунад: «Давлат вазифадор аст, ки мушкилоти бо озуқа таъмин намудани аҳолиро ҳамчун вазифаи стратеги ҳисоб кунад, дар мавридҳои зарурӣ захираҳои озуқавориро ташкил кунад, тамоми комплекси иқтисодиётро истифода барад, мушкилотҳои озуқаро ба мамлакатҳои сеюм вобаста нагардонад» [43].

«Талаботи бепоёни инсон ва афзоиши шумораи аҳолӣ ҳукуматҳои аксари давлатҳои ҷаҳонро маҷбур кард, ки афзоиши мунтазами истеҳсолотро ба уҳда гиранд. Раванде, ки дар рафти фаъолияти муътадили иқтисодӣ мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсолот, рушди иқтисодӣ ном гирифтааст.

Муҳимтарин нишондиҳандаҳои он маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ё маҷмуи маҳсулоти миллӣ дар шароити воқеии бидуни таваррум мебошанд. Ба гуфтаи коршиносони СММ, то соли 2050 шумораи аҳолии ҷаҳон ба 9,5-10 миллиард нафар мерасад» [43].

Ба ибораи дигар, «шумораи истеъмолкунандагон тақрибан 1,3 афзоиш хоҳад ёфт ва қисми зиёди афзоиш дар кишварҳои махсусан камбизоат ба амал меояд. Чунончи, маълум аст, дар мамлакатҳои Осиё, Индонезия ва Африқо, ки бо дараҷаи ниҳоят пасти истеъмоли озуқа ба ҳар сари аҳолӣ хос аст, аҳолӣ бо суръати ташвишовар меафзояд. Ба мамлакатҳое, ки иқтисодиёти босуръат тараққиёбанда, аз қабили Чин, Ҳиндустон ва Бразилия, ки қариб 40,0 фоизи аҳолии сайёраро дар бар мегиранд, рушди босуръат хос аст. Дар натиҷа, талабот аз пешниҳод хеле зиёд шуда, боиси болоравии нархи маҳсулот мегардад». [34]

Дар Австрия дараҷаи дастгирии давлатии хоҷагии кишоварзӣ ба ҳисоби фоизи арзиши аслии маҳсулот зиёда аз 45,0 фоиз, дар Канада — 35,0 фоиз, Шветсия — 47,0 фоиз дар Европа — 38,0 фоиз, ИМА — аз 29,0 то 42,0 фоиз.

Ин мамлакатҳо танҳо як миқдори нарх дар асл ба деҳқон тавассути пардохтҳои бозорӣ ҷуброн карда мешавад, қисми зиёди даромад аз сарчашмаҳои ҳукумат ба даст меояд» [33].

Ба фикри академики Академияи фанҳои Россия А.Г. Папсов «тамоилҳои муайяншудаи тараққиёти бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ба мо имкон намедиҳанд, ки суръати баланди афзоиши озуқаворӣ ва ашёи хомро сарфи назар аз дигаргуниҳои ҷиддии мусбат дар соҳаи технологияи муосири кишоварзӣ, ки дар давоми даҳсолаҳои охир ба амал омадаанд, пешгӯӣ кунем. Суръати афзоиши маҳсулоти ғизоӣ дар тули 25 сол тақрибан се баробар коҳиш меёбад, дар ҳоле ки динамикаи талабот ба самти муқобил тағйир меёбад, зеро шумораи аҳолии сайёра дар соли 2030 тақрибан 8,9 миллиард нафарро ташкил хоҳад дод» [109, С.62].

Ба гуфтаи И.А. Маликов «СУС ҷонибдори либерализатсияи савдои ҷаҳонӣ, дар ҳама сегментҳои бозор, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки Созишномаи СУС оид ба хоҷагии кишоварзӣ бо мақсадҳои рушди соҳаи мазкур асос ёфтааст»:

– васеъ намудани дастрасии маҳсулоти воридотӣ ба бозорҳои дохилии кишварҳои иштирокчӣ;

– коҳиши дастгирии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои аъзо [85, С.36].

Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи чорводорӣ, танзими давлатии он ва умуман истеҳсолоти кишоварзӣ зарур аст. Истеҳсолкунандагони ватаниро аз рақибони хориҷӣ муҳофизат кардан лозим аст. Низоми тадбирҳо танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзии мамлакат чун қоида бояд ба татбиқи тадбирҳое нигаронида шавад, ки истеҳсолкунандагони хоҷагии кишоварзиро дастгирӣ намояд.

Айни замон «бозори ширӣ бинобар сабаби ҳамгироии сиёсӣ (масалан, Иттиҳоди Аврупо), иқтисодӣ (ташкили бозори умумӣ ҷаҳонии савдо барои ҳамаи кишварҳои аъзои СУС) ва рушди майдони тақсимоти ширкатҳои бузурги трансмиллӣ (ба монанди, «Nestle», «Danone», «Lactalis, «Fonterra»,

«Friesland Campina», «Dean Foods» ва «Dairy Farmers of America») куллан ҳаматарафа мебошад» [43].

Мавқеи хосеро дар фурӯши шир ва маҳсулотҳои коркарди саноатии он давлатҳои пешсаф ҷойгиранд, вале дар бозорҳои ҷаҳон афзоиши ҷиддии истеҳсоли ва коркард дида мешаванд, ки он асосан дар натиҷаи зиёд гаштани миқдорӣ аст (ҷадвали 1.6.).

Маълумоти оварда нишон медиҳад, ки «ҷараёни инкишоф байни 20 давлатҳои бузурги истеҳсолкунандаи шир афзоиши он дар мамлакатҳое дида мешаванд, ки иқтисодиёти онҳо тараққиёфта ва аҳолии афзояндаро дороянд (Бразилия, Зеландияи нав, Аргентина, Туркия, Покистон)» [43].

Ҷадвали 1.6.- Динамикаи истеҳсоли шир дар солҳои 2020-2024, млн тонна

Давлатҳо	Солҳо					Суръати афзоиши шир дар с.2024 нисбати с.2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
ИМА	86,1	85,9	87,5	89,0	90,9	105,5
Ҳиндустон	50	52,2	54,9	53,5	54,0	108,0
Чин	35,5	35,1	35,7	36,6	37,4	105,4
Бразилия	28,4	29,1	30,7	32,1	32,3	113,7
Олмон	28,6	29,1	29,6	30,3	30,5	106,7
Россия	32,1	32,3	31,6	31,4	31,6	98,4
Франсия	23,6	22,7	23,3	24,4	24,0	101,6
Зеландияи Нав	15,2	16,4	17,0	17,9	20,1	131,9
Туркия	11,2	11,6	12,4	13,8	16,0	142,7
Британияи Кабир	13,7	13,9	14,1	13,8	13,9	101,3
Покистон	11,5	12	12,4	12,9	13,4	116,5
Полша	12,4	12,4	12,3	12,4	12,7	102,2
Нидерландия	11,2	11,4	11,6	11,6	11,7	104,2
Аргентина	10,3	10,3	10,5	11,2	11,8	114,7
Мексика	10,7	10,5	10,7	10,7	10,9	101,7
Италия	11,2	10,5	10,5	10,5	10,6	94,5
Украина	11,5	11,3	11,0	10,8	11,3	97,9
Австралия	9,2	9,3	9,0	9,1	9,5	103,0
Канада	8,1	8,2	8,2	8,4	8,5	104,3
Ҷопон	7,9	7,9	7,7	7,5	7,6	96,6

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Интернет

Ҳамин тариқ, афзоиши аз ҳама зиёди истеҳсоли шир дар солҳои 2020-2024 дар Туркия (42,7%), Зеландияи Нав (31,9%) ва Покистон (16,5%) мушоҳида мешавад [43].

Дар навбати худ коҳиш ёфтани истеҳсоли шир дар давлатҳои Федератсияи Россия, Итолиё, Украина ва Ҷопон буда, дар давраи таҳлили истеҳсоли шир, мутаносибан 1,6; 5,5; 2,1 % коҳиш ёфтааст.

Дар бозори ҷаҳонии маҳсулоти ширӣ кишварҳое мавҷуданд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти алоҳида махсус гардонида шудаанд. Ҳамин тавр, панир асосан дар Аврупо, Зеландияи Нав, истеҳсол мешаванд иловатан бар он бештар аз ҳама шири хушки беравған мавқеи хосеро ишғол менамоянд.

Агар ҳаҷми истеҳсоли ширро аз рӯйи миқдор таҳлил намоем, дар соли 2024, бисёри давлатҳо зиёд гаштани истеҳсоли онро дар натиҷаи зиёд гаштани талабот ба амал омад. Масалан дар Ҷумҳурии Мардумии Чин - 13,4%, ФР - 11,6%, ИМА – 9,1% баробар шуд [43]. Вазъияти кунуни аз он дарак медиҳад, ки талабот ба истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ рӯзафзун ва мақсаднок буда, бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ, ки риояи тарзи ҳаёти солимро иҷро менамоянд, ба саломатии худ аҳаммияти бештар медиҳанд, рушд меёбад.

Дар ҷадвали 1.6. барои таҳлил давлатҳое оварда шудаанд, ки анъанаҳои базавиашон тақрибан наздик ва навъҳои маҳсулоти истеҳсолшавандаашон якхела мебошанд.

Дар шароити имрӯза ва давлатҳои ҷаҳон бозори маҳсулотҳои ширӣ дар самтҳои мухталиф: истеҳсол ва коркарди шир, таҳияи коркарди маҳсулотҳои ниҳоии саноатии шир, кам гаштани миқдори истеъмолкунандагон ба шири нӯшокӣ, нигоҳ доштани стандарти сифатии шир ва маҳсулотҳои ширӣ барои таъмини бехатарии солимии ҳаёти инсон, тавоҷуҳи хоса медиҳанд.

Маълумотҳои таҳлилгашта нишон медиҳад, ки дар «бозори ҷаҳонии шир ин ширкатҳо баромад менамоянд: «Nestle» (Швейсария), «Danone» ва «Lactalis» (Франсия), «Fonterra» (Зеландияи Нав), «Friesland Campina» (Ҳолландия), «Dean Foods» ва «Dairy Farmers of America» (ИМА). Истеҳсолкунандагони Чин дар рӯйхати 20 ширкати истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулотҳои ширӣ аз ҷониби ширкатҳои «Mengnui» ва «Yili» қарор гирифтаанд» [43].

Дар давлати ИМА «ширкати «Dairy Farmers of America» (DFA) 16 000 фермаҳои ширирo муттаҳид месозад, ки дар 48 иёлот шир истиеҳсол менамояд ва дар байни онҳо фермаҳои хурд, барои 50 сар ва маҷмааҳои азим барои 3 ҳазор сар чорвои ширдеҳ низ ҳастанд. Вазифаи DFA- таъмин намудани коркард ва фурӯши муътадили маҳсулоти ширӣ ва иштирокчиёни он аст» [43].

Исбот шудааст, ки «бузургтарин ширкат, ба монанди Fonterra “давлат дар дохили давлат” мебошад ва соҳибони ширкат қариб 11 000 фермерон, деҳқонон ва кишоварзон аз Зеландияи Нав мебошанд. Тамоми мамлакат ба бахшҳо тақсим шудааст, ки ҳар кадоми онҳо намоянда машваратчӣ интихоб кардаанд. Дар навбати худ 35 машваратчӣ, ки аз ҷониби фермерҳо интихоб шудаанд, шурои саҳмдоронро ташкил медиҳанд, ки директорони ширкатро низ назорат мекунанд» [43].

Дар ҳоли ҳозир ширкати Fonterra «бузургтарин истеҳсолкунанда - содироткунандаи маҳсулоти ширӣ дар ҷаҳон аст. Гардиши солонаи ширкат 16 миллиард доллари Зеландияи Навро (тақрибан 10,2 миллиард доллари ИМА), ҳаҷми интиқол - 2,31 млн. т./ солро ташкил менамояд. Ширкати «Fonterra» 15 600 корманд дорад. Бузургтарин бозорҳои фурӯши ширкат ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Осиё мебошанд. Содирот ба 140 давлат амалӣ карда мешавад ва ширкати мазкур дар Австралия, Филиппин, Индонезия, Шри-Ланка намояндагӣ дорад. Илова бар ин, ширкат як қатор истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони бузурги ширро дар Малайзия, Ветнам ва Шарқи Наздик назорат мекунад» [43].

Аз таҳлили маълумотҳои гузаронидашуда маълум мегардад, ки «Ҳукумати Бразилия мақсад дорад, ки дар давоми 10 сол истеҳсоли гӯшт ва ширро 40% зиёд намоянд ва дар гузориши Вазорати кишоварзии Бразилия чунин дарҷ гардидааст, ки рушди соҳаи чорводорӣ таъмин карда мешавад, ки кишвар ба афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти чорводорӣ аз ҳисоби беҳтаргардонии генетикӣ, афзоиши содирот, рушди кишоварзӣ ва санҷишҳои қатъии амнияти озуқаворӣ манфиатдор аст» [43].

Қонуни қабулшуда дар давлати Канада «Оиди рушди зеркомплекси маҳсулоти ширӣ идоракунии истеҳсолот ва таъминоти дохилиро бо назардошти низоми нақшавӣ», хусусан дар самти муайян намудани нархи танзимшаванда, воридоти маҳсулоти ширӣ, вуҷуд дорад. Аз ин бар меояд, ки шакли зерини идораи соҳаи истеҳсолот, коркарди саноатӣ ва истеъмоли онро давлат ба уҳда гирад дар натиҷа онро ба даст меорад. «Хусусияти фарқкунандаи дигари саноати ширии Канада ин нишондиҳандаи баланди чорводории генетикӣ ва зотҳои сермаҳсул ба ҳисоб меравад, ки дар мамлакати мазкур зоти говҳои голштейн, айршир ва швейсарӣ бештар маъмул буда, ширдӯшӣ, ба ҳисоби миёна 9624, 7354 ва 7792 килограмро ташкил медиҳад. Инчунин, зотҳои ҷерсейӣ, гернзейӣ, шортгорнӣ ва канадагӣ низ бо сифатҳои баланди шир фарқ менамоянд» [43].

Олими рус Б.А. Черняков сафари илмии озмоишии худро ба фермаҳои ИМА хулосабардорӣ намуда, чунин иброз медорад, ки «ҳоло шакли фаъолияти хоҷагидории оилавӣ дар давлати мазкур дар асоси амалӣ гаштани тиҷорат дар зеркомплекси маҳсулоти ширӣ мебошад. Намунаҳои барҷастатарини чунин хоҷагиҳо: «Mason Dixon Farm,Inc.» (штати Пенсилвания), «Emerald Dairy,LLC» (штати Висконсия), «Larson Acres» (штати Висконсия), «Spring Grove Dairy» (штати Висконсия)» [121, С.400].

Хусусиятҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ дар хоҷагиҳои оилавӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ба даст овардан ва такмили пода аз ҳисоби зотҳои сермаҳсул ва такористеҳсолкунии худӣ;

- татбиқи амалӣшавии тарзҳои пешқадами технологӣ, ташкилӣ ва муҷаҳҳази воситаҳои истеҳсолоти беҳтарин барои амалӣ гаштани коркарди саноатии шир;

- оқилона ҳампайвастии захираҳои моддӣ-маънавӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва қувваи корӣ дар шаклҳои муосири хоҷагидорӣ;

- омода намудани пойгоҳи хӯрока, хусусан хушсифати чорво ва таъмини он дар тамоми давраи истеҳсолӣ;

- ҷорӣ намудани низоми ширдӯшии илман асоснок дар асоси маҳсулнокии ҳар як сар чорво.

Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешқадам шаклҳои зерини ҳавасмандии давлатро чунин иброз менамоем:

- маблағгузории амиқ (субсидияҳо, қарзҳо) дар ҳудуди 50%-и хароҷот барои ворид намудани технологияҳои навин лозиманд (Фаронса, ИМА ва дигар кишварҳо);

- додани имтиёзҳо дар самти андозбандии аъзоёни кластер, ки барои (коргузорӣ менамоянд) - коҳиш додани маблағҳои андозбандишавандаи хароҷот, андозбандии имтиёзнок барои донишгоҳҳои таҳсилоти олӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ворид кардани технологияҳои навини барномаҳои махсуси давлат оид ба коҳиш додани хатарҳо ва ҷуброни онҳо (Ҷопон);

- гирифтани қарзҳои, бе фоизҳои хизматрасониҳо (Шветсия);

- таъсиси фондҳои махсус барои амалӣ гаштани равандҳои инноватсионӣ, бо назардошти хавфҳои эҳтимолии тиҷоратӣ (Англия, Олмон, Нидерландия, Фаронса, Швейтсария);

Дар самти мазкур давлат намояндагони ҳукумат, (хусусан НТҶ) дар ташаккул ва амалӣ гаштани сохтори кластерӣ, таҳия ва татбиқи барномаи он дар самти иқтисодӣ-молиявӣ, хизматрасонӣ, тиҷоратӣ, ҳуқуқӣ ва инфрасохторҳои мухталиф дар асоси ҳамкории бахши хусусӣ барои таъмини рушди он сафарбар ва кумак намояд.

Дар маҷмуъ, механизмҳоеро барои ҷорӣ намудани низоми инноватсионии чорводории ширдеҳ дар НТҶ ва вазифаҳоеро, ки барои таъмини рушди кластер заруранд, чунин пешниҳод намудаем:

1.Вазифаҳои иқтисодӣ:

-техника ва технологияҳое, ки истеҳсолотро анҷом медиҳанд ва дар пойгоҳи худ санҷишҳои навовариро мегузаронанд;

- амалӣ намудани маблағгузорӣ субсидия ва шаклҳои дигар дастгирии давлат ба молистеҳсолкунандагон дар самти рушди равандҳои хушзоткунӣ,

ҳифзи муҳити экологии истеҳсолот ва зисти аҳолӣ;

2.Вазифаҳои ташкилӣ: амалӣ намудани сохторҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ оид ба рушди самти инноватсия дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва муҳити хоси ахборотӣ пайваст менамояд;

- ташкили низоми амалишавии равандҳои инноватсионӣ;

- таъсиси низоми ҳамкории истеҳсолкунандагони маҳсулот ва дигар сохторҳои кластери чорводории ширдеҳ ва истеъмолкунандагони маҳсулоти он.

Чунончи қайд шудааст, «пешсафи ҷаҳон будани Исроилро тибқи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ (маҳсулнокии миёнаи солонаи аз 1 сар модагов - 12 ҳазор литр) бо ташкили илмии пода, хӯроки мутаносиби чорво ва дараҷаи баланди автоматикунонии равандҳои хӯрокдиҳӣ, истеҳсолӣ муайян карда мешавад». «Новобаста аз як қатор мушкилотҳо (шароити номусоиди обу ҳаво, маҳдудияти захираҳои обӣ ва нарасидани чарогоҳҳо), истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар ин давлат тарҳи беҳтарин барои ба даст овардани самараи баланд аз захираҳои маҳдуд мебошад. Дар ҳар як ферма низоми роботикунонидашудаи ширдӯшӣ ҷорӣ карда шудааст, ратсиони чорво дар давоми сол бетағйир мемонад (70 % ратсион - ғаллагиҳо ва лӯбиёгиҳо, 30 % - хӯроки дурушт ва ҳуҷайрадор), тайёр ва тақсим кардани хӯроки чорво ба воситаи компютер идора карда шуда, пурра механиконида шудааст» [149, С.79].

«Шурое, ки ҳамаи истеҳсолкунандагони ширро муттаҳид месозад, квотаҳоро барои истеҳсол муқаррар менамояд ва нархи асосии фурӯшро тасдиқ карда, фаъолият менамояд. Ин хавфи аз ҳад зиёд истеҳсол кардани ширро бартараф месозад, истеҳсол ва нархро муътадил мегардонад. Истеҳсолкунандагони Исроилӣ боварӣ доранд, ки бозори квота устувортарин аст, зеро он тамоми сол истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширии баландсифатро бо нархҳои мувофиқ харидорӣ ва ҳавасманд менамояд» [149, С.81].

Маълумоти таҳлилшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки «истеҳсолкунандагони

асосии шир вилоятҳои Подляский, Мазовеский, Великополский, Куявский - Поморский, Варминонский -Мазурский, Лодзинский ва Ополский давлати Полша мебошанд, ки тақрибан 80% шири истеҳсолшударо ишғол менамоянд» [151, С.84].

Аз таҳлили гузаронидашуда самтҳои асосии истеҳсол ва коркарди саноатии шир дар давлати Полшаро мо чунин натиҷабардорӣ намудаем:

- дараҷаи баланди ҳампайвастагии истеҳсолу коркарди саноатии шир ва то гирифтани маҳсулоти ниҳоӣ аз он;

- зиёд намудани миқдори чорвои ширдеҳ ва маҳсулнокии он;

- таъмини афзоиши воридотии шир ва маҳсулоти ниҳоии он дар асоси ворид гаштан ба Иттиҳоди Аврупо;

- дастгирӣ ва таъмини рушди истеҳсолоти хурд;

- аз нуқтаи назари иқтисодӣ асоснок намудани сохтори содиротии шир ва маҳсулотҳои ширӣ;

- коҳиши занҷираи афзоиши нархи шир ва маҳсулоти ниҳоии он.

Дар кишвари мо дар баробари хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дигар шаклҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ба истеҳсолот машғуланд, аз он ҷумла дар самти чорвои ширдеҳ таҷрибаи мазкурро истифода намоянд, қобили дастгирӣ мебошад, вале ҳолати беҳтарини ташкили истеҳсол ва коркарди ниҳоии он ворид гаштан ба ҳайати микрокластерҳои чорвои ширдеҳ афзалиятноктар мебошад.

Таҷрибаи давлати дигар «дар Чехия соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ ташкили маҳсулоти ба воридот нигаронидашуда ҷолиби таваҷҷуҳи давлат аст. Истеҳсоли шир дар ин давлат бисёр муътадил мондааст, тақрибан 20 сол пеш дар робита ба ворид шудани Чехия ба Иттиҳоди Аврупо, ширкатҳои бузурги брендҳои ҷаҳонӣ вориди бозор шуданд, ки барои нигоҳ доштани истеҳсолоти ватанӣ, ҷиҳати таъсиси соҳаҳои илмталаб ва ба воридот нигаронидашуда тадбирҳо андешида шуданд. Масалан, ширкати АО MEGA ба бунёди чизи нав таҷҳизоти электродиализӣ барои коркарди системаҳои моеъ ва об такя мекунад, ки баробари ҷорӣ намудани ин таҷҳизот маҳсулотҳои нав, аз қабили зардоби шири деминерализатсияшуда ба вуҷуд

оварда мешавад» [43].

Ба андешаи мо, ин мисоли равшани ҳамкории истеҳсолот ва илм мебошад, ки онро барои соҳаи ватанӣ қабул кардан мумкин ва мубрам арзёбӣ менамоем.

«Берун аз ҳудуди Аврупо имкониятҳои дигаргунсозӣ низ ба назар мерасад, аз он ҷумла ширкатҳои шири Бразилия (Itambe, Centroleite, Confepar, Cemil и Minas Leite) дар бораи нақшаҳои худ оид ба муттаҳид намудани ширкатҳо хабар доданд, ки ин боиси дар Амрикои Лотинӣ ташкил ёфтани корпоратсияи калонтарин гардид» [43].

Давлати бузургтарини Осиёи Марказӣ ин Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад, ки саноати ширии он маблағгузориҳоро ба ширкатҳои хориҷӣ вусъат дода истодааст. Рақамҳо исбот менамоянд, ки «бузургтарин корхонаи коркарди Bright Dairy 51% саҳмияҳои Зеландияи Навро ба маблағи 60 миллион доллари амрикоӣ ба даст овард. Ғайр аз ин, истеҳсолкунандаи мазкур нақша дорад дар Шанхай як корхонаи навро барои истеҳсоли шири тару тоза, йогуртҳо ва UHT-шир ташкил намояд. Корхонаи мазкур калонтарин дар Осиё мегардад, метавонад ҳамчун таҷрибаи пешқадам истифода шавад» [43].

Ҳукумати Чин якчанд омилҳоеро ҷудо кардааст, ки «ба рушди соҳа ва барқароршавии ҳаҷми истеҳсолот халал мерасонанд: паст шудани фаъолнокии харидории аҳолии кишвар ва кам шудани талаботи дохилӣ, паст будани самаранокии чорвои ширдеҳ ва набудани дастгирии зарурӣ аз ҷониби давлат мебошад. Даромаднокии истеҳсоли шир дар соли 2024 –ум аз 10% зиёд набуд, ки ин вазъро дар раванди такрористеҳсоли соҳа то андозае мушкил гардонд. Натиҷаи пурра истифода набурдани иқтидорҳои корхонаҳои коркарди шир боиси баланд шудани арзиши аслии маҳсулот дар кишвар гардид» [43].

Аз дурнамои рушди бозори шири Украина маълум мегардад, ки «дар таҳкими истеҳсолоти молу маҳсулоти хурд (аз рӯйи мисоли Полша), ки 90%-и шири хом дар хоҷагиҳои хонаводагӣ истеҳсол мешавад. Иқтидори соҳаро бо

ҳамгироӣ ба бозори ҷаҳонии озуқаворӣ алоқаманд медонанд. Тибқи арзёбии коршиносони украинӣ нисбат ба йогуртҳо ва панирҳои мулоим, инчунин шири хушк дар хориҷи кишвар бисёртар талабот доранд» [155, С.40].

Таҷрибаи мамлакати дигари ИДМ ин Белоруссия ба шумор меравад, ки дар масъалаи истеҳсол ва коркарди шир яке аз пешсафтарин дар ҷаҳон мебошад, ки ҷолиби диққат аст: «Ҳиссаи содироти маҳсулоти ширии Белоруссия дар давоми 10 соли охир аз ҳисоби татбиқи барномаҳои дастгирии давлатӣ ба саноати ширӣ дар самти шири хушк - 32 баробар, фала ва панир - 7,5 баробар, равғанӣ маска - 2,8 баробар афзудааст». Қайд гардидааст, ки «дар Барномаи давлатӣ ҷорӣ намудани хӯрокдиҳии якхелаи чорвои ширдеҳ дар тамоми фасли сол, интенсификатсиякунонии чорвои ширдеҳ, сохтани фермаҳои ширию молӣ пешбинӣ карда шуда буд, ки истеҳсоли мавсимии шир кам гардида, устуворнокии фаъоияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва худтаъминкунӣ бо шир ба даст оварда шавад, ҷолиби диққат ва дастгирӣ мебошанд» [155, С.40].

Дар асоси маълумоти овардашуда таҳлили тамоюлҳои асосии рушди саноати шири Белоруссияро чунин тавзеҳ додан мумкин аст:

- беҳтар намудани зот ва иқтидори генетикии чорвои ширдеҳ;
- афзоиши истеҳсол, аз ҷумла барои содирот таъмин гашта ба монандӣ, панир, шири хушк;
- ҷавобгӯ будани корхона, ташкилотҳо ба талаботи сифат ва бехатарии экологӣ;
- сармоягузороии шарикони хориҷӣ барои таъмини рушди саноатии коркарди шир;
- рақобатпазир будани маҳсулоти истеҳсолгашта дар бозори ҷаҳонӣ.

Аз маводҳо, расм ва адабиёти ба мавзуъ бахшидашуда маълум мегардад, ки бозори маҳсулоти ширӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дучор гардидааст, ин раванд аз меҳвари як давлат берун гаштааст, аз ин лиҳоз мамлакати мазкур дар истеҳсол ва коркарди шир, ки пешсаф аст, бояд ба

бозори ҷаҳонии шир дохил карда шавад.

Маълумотҳои овардашуда дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон тавсия намуда, оиди истифодаи таҷрибаи онҳо чунин тавсия намудем (расми 1.4.).



Расми 1.4. -Таҷрибаҳои давлатҳои хориҷӣ оиди амалӣ гаштани микрокластери зеркомплекси маҳсулоти ширӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Мураккаби мушкилии мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошташуда ҳалли худро металабанд, чунки дар ҳамаи даврaҳои истеҳсоли шир коркард ва то ба мизоҷ расонидан муносибатҳои хоси худро доро мебошанд. Барои амалӣ гаштан онҳо як қатор унсурҳои асосии оварда шударо ҳаллу фасл намудан зарур аст, ки дар расми мазкур ифода ва тавсия гаштааст: ташкили кластер ва микрокластери чорвои ширдеҳ; сохтор, мақсад, вазифа ва амалӣ гаштани натиҷаи ниҳоии он; истифодаи маблағгузорӣ ва дастгирии давлатӣ.

Яъне, омилҳои афзалиятноки таъмини устуворнокии тамоюлҳои ҷаҳонии рушди устувори зеркомплекси маҳсулоти ширӣ исбот менамояд, ки таъмини устуворнокӣ, дастгирии давлатӣ дар самти чорвои ширдеҳ истеҳсол ва коркарди шир, дар асоси истифодаи мақсадноки зотҳои чорвои сермаҳсул, ворид намудани технологияҳои пешқадам дар равандҳои истеҳсол, коркард, амалӣ намудани дастгирии низоми давлатӣ, ҳавасмандӣ оид ба истеъмоли шир, таъмини сифати баланди маҳсулоти истеҳсолшаванда ва бехатарии ҳаёти инсон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, ки ба амалӣ гаштани равандҳои инноватсионӣ равона гардида, барои корхонаҳои зеркомплекси маҳсулоти ширӣ зарур аст, таъмин менамояд.

Дар асоси маълумотҳои овардашудаи боби якум хулосаҳои зерин ба даст омаданд:

1.Омӯзиш, таҳлил натиҷабардории адабиёти илмӣ-амалӣ, тахассусӣ ва ақида ва диди олимони соҳа оид ба мавзуи кори илмии мазкур, шарҳи моҳияти категорияи иқтисодии самаранокӣ чунин хулосабардорӣ намудаем: мазмун, мундариҷа, ки моҳияти самаранокиро ифода менамоянд, аз ҳамдигар фарқ доранд, бо назардошти ақидаи як қатори онҳо нуқтаи назари худро чунин иброз намудаем: «Самаранокии иқтисодӣ арзиши иқтисодие, ки тағйироти мусбии миқдорӣ ва сифатиро инъикос менамоянд, бо мурури замон дар асоси самаранокии истеҳсолот ба амал омада, афозиши онро таъмин менамоянд» фаҳмида мешавад;

2.Дар асоси усулҳои мавҷудбудаи муайян намудани самаранокӣ, ки байни худ мухолиф намебошанд, балки ҳамдигарро комилан ғанӣ менамоянд.

Барои осон шудани раванди мазкур усулҳои асосии онро бо назардошти меъёрҳои муайян онро ба 4 усул гурӯҳбандӣ намудаем, ки ҳар яки онҳо барои омӯзиш гузаронидани таҳлил ва натиҷабардории ниҳои хеш муфид ва зарур мебошанд: усулҳо, асос, меъёрҳои арзёбӣ ва самаранокӣ (натиҷабардорӣ);

3.Дар рафти кор самт омилҳо, унсурҳои таркибии равандҳои истеҳсолот ва таъсири онҳо ба натиҷаи ниҳоии он ҳамчун қувваи таъминкунандаи пешрафти ҷамъият ва хусусиятҳои онҳоро муайян менамоянд, мукаммал намуда, бо 6 ниишондиҳандаҳо тавсиф шудаанд;

4.Зеркомплекси соҳаи чорвои ширдеҳ ҳамчун ҷузъи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ аз бахшҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, корхонаҳо, ташкилотҳо ва бахшҳои мушаххаси инфрасохторҳои хизматрасонӣ, таъминотӣ, иҷтимоиро дар бар гирифта, ба натиҷаи ниҳоии он таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа бо нишондиҳандаҳои мутлақ, нисби асосӣ, натуралӣ, арзиши вобаста аз сатҳ ва миқёси корхона муайян карда мешаванд таҳрезӣ гаштаанд;

5.Сохтори фаъолияти зеркомплекси соҳаи чорводорӣ ва маҳсулоти ширро дар мисоли занҷираи «истеҳсол-коркард-фурӯш» ки дар он мавқеи хосеро хӯрокаи чорво ҳамчун омили таъсиркунанда ба самаранокии ниҳоии фаъолияти он нақши худро мебозад, таҳия ва пешниҳод шудааст: низоми алоқамандии омилҳои таъсиррасон вобаста аз маҳсулнокии чорво ба нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки самаранокии онро муайян менамоянд: сатҳи таъминоти соҳа бо хӯрока; равандҳои хушзоткунӣ; сатҳи дониш, ихтисос ва касбиятии коргарон; тарз, шароит нигоҳдорӣ ва хӯронидани чорво, аз маҳсулнокии онҳо аз 3000 литр ва зиёда 9 ҳазор пешниҳод шудааст;

6.Омилҳое, ки самаранокии ниҳоии фаъолияти зеркомплекси чорвои ширдеҳро коҳиш медиҳанд, ба монанди зиёд гаштани нархи воситаҳои асосӣ ва гардон арзиши аслии маҳсулот таъсири манфӣ мерасонанд, комилан истифода набурдани иқтидори истеҳсолии хоҷагӣ, нархгузории номуносиб, фарсудашавии физикӣ ва маънавии таҷҳизот, истифодаи маводҳои ивазкунандаи равғанӣ шир, бо дигар равғанҳои растанӣ ва дигарҳо муайян

шудаанд;

7.Ба ақидаи мо тафсири муаллифии мафҳумҳои «устуворнокии зеркомплекси маҳсулоти ширӣ» ва «фаъолияти устувори зеркомплекси маҳсулоти ширӣ»-ро ба таври зерин таҳрир намудаем;

«Устуворнокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ - ин ноил шудан ба ҳаҷми истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ ба фурӯш нигаронидашуда бо назардошти муҳлати нақшаи пешбинишуда, маҷмуи ташкилот, корхонаҳо ва соҳаҳои мухталифи он мебошад, ки дараҷаи сифати маҳсулот, самаранокии иктисодӣ ва коҳиш ёфтани таъсири омилҳои манфӣ муайян карда мешавад», арзёбӣ мегардад.

Яъне, зеркомплекси маҳсулоти ширӣ – низоми мураккаби иқтисодӣ буда, рушди онро бо истифодаи маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, ташкилӣ, молиявӣ арзёбӣ кардан мумкин аст;

8. Тибқи таҳқиқи муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар мамлакатҳои хориҷа пешниҳод гардид, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи Иттиҳодияи Аврупо дастгирии давлатии хоҷагиҳои кишоварзӣ, зиёда аз 45% арзиши аслии маҳсулот таҳким бахшидани истеҳсоли хурд; тарзи Канадавӣ рушди зеркомплекси маҳсулоти ширии истеҳсоли нақшавии дохилӣ, нархгузории танзимшаванда ва назорати воридотии он; давлати Чин такия бо сармоягузории ширкати хориҷӣ ва корхонаҳои бузурги коркарди шир ва маҳсулоти ниҳоии он; таҷрибаи мамлакати дигари ИДМ Белоруссия, ҷорӣ намудани низоми хӯрока ва хӯронидани чорвои ширдеҳ дар тамоми мавсим интенсификатсияи соҳаи мазкур, ки устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва худтаъминкуни бо шир самараноканд, мумкин аст таҷрибаи пешқадам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ)

2.1. Вазъи муосири соҳаи чорводории самти ширдеҳ

Чорводорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо ҳиссаи хоси назаррас дар истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ, ки бо парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти лозимаи хӯрокворииинсон ва ашёи хом барои саноат машғул аст, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи мазкур, ки аз самтҳои гуногун ва намуди маҳсулотҳои истеҳсолшаванда фарқ намоянд ҳам, бояд афзоиш ва васеъ намудани ҳаҷм ва сифати он, зиёд гардонидани маҳсулнокии чорво ва коҳиш додани хароҷоти меҳнат ва захираҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки дар натиҷа арзиши аслии маҳсулот кам гашта, самаранокии соҳа меафзояд.

Чорводорӣ дар миқёси худ соҳаҳои гуногуни истеҳсолиро доро буда, низомҳои техникӣ, технологӣ, зооветеринарӣ, ташкилӣ-иқтисодиро дар бар мегирад, ки риоя намудани онҳо ҳатми буда, бо натиҷаи ниҳоии иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонанд. Дар дохили соҳаи чорводорӣ мавқеи хосеро чорвои калони шохдор ишғол менамояд, ки инсонро бо шир, гӯшт ва маҳсулотҳои саноатии коркарди онҳо, ки дар сабадчаи хӯрокворӣ дохиланд, таъмин намоянд.

Табиатан чорвои калони шохдор асосан барои гӯшт ва шир пешбинӣ шудааст, вале ҳаёт ва тараққиёти ҷамъият водор намудааст, ки онро дар асоси тақсими дохили соҳавӣ ба ду намуд ҷудо кунанд: ширӣ ва гӯштӣ. Барои амалӣ гаштани онҳо зотҳои хосаи худ аз тарафи олимон пешниҳод гаштаанд. Дар самти шири зотҳои баланд маҳсули Сиёҳ-сафед, зоти паҳншуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ ба иқлими маҳаллӣ, ҳосилдиҳиаш то 4-5 ҳазор литр дар як сол, Симментал, зоти Швейтсарӣ ба иқлими ҷумҳурӣ хуб мутобиқ шудааст равғаннокии шираш то 4% нисбати дигар зотҳо зиёд мебошад. Зоти алаут (маҳаллӣ), зоти маҳаллӣ мутобиқ ба шароити кӯҳистон ва иқлими гарми тобистон буда, шири миёна медиҳад, вале устувор ба

беморӣ ва ғизои кам аст. Голштинӣ аз беҳтарин зотҳои ширдиҳанда дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, 7-10 ҳазор литр ҳосилдиҳиаш дар як сол мебошад. Ҷерсӣ говҳои хурдҷусса, вале равғаннокии ширашон 5-6% зиёд аст, ном бурдан мумкин аст ва дар самти гӯштӣ зотҳои Герефорд, Абердин-Ангус, Шароле, Симентал, Лимузин, Казахи сафедсар ва Калмикӣ-ро ном бурдан мумкин аст.

Нигоҳубини чорво дар фермаҳои молӣ амалӣ мегарданд, ки дар онҳо махсусгардонии дохили соҳавӣ ва истеҳсолӣ, ки бо назардошти ҷойгиршавии минтақа ва малакаи аҳолӣ, талабот, шароити иқтисодӣ, таъмини воситаҳои истеҳсолот ва ғайра бо гирифтани маҳсулоти хушсифати бисёр бо харочоти камтарин амалӣ мегарданд.

Бо ин мақсад дар ҳар як хоҷагӣ, мавзеъ, таносуби муфиди байни соҳаҳо (маҳсулотҳои истеҳсолӣ) пешбинӣ намудан ва ҳаҷми оқилонаи онҳоро муайян ва афзоиши онро таъмин намудан равандҳои гуногуни ташкили-иқтисодиро, аз он ҷумла пойгоҳи хӯрокаро муҳайё намудан зарур аст. Аз ин бармеояд, ки яке аз роҳҳои ҳалли қазияи мазкур таъмини аҳолӣ бо шир ва маҳсулоти ниҳоии он, ҷорӣ намудани якҷоякунӣ ва махсусгардонии таъсиси микрокластерҳои махсус мебошанд.

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯйи тақсимоти ҳудудӣ сездаҳ ноҳия ва шаҳрҳоро дар бар мегирад ва аз шаҳри Душанбе идора карда мешаванд. Ҳудуди умумии НТҶ (дар соли 2024) - 28 500 км² дар бар гирифта, 20,2% -и мавзеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, аз водии Ҳисор то водии Раштро фарогир мебошад. Аз тарафи ғарб бо вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Узбекистон, аз шимол бо вилояти Суғд, аз ҷануб бо вилояти Хатлон ва аз шарқ бо ВМКБ ҳамсарҳад мебошад. Аз нуқтаи назари агроиқлимӣ минтақа ба 2 гурӯҳ тақсим гашта, ҳамчун ноҳияи агроиқлимии Ҳисор ва ноҳияи агроиқлимии Рашт муаррифӣ мешаванд.

Чуноне ки дар адабиёти илмӣ омадааст: «Ноҳияи агроиқлимии водии Ҳисор ҳарорати аз ҳама хунукӣ дар ин ноҳияи агроиқлимии мазкур, масоҳати аз 100 метр аз сатҳи баҳр баланд ҷойгир шуда, муътадил буда, дар қисмати

ғарбии водӣ 1,5-2,5 дараҷа, дар қисмати марказӣ ва шарқӣ 0-1^0 дараҷаро ташкил медиҳад. Ба шароитҳои на он қадар хуби иқлимӣ ҳарорати пасти дар фасли баҳор баамаломада ва раъду барқро метавон дохил намуд, ки дар муддати 2-3 сол ба гул ва ҳосили зардолую шафтолу таъсири манфии худро мерасонад» [71, С.585-586].

Олимони тоҷик Ҷ.С. Пиризода ва А. Раҳмонов дар асари худ масъалаҳои истифодаи босамари замину оби Тоҷикистон иброз намудаанд, ки «давраи нашъунамои фаъоли растаниҳо аз миёнаи моҳи март оғоз ёфта, то аввали моҳи ноябр давом меёбад. Давомнокии миёнаи он 220-240 рӯз идома ёфта, бо зиёдшавии баландӣ ба 100 метр давомнокии давраи фаъоли нашъунамои растаниҳо, ба ҳисоби миёна ба муддати 5-7 рӯз кӯтоҳ мегардад» [103, С.45].

Чуноне ки Х.Р. Исайнов дар китоби худ қайд кардааст: «Ноҳияи агроиқлимии водии Рашт, дар баландии 1000 метр ҷойгир шуда, зимистони ҳақиқиро доро мебошад, давомнокии он дар баландиҳои 1200-1400 метр, ба ҳисоби миёна 75-85 рӯзро ташкил медиҳад. Бо зиёд гаштани баландӣ ба миқдори 100 метр давомнокии зимистони ҳақиқӣ, ба ҳисоби миёна ба миқдори 4-5 рӯз зиёд гардида, давраи нашъунамои растаниҳо дар фасли зимистон мушоҳида намешавад» [71, С.45].

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои аз нуқтаи назари аграрӣ-саноатӣ тараққикардаи мамлакат ҳисобида мешавад, хусусан барои соҳаи чорводорӣ ва ташкили комплекси чорводории самти ширдеҳ, ки он имкон медиҳад, ки дар оянда ҷиҳати таъсиси микрокластер дар минтақа заминаи устувор гузорад. Дар маҷмуъ, асоси рушди зеркомплекси гӯшту шири минтақаро соҳаи чорводории он ташкил медиҳад.

Мутаассифона, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соҳаи мазкур ба таназзул дучор гашта, ба он аз ҷиҳати ҳаҷм ва самараи истеҳсолот, зарари бузурги иқтисодӣ расонида шуда, пойгоҳи моддӣ-техникии ҳозираи чорводории ширдеҳ ҳоло ҳам на чандон ба давраи пеш аз ислоҳот мувофиқ мебошад.

Вале, дар умум соҳаи мазкур аз ҷумла чорводории самти ширдеҳ тадриҷан рушд ёфта, мавқеи хосро доро буда дар маҳсулоти он таҷассум гаштааст. Даромади умумии саҳми соҳа зиёда аз 60%-и даромади умумии чорводориро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар ҳудуди мамлакат саршумори чорво тамоюли болоравиро дорад (ҷадвали 2.1.).

Ҷадвали 2.1. -Динамикаи саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. сар

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2024 бо % нисбати 2020
	2020	2021	2022	2023	2024	
Чорвои калони шохдор	2391,5	2467,8	2553,8	2685,9	2814,0	117,7
Аз ҷумла, саршумори модаговҳо	1244,8	1290,5	1325,2	1409,4	1473,6	118,4
Саршумори бузу гӯсфанд	5797,5	6052,4	6317,2	6786,0	7256,5	125,2
Саршумори паранда	9782,7	11117,7	11286,3	10646,9	12129,1	124,0

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2025.–С. 237- 261; (390с.)

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2.1. афзоиши саршумори чорвои калони шохдор дар соли 2024- 2814,0 ҳазор сарро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 422,5 ҳазор сар ё худ 17,7 фоиз зиёд гаштааст. Саршумори модаговҳо низ дар давраи таҳлил 228,8 ҳазор сар ё худ 18,4 фоиз, саршумори бузу гӯсфанд 1459 ҳазор сар ё худ 25,2 фоиз ва саршумори паранда 2346,4 ҳазор сар ё худ 24,0 фоиз афзоиш ёфтааст [9]. Бо фикри мо, омили асосии он зиёд гаштани аҳолӣ, талабот ба маҳсулоти чорво, ки онро танзим менамояд. Дар маҷмуъ, тамоюли афзоишёбӣ дар ҳамаи зерсоҳаҳои соҳаи чорводории ҷумҳурӣ ба назар мерасад, чунки омили рушди соҳа таваҷҷуҳи хосаи ҳукумати кишварро дорост.

Саҳми чорвои калони шохдор ва модаговҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ калидӣ арзёбӣ гардида, дар миқёси ҷумҳурӣ ба дараҷаи гуногуни рушд соҳиб мебошанд. Саршумори чорвои калони шохдор ва модаговҳо аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.2. мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст.

Ҷадвали 2.2.-Саршумори чорвои калони шохдор ва модагов аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сар

Минтақа	Саршумори чорвои калони шохдор, ҳолат			Аз он ҷумла, модаговҳо			Соли 2024 нисбат ба соли 2020 бо фоиз	
	С о л ҳ о			С о л ҳ о			ЧКШ ҳамагӣ	мода-гов
	2020	2022	2024	2020	2022	2024		
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	2391,4	2553,8	2814,0	1244,8	1325,2	1473,6	117,7	118,4
аз он ҷумла: ВМКБ	100,0	105,5	111,2	41,2	45,6	47,5	111,2	115,3
Вилояти Суғд	667,0	732,72	812,4	363,9	394,2	440,5	121,8	121,4
Вилояти Хатлон	1010,9	1054,6	1188,1	514,6	541,0	617,6	117,5	120,0
НТҶ	613,4	651,8	702,3	325,0	340,1	368,0	114,5	113,2

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2025.–С. 237- 242; (390с.)

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум гардид, ки тамоюли афзоишёбии чорвои калони шохдор ва модаговҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ сатҳи гуногуни рушдро доро мебошад. Масалан, саршумори ЧКШ дар ВМКБ соли 2024 нисбат ба соли 2020 11,2 фоиз, мутаносибан дар вилояти Суғд 118,4 ё 21,8 фоиз, вилояти Хатлон 98,9 ё 17,5 фоиз ва дар НТҶ 108,9 ё 14,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Инчунин, саршумори модагов дар ВМКБ 66,1 ё 15,3 фоиз, вилояти Суғд 185,7 ё 21,4 фоиз, вилояти Хатлон 144,0 ё 20,0 фоиз ва НТҶ 153,1 ё 13,2 фоиз афзоиш ёфтааст [9]. Рақамҳои таҳлилӣ исбот менамоянд, ки миқдори чорвои калони шохдор ва модаговҳо дар минтақаҳои мавриди таҳқиқи мо гирифташуда дар миқёси ҷумҳурӣ баъд аз вилояти Суғд зинаи дуюмро ишғол менамояд.

Яке аз сабабҳои афзоиши чорво дар миқёси минтақаҳо ин чуноне ки дар боло арзёбӣ намудаем, талаботи замонавӣ мебошад, афзоиши миқдори чорво дар вилояти Суғд бештар дида мешавад, чунки дар он шароити нигоҳдорӣ, гирифтани маҳсулот ва коркарди саноатии он мусоидкунанда мебошад.

Маълумотҳо нишон медиханд, ки дар тамоми ҷумҳурӣ саршумори чорвои калони шохдор ва модаговҳо меафзояд. Аммо, дар маҷмуъ, аз сабаби паст будани маҳсулнокии чорво дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти чорво мушкилот боқӣ мемонад.

Устувории чорводорӣ бештар бо динамикаи саршумори чорво тавсиф

карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки саршумори чорво дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ зиёд гардида, яке аз омилҳои таъмин ба амнияти озуқавории кишвар таъсири мусбӣ мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияҳои тобеи марказ рушди соҳа барои таъмини корхонаҳои ширию ширӣ низ таъсирбахш мебошад.

Таҳқиқоти, бевосита дар ҳамаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Барои муайян намудани ҳолати соҳаи чорводории Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷадвали 2.3. овардашуда истифода мебарем, ки дар он динамикаи рушди саршумори чорворо аз рӯйи категорияҳои хоҷагидорӣ акси худро ёфтаанд.

Ҷадвали 2.3. Динамикаи саршумори чорво аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳои НТҶ, сар

Номгӯй	Солҳо					Соли 2024 фоиз нисбат ба соли 2020
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо						
Чорвои калони шохдор	613406	620836	651820	678033	702275	114,5
Аз он ҷумла, модагов	325002	333465	340080	357841	368026	113,2
Бузу гӯсфанд	1486513	1514314	1640274	1728021	1889620	127,1
Корхонаҳои кишоварзӣ						
Чорвои калони шохдор	8129	8899	7740	6998	7041	86,4
Аз он ҷумла, модагов	2953	2870	2592	2372	2442	82,7
Бузу гӯсфанд	61446	57543	53692	36111	41408	67,4
Хоҷагии аҳолӣ						
Чорвои калони шохдор	588927	594030	625246	648682	672066	114,1
Аз он ҷумла, модагов	317319	325582	331829	347628	357135	112,5
Бузу гӯсфанд	1211892	1234384	1332279	1380766	1494045	123,3
Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)						
Чорвои калони шохдор	16350	17709	18834	22353	23168	121,7
Аз он ҷумла, модагов	4730	5013	5659	7841	8449	178,6
Бузу гӯсфанд	213175	222387	254303	311144	354167	166,1

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2025.–С. 237- 245; (390с.)

Аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки тамоили афзоишёбии саршумори чорвои калони шохдор, аз ҷумла модаговҳо ва бузу гӯсфанд танҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ соли 2024 нисбат ба соли 2020 тамоюли

афзоишёбӣ дошта, саршумори чорвои калони шохдор 14,5 фоиз, модаговҳо 13,2 фоиз ва саршумори бузу гӯсфанд бошад 27 фоиз зиёд гаштааст. Тамоюли манфии саршумори чорво дар бахши корхонаҳои кишоварзӣ, ин албатта ба дигар шакли хоҷагидорӣ табдил ёфтани хоҷагиҳои чорвопарварӣ мебошад [9]. Масалан, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ боиси рушди ҳамасолаи хоҷагиҳои чорводорӣ дар ин бахш гардидааст.

Айни ҳол тамоми ҳаракатҳои роҳбариятҳои НТҶ ба афзоиши маҳсулнокии чорво, ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ва молӣ, даромади умумӣ ва соф мусоидат мекунад. Азбаски чорводорӣ дар НТҶ мавқеи баландро ишғол мекунад, бинобар ин, дар ин банд вазъи кунунии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ноҳияҳои тобеи марказ баҳо дода мешавад.

Дигар нишондиҳандаи сифатии рушди соҳаи чорводорӣ ин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа мебошад. Бо мақсади мавриди таҳлил қарор додани нишондиҳандаҳои маҳсулотҳои асосии соҳаи чорводорӣ дар ҷадвали 2.4. маълумот оварда шудааст.

Ҷадвали 2.4. -Истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. тон

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2024 бо % нисбати 2020
	2020	2021	2022	2023	2024	
Гӯшт	300,2	327,7	349,1	398,0	416,0	138,6
Шир	1021,0	1042,6	1064,2	1118,5	1177,4	115,3
Тухм, млн. дона	983,1	1053,4	1212,2	1223,7	1265,6	128,7

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2025.–С. 282- 290; (390с.)

Аз маълумоти ҷадвали 2.4. мушоҳида мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли гӯшт соли 2024 нисбат ба соли 2020 ҳаҷман 115,8 ҳазор тонна ё худ 38,6 фоиз, истеҳсоли шир ҳаҷман 156,4 ҳазор тонна ё худ 15,3 фоиз ва истеҳсоли тухм бошад 282,5 млн дона ё худ 28,7 фоиз зиёд шудааст [9].

Мавриди зикр аст, ки ҳамкороиҳои саноатӣ ва соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ ташкил намудани хоҷагии ташкилот ва корхонаҳои гуногуни истеҳсолӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаи алоҳидаи он мегардад, аз ҷумла тамоюлҳои рушд дар корхонаҳои аграрию саноатии коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ мебошанд, ки ҳамчун зермуҷтамеъҳои рушдкардаистодаи КАС-и кишвар баромад намуда, дар сатҳи лозима амалӣ гаштани бехатарии

озуқавории аҳолиро бо намуди маҳсулоти соҳаи чорводорӣ таъмин менамоянд. Барои муайян намудани ҳолати он динамикаи истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта арзёбӣ менамоем (ҷадвали 2.5.).

Ҷадвали 2.5. -Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои НТҶ дар солҳои 1991-2024, тонна

Нишондиҳанда	Солҳо							Ба ҳисоби миёна солҳои 1991- 2024	Соли 2024 нисбат ба соли 1991, бо фоиз
	1991	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Истеҳсоли шир – ҳамагӣ	138260	212662	214901	214719	217919	226125	241651	209462,4	174,8
Аз он ҷумла: корхонаҳои кишоварзӣ	66076	11543	11387	10745	9400	8511	7765	17918,1	-11,75
хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	3749	3791	4248	6650	8073	10190	6116,8	-
хоҷагиҳои аҳолӣ	72184	197370	199723	199726	201869	209541	223696	**186301,3**	309,9

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2025.–С. 286- 289; (390с.)

Аз маълумоти ҷадвали 2.5. маълум аст, ки афзоишёбии ҳаҷми истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои аҳолӣ соли 2024 нисбат ба соли 1991 151512 тонна ё худ 3,1 маротиба зиёд мебошад. Чи тавре ки рақамҳо исбот менамоянд коҳиш ёфтани истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ, сабаби асосии он рушди истеҳсолот дар хоҷагиҳои аҳолӣ, ки дар онҳо миқдори зиёди чорвои ширдеҳ қарор ёфта, ҳамчун молистеҳсолкунандагони асосӣ баромад менамоянд. Гарчанде хоҷагиҳои деҳқонӣ баъди соли 1992 ташкил ёфта бошанд, тамоюли афзоишёбӣ дар ин бахш бамаротиб мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ соли 2024 нисбат ба соли 2019 ҳаҷман 6441 тонна ё худ 1,7 маротиба истеҳсоли шир зиёд мебошад.

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 2.4. ва ҷадвали 2.5. бармеоянд вазни қиёсии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар истеҳсоли шири Ҷумҳурии Тоҷикистон агар соли 2020- 21,5%-ро ташкил дода бошад, пас соли 2024 20,5% коҳишёбии на чандон назаррас мебошад [9].

Ҷадвали 2.6. -Динамикаи ширдӯшӣ аз 1 сар модагов дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, кг

Минтақаҳо	Солҳо					Соли 2024 бо фоиз нисбати соли 2020	
	2020	2021	2022	2023	2024	Ба ҳисоби миёна дар 5 сол	%
Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ	2914	2663	2375	2491	2073	2088,6	71,1
	Ноҳияҳои сермаҳсул (ширдӯшӣ аз 1 модагов знёда аз 4000кг)						
Шаҳри Ҳисор	4789	4424	3895	3703	3556	4073,4	74,2
Ноҳияи Турсунзода	6579	5304	6325	5693	5295	5839,2	80,4
	Ноҳияҳои миёнамаҳсул (ширдӯшӣ аз 1 модагов аз 2000кг то 4000кг)						
Ноҳияи Шаҳринав	2251	2300	2137	2092	2094	2372,8	93,02
Ноҳияи Рӯдакӣ	1648	1911	2273	2658	2675	2233,0	162,3
Шаҳри Ваҳдат	2167	3637	938	1805	1905	2090,4	87,9
	Ноҳияҳои каммаҳсул (ширдӯшӣ аз 1- модагов камтар аз 2000кг)						
Ноҳияи Рашт	1791	1891	1948	2061	2006	1739,4	112,0
Ноҳияи Тоҷикобод	1504	1610	1792	1745	1880	1706,2	125
Ноҳияи Файзобод	1868	1873	1695	1572	1142	1630,0	61,1
Ноҳияи Нуробод	1100	2321	2336	1237	1622	172,3	147,4
Ноҳияи Варзоб	563	600	1081	1115	1000	871,8	177,6
Шаҳри Роғун	781	645	641	677	849	718,6	108,7

Сарчашма: Маҷмуаи омори Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.саҳ.304

Афзоиши бештари истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мушоҳида мешавад, сабаби асосии он рӯ овардани хоҷагиҳои ба чорвои хушзоту сермаҳсул, ҷорӣ намудани низоми нигоҳубин ва хӯрока, ки дар натиҷа маҳсулот афзоиш ёфта, самаранокии соҳа таъмин мегардад. Ин талаботи бозор буда, деҳқононро водор месозад, ки ба он риоя намуда, натиҷаи ниҳоии дилхоҳро соҳиб гарданд.

Сатҳи пасти ширдӯшӣ дар сатҳи паст қарор доштани корҳои зотпарварӣ, таъмини хӯрока ва маърифати аҳолии деҳот шарҳ дода мешавад, зеро дар НТҶ зиёда аз 97фоизи (соли 2024) модаговҳо дар дасти ахолӣ буда, онҳо ба самаранокии чорво на чандон аҳаммият медиҳанд. Деҳқон аз он хурсанд аст, ки модаговаш як гӯсола дорад ва рӯзе 3-4 литр шир медиҳад, ки онро барои эҳтиёҷоти оилавӣ истифода бурда, гӯсоларо то 1- 1,5-солагӣ парвариш намуда, ба фурӯш мегузорад.

Маълумоти ҷадвали 2.6. нишон медиҳад, ки дар соли 2024 қариб дар тамоми ноҳияҳои таҳқиқотӣ тағйирёбии ширдӯши амалан мушоҳида мешавад.

Муваффақиятҳои баланди ҷамъиятҳои алоҳида дар бобати ширдӯшӣ аз ҳар сар модагов сазовори диққати аҳли ҷамъият мебошанд, хусусан ҶДММ ба номи Латиф Муродови шаҳри Ҳисор, Алмири шаҳри Турсунзода дар ду соли охир аз ҳар модагов зиёда аз 5 ҳазор кг шир дӯшидаанд, ки ин аз натиҷаи миёнаи Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб 2 маротиба зиёд мебошанд.

Барои таъмину баландбардории маҳсулнокии чорво пеш аз ҳама хӯроки аълосифат ва таркиби хоси он муҳим мебошад, дар ин маврид майдони зироатҳои бехмеваи хӯроки чорво, юнучқа, офтобпараст ва дигар намуди онҳо низ барои тайёр намудани силос истифода шаванд. Майдони кишти ҷуворимакка барои дон назар ба солҳои пешина дар кишвар рӯ ба афзоиш ёфтааст. Айни ҳол қариб 20 ҳазор га кишт шуда бошад ҳам, аммо барои хӯрокаи чорво кофӣ нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кишти зироатхои хӯроки чорво 115509 гектар ҷудо карда шудааст, ки 13,4 фоизи онро ташкил медиҳад, аз он

ҷумла 861,458 гектари замини корам [9]. Минбаъд васеъ кардани майдони кишти зироатхои хӯроки чорво дар заминҳои корам бе зарар ба дигар соҳаҳои зироаткорӣ амалан имконнопазир аст. Бинобар ин вазифа аз он иборат аст, ки таъмини чорво бо ему хошоки хушсифат дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, низоми киштгардон ва зироатҳои серҳосил пурра таъмин кунем.

Қайд кардан лозим аст, ки дар оянда муносибати махсусгардонӣ ва баланд шудани дараҷаи контсентратсияи соҳаи чорводорӣ дар асоси ба соҳаи агросаноатӣ гузаронидан на танҳо чорво, балки истеҳсоли хӯроки чорво низ сарфи захираҳои моддию пулӣ муҳим мебошад.

Илова бар ин, гуфтан ба маврид аст, ки дар хоҷагиҳои вилоят холо 25,0-27,0 фоизи тамоми хароҷоти моддию пулии ҷорӣро ба истеҳсоли хӯроки чорво сарф мекунанд.

Муайян кардани структураи майдонҳои кишт муайян кардани ҳамон манбаъҳое мебошад, ки эҳтиёҷоти чорводориро ба хӯроки чорво пурра мегардонад. Дар баробари ин манбаъҳои хӯроки чорво бояд тавре бошанд, ки аз як тараф ба гирифтани микдори зарурии хӯрока кафолат диҳад.

Албатта, ин ё он варианти структураи майдонҳои кишт ба доираи киштгардони кабулшуда ё азхудшуда «Мувофиқ» аст. Дуруст интихоб кардани нақшаи киштгардон яке аз шартҳои муҳимми самаранок истифода бурдани замин мебошад. Бо вуҷуди ин худи киштгардон, нақшаи он ҳанӯз пурра будани ин масъаларо ошкор намекунад. Он бояд имконият диҳад, ки таносуби майдони кишти зироатҳои асосӣ дар доираи ҳамон миқдори майдонҳо ва нақшаи киштгардон сол аз сол беҳтар карда шавад.

Дар миқёси хоҷагиҳо миқдор, сохтор ва таъиноти майдонҳо, ки ба зироатҳои хӯроки чорво нигаронида шудаанд, хело фарқ менамояд ва нишондиҳандаҳое вуҷуд дорад, ки фарқиятҳои овардашударо муайян мекунад, вале шароити табиию иқлимии минтақа ҳамчун омили асосӣ баромад намуда самти истеҳсоли махсусгардонии хоҷагиҳо ба он вобаста мебошад. Шароити таббиӣ- иқлимӣ, на танҳо ба таркиби хӯроки чорво,

балки ба сифати он ҳам таъсири бевоситаи худро мерасонад. Ин дар навбати худ, таркиби хӯроки чорворо муайян мекунад. Ҳамаи инро ҳангоми интихоб кардани сохтори зироатҳои хуроки чорво ба назар гирифтан лозим аст.

Яке аз муҳимтарин роҳҳои мустаҳкам намудани пойгоҳи хӯроки чорво ва интенсификатсияи истеҳсоли хӯроки чорво ҳамаҷониба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво мебошад. Ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво ва сифати он ба истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ таъсири калон мерасонад. Умуман, дар ҷумҳурӣ динамикаи ҳосили ғалладона ва зироатҳои хӯроки чорво дар солҳои охир чунин аст (ҷадвали 2.7.).

Ҷадвали 2.7. -Ҳосилнокии зироатҳои асосии хӯрокаи чорво дар хоҷагиҳои НТҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.га)

Намуди зироат	Солҳо							
	2021		2022		2023		2024	
	Ҳосилнокӣ сентнер га	Миқдори маҳсулоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна	Ҳосилнокӣ сентнер га	Миқдори маҳсулоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна	Ҳосилнокӣ сентнер га	Миқдори маҳсулоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна	Ҳосилнокӣ сентнер га	Миқдори маҳсулоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна
Ғалладона, гандум	23,0	124,8	22,8	121,6	28,1	130,5	27,4	134,0
(Коҳ)*	23,0	124,8	22,8	121,6	28,1	130,5	27,4	134,0
Сулӣ, макка, дон	60,2	42,5	59,4	42,8	61,6	43,7	63,1	48,1
Бехмеваи хӯроки чорво	333	223,0	249,6	318,6	178,5	191,1	350,2	805,4
Ҷуворимакка барои силос ва тарбеда	215	192,5	137,6	134,5	205,6	228,7	349,5	391,4
Алафи як сола	18,3	14,0	14,4	17,6	16,3	15,7	15,4	17,9
Алафҳои бисёрсола	57,1	41,6	54,4	53,6	69,3	71,5	69,0	76,2
Алафҳои табиӣ	11,1	11,3	10,6	10,5	10,8	11,1	11,2	11,3

Сарчашма: Маҷмуаи Агентии омори кишоварзии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. Саҳ 286-289 139-147; 185-193 ва Вазорати Кишоварзии Тоҷикистон

***** Миқдори коҳ шартан бо миқдори ғалладонаги (гандум) қабул шудааст.

Дар давоми солҳои таҳлилӣ ҳосили асосии ғалладона ва зироатҳои хӯроки чорво афзоиш меёбанд (ба ғайр аз он солҳое, ки бо шароити ниҳоят номусоиди обу ҳаво фарқият доранд). Дар баробари ин дараҷаи мутлақи ҳосилнокии ин зироатҳо, маҳсусан дар зироатҳои пешқадам, монанди ҷуворимакка, дигар зироатҳои силос омодакунӣ ва бехмеваи хӯроки чорво,

алафҳои яксола низ ба талаботи на чандон ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамаи ин ба он гувоҳӣ медихад, ки баланд бардоштани ҳосили зироатхои хӯроки чорво, аз як тараф, дар мустаҳкам намудани пойгоҳи хӯроки чорво ва самараи истифода бурдани ҳосилхезии пурқимати заминҳои корам, аз тарафи дигар, омил ё захираи ҳосилнокии меҳнат мебошад.

Аз ин нуқтаи назар барои таъминити хӯрокаи истеҳсолшудаи дар кишвар тарзҳои истифодаи технологияи инноватсионирo ба роҳ мондан лозим, аст чунки амалӣ гаштани самаранокии соҳаи човодории ватанӣ ин ворид намудани технологияҳои навини захирасарфакунанда аст, ки барои таъмини афзоиши маҳсулнокии чорво, кам кардани арзиши аслии маҳсулот ба як сентнери он мусоидат мекунад.

Рақамҳо исбот менамоянд, ки ҳоло ҳам талаботи аҳолии кишвар ба шир ва маҳсулоти коркарди саноатии он аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ амалӣ намегардад ва амнияти озуқаворӣ ба даст наомадааст.

Маълум аст, ки яке аз омилҳои асосие, ки ба маҳсулнокии чорво ва сифати шири дӯшидашуда таъсир мерасонад ва самаранокии истеҳсолии онро ифода менамояд, хӯроки пурғизо аст. Таҳлили хароҷотҳои истеҳсолӣ, гирифтани шир шаҳодати онанд, ки дар сохтори арзиши аслии маҳсулоти мазкур вазни қиёсии хӯрока 60-70% - ро ташкил медиҳад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, таҷрибаи омӯхташудаи тараққиёти чорводориро дар Ноҳияиҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуда, дар ин асос барои тараққиёти зеркомплексӣ чорвои ширдеҳ таклифҳои зерин пешниҳод намудем:

- чорвои калони шохдор самти ширдеҳ воситаи асосии истеҳсолот буда, барои таъмини самаранокии нигоҳубин ва гирифтани даромад чорабиниҳои технологӣ, нақша сохтор ва баланси хӯрока ҳатман риоя гардад;

- омилҳои дигари таъсиррасон ин тарз ва шароити нигоҳдорӣ, коркарди шир мебошад, зеро он хусусияти тезвайроншавандагӣ дошта, муҳлат ва технологияи хоси қабул, коркард ва фурӯшро талаб менамояд, дар акси ҳол ба даромаднокӣ таъсир мерасонад;

- соҳаи чорводорӣ яке аз соҳаҳои меҳнатталаб буда, аз меъёри нигоҳубин ба ҳар як корманди он ва саршумори чорво вобаста мебошад;

- афзоиш ё коҳиш ёфтани маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи чорводорӣ аз сатҳи механикони равандҳои асосии технологияи қабулшуда, тарзи нигоҳубин, ташкили меҳнат як катор омилҳои дигар вобаста мебошад, ки ба вазъи кунунии истеҳсоли шир ва самаранокии он таъсир мерасонад (ҷадвали 2.8.).

Ҷадвали 2.8.- Сарфи хӯрока ба як воҳиди истеҳсоли шир дар НТҶ

Нишондиҳандаҳо	Ба ҳисоби миёна дар НТҶ	2020	2021	2022	2023	2024	Соли 2024 нисбат ба соли 2020, бо %
Саршумори миёнаи солонаи чорвои ширдеҳ, ҳазор сар (модагов)	339,1	325,0	333,5	340,1	357,8	368,0	108,5
Истеҳсоли умумии шир, ҳазор сентнер	21841,6	21490,1	21471,9	21791,9	22612,5	24165,1	110,6
Ширдӯшӣ аз ҳар сар чорвои ширдеҳ, кг	2610,75	2914,0	2663,0	2375,0	2475,0	2073,0	79,40
Сарфи умумии хӯроки чорво ба ҳар сентнер шир, сентнер воҳиди	1,2	1,7	1,3	1,4	1,2	1,2	100,0
Аз ҷумла, еми чорво, хӯрока сентнер ем воҳид	0,38	0,51	0,41	0,60	0,36	0,4	105,2
Ҳиссаи еми чорво, %	25,8	30,5	31,0	42,8	30,9	32,1	124,4

Сарчашма: Вазорати Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз рақамҳои ҷадвали 2.8. бармеояд, ки солҳои таҳлили дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саршумори чорвои калони шохдор, модаговҳо, рушди устуворро дороянд (13,2%), ки дар натиҷа истеҳсоли умумии шир низ афзоиш ёфтааст [9]. Вале суръати афзоиши саршумор ва истеҳсоли шир мувофиқат намекунад, ки он аз коҳиш ёфтани маҳсулнокии модаговҳоро нишон медиҳад, ба фикри мо омилҳои таъсиррасон ба он, пеш аз ҳама бо сабаби аз даст додани манфиати иқтисодии истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти кишоварзӣ ба рушди соҳа дар шароити нобаробарии нархҳо, афзоиши қарз, пардохт накардани маблағҳо, коҳиш ёфтани майдони чарогоҳ, маҳсулнокии чорво, таъмин намудани чорво бо хӯрока, норасогиҳои захираҳои моддӣ-

техникӣ, хусусан нокифоягии равандҳои селексионӣ-хушзоткунӣ ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд намуд, ки буҳронҳои умумии иқтисодиёти ҷаҳон ба иқтисодиёти давлати мо низ таъсири худро расонид, ки дар натиҷа қобилияти харидории аҳолӣ суст гашта, афзоиши нархи маҳсулотро ба миён оварда ва маҳсулотҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, ба монанди маҳсулоти ширирро маҳдуд намуд.

Дар ибтидои ислоҳот ба рушди комплекси агросаноатӣ сиёсати маҳдудкунии давлат нисбат ба истеҳсолкунандагони калони молу маҳсулоти кишоварзӣ ва аз истеҳсолоти калон ва гузаштани маблағҳои дастгирии давлатӣ аз истеҳсолоти калон ба истеҳсолоти маҳсулоти хурд таъсири манфӣ расонд.

Новобаста аз тамоюлҳои мусбие, ки солҳои охир дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ ба амал омадаанд, коҳишёбии саршумори чорвои ширдеҳ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ дида мешаванд. Заминаи вуҷуддоштаи хӯроки чорво имконият фароҳам намеорад, ки иқтидори генетикии чорвои ширдеҳ пурра истифода гардад. Мувофиқи маълумотҳо дар як қатор минтақаҳо барои мустаҳкам гаштани пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва таъмини чорво бо хӯрокаи дохилӣ, таъмини рушдӣ самаранокӣ истеҳсолӣ соҳаи чорводории самти ширдеҳ, барномаҳои махсус таҳия гаштанд ва он дар мадди назари давлат қарор дорад.

Таҳқиқотҳо исбот менамоянд, ки айни замон дар тамоми минтақаҳои кишвар, ба иқтисодиёти соҳаи чорводории самти ширдеҳ, афзоиши маҳсулнокии он аҳаммияти хосса дода мешавад ва он бозгашти хароҷотро дар асоси коҳиш додани равандҳои ёрирасони истеҳсолот ва тайёр намудани ему хошок ва хароҷоти меҳнат ба он мусоидат менамояд. Исбот менамоянд, ки истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти алоҳида, махсусан корхонаҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувор, ки инҳо асосан агрохолдингҳо мебошанд, технология ва воситаҳои техникии навро васеъ татбиқ менамоянд. Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон ба монанди Дания, Олмон, Австралия ва дигар

давлатҳоисбот менамоянд, ки чорвои хушзотро харидорӣ намуда, аввалан истеҳсоли шир нишондиҳандаҳои иқтисодии онро (меҳнатталабӣ, энергияталабӣ, арзиши аслӣ) беҳтар намуда, фоида ба даст меоранд.

Истифодаи технологияҳои пешқадам, ки дар чорводории ширдеҳ амалӣ мегарданд, имкон медиҳад, ки таъсири ҳар як равандҳои алоҳидае, ки маҷмуи мушаххасси таҷҳизот ва мошинолот иҷро мекунанд ва обдиҳии чорво; нигоҳдорӣ, тайёр ва тақсим кардани хӯроки чорво, ширдӯшии чорвои ширдеҳ, коркарди ибтидоии шир (тозакунӣ, ҷудо кардани қаймоқ ва хунуккунонӣ, нигоҳдорӣ, бандубасткунӣ), тозакунӣ аз ахлотҳо ҳамчун нуриҳои органикӣ, нигоҳубини чорво; таъмини микроиқлими муносиб) оид ба сарфаи истеҳсоли шир ва маҳсулоти иловагӣ арзёбӣ карда шавад. Онҳо якхела набуда, барои рушди минбаъдаи андозаҳои стратегии рушди соҳа муҳим мебошанд.

Дар натиҷаи пешрафти ҷамъият, дастгирии давлатии соҳаи чорводорӣ дар заминаи хоҷагиҳои калони бунёдгашта, ки ҳамчун истеҳсол ва таъминкунандагони асосии шир ба шумор меравад, дигар маҳсулотҳои ширӣ ба бозор мебошанд, ки миқдоран талаботро афзоиш дода, дар натиҷа мавқеи рақибони бурунмарзиро аз бозори дохилии ҷумҳурӣ танг мекунад.

Аз ин рӯ, қайд кардан ба маврид аст, ки вазъият аз имкониятҳо ва зарурати васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, коркард, диверсификатсияи соҳаи мазкур ташкилот ва корхонаҳое, ки бо чорвои ширдеҳ барои рушди минбаъдаи самаранокии он сарукор доранд, майдони васеи фаъолияти хосеро соҳиб мебошанд.

2.2. Ҳолати ташкилӣ – истеҳсолӣ ва самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ

Ҳолати кунунии соҳаи чорвои ширдеҳ исбот менамояд, ки яке аз шартҳои муҳимтарини таъмини устуворнокии комплекси агросаноатӣ-рақобатпазирӣ мавқеи хосро дорост, чунки он тавассути рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда қонуни иқтисодии бозоргонӣ мутобиқ буда дар

оянда муайян карда мешавад.

Рақобатпазирии шир, чун маҳсулоти ғизоӣ мавқеи хосро дорост, аз якчанд омилҳо вобаста мебошанд, ки он асосан аз тарафи молистеҳсолкунандагони шир амалӣ мегардад.

Аз ин нуқтаи назар вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи чорводории ширдеҳ ташкилотҳои самти мазкур, таъмини самаранокии истеосоли шир дар асоси истифодаи дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам мебошад. Он метавонад коҳиш ёфтани харочоти захираҳоро ба воҳиди маҳсулот ва рушди маҳсулнокии меҳнат ба сатҳи мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо расониданро талаб менамояд.

Мақсади лоиҳаи «Рушди комплекси агросаноатӣ» аз он ҷумла «Рушди босуръати чорводорӣ» дар миқёси давлат ва НТҶ нигоҳ доштани таносуби оқилонаи ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ дар истеҳсоли умумии шир баромад менамояд, ки афзалиятнокии рақобатпазириро дороянд ва он дар натиҷаи амалӣ гаштани интенсификатсияи босуръат дар асоси ҳамгироӣ ва махсусгардонии амиқ алоқаманд мебошанд, ки онро бо дастрасии васеъшаванда ба захираҳои инвеститсионӣ амалӣ намудан мумкин аст.

Сарфи назар аз паст будани нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнат дар ташкилотҳои рушди онҳо ба назар мерасад, ки дараҷаи баланди равандҳои интенсификатсиякуниро нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат инъикос намояд.

Дар баробари ин афзоиши саршумор ва маҳсулнокии чорвои ширдеҳ солҳои охир дар ташкилотҳои кишоварзӣ ва дар дасти аҳолӣ ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши шир аз ҳисоби хеле зиёд шудани арзиши аслӣ, инчунин даромаднокии онҳо паст шуда истодаанд (ҷадвали 2.9.).

Самаранокии истеҳсоли шир дар асоси таъмини такрористеҳсолкунии васеъ амалӣ гашта устувории иқтисодӣ, молиявии корхона ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, хусусан ба беҳтар гаштани сатҳи иҷтимоии аҳолии деҳот ва инфрасохторҳои он мусоидат менамояд. Маълум аст, ки миқдор ва ҳаҷми музди меҳнат дар соҳаи чорводорӣ аз маҳсулнокии чорво гирифтани

маҳсулот вобаста мебошад, ки он аз тағйир ёфтани саршумор ва маҳсулнокии чорво бевосита вобаста мебошад.

Дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истеҳсолкунандагони асосии шир ташкилотҳои кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Тавре таҳлилҳои қаблӣ нишон медиҳанд, вазъи хоси чорвои калони самти ширдеҳ, дар маҷмуъ ЧКШ ҳолати мусбиро доро буда, дар давраи таҳлилии соли 2024-ум 51,3% -ро ташкил додааст, ки вазъи он дар хоҷагиҳои хонаводагии аҳолӣ муътадил гашта, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад кам гардидааст, инчунин вазни хоси онҳо дар саршумори умумии чорво 53,6%- ро ташкил дод.

Рақамҳо ва ҳолати вуҷуддоштаи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар оянда «бозори шир» вуҷуд дорад мутахассисони соҳаи мазкур суръати рушди миёнаи солонаро 4 -5 % арзёбӣ менамоянд, ки ба фикри мо натиҷаи афзоиши даромади молистеҳсолкунандагонро таъмин намуда наметавонад.

Барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ бояд самаранокии истифодаи қувваҳои истеҳсолкунанда таъмин гарданд. Дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ қувваҳои истеҳсолкунанда ин замин, воситаҳои техникӣ, миқдорӣ чорво, пойгоҳи хӯрока, зичии чорво бо воҳиди заминҳои кишоварзӣ ва ҳамчун нишондиҳандаи интенсификатсия баромад менамоянд (Ҷадвали 2.9.).

Аз сабаби паст будани сифати хӯроки чорво ва номутаносибии он истеҳсолкунандагон 20-30 %-и маҳсулотро мегиранд, аз ин рӯ, муқаррар намудани ҳаҷми оқилона, сохтори хӯрок ва истеҳсоли хӯроки чорво қадами асосӣ дар роҳи баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва кам кардани арзиши аслии маҳсулот мебошад.

Ҷадвали 2.9. -Нишондиҳандаҳои муқоисавии интенсификатсияи соҳаи чорводории ширдеҳ, ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ва дар НТҶ

Нишондиҳандаҳо	Ба ҳисоби миёна дар Ҷумҳурӣ						НТҶ					
	Солҳо					2024 бо % нисбати 2020	Солҳо					2024 бо % нисбати с. 2020
	2020	2021	2022	2023	2024		2020	2021	2022	2023	2024	
Корхонаҳои кишоварзӣ												
Сарфи умумии хӯроки чорво барои истехсоли 1 с. шир, сентнер ба воҳид	1,04	1,06	1,04	1,06	1,06	101,9	1,17	1,16	1,14	1,13	1,14	97,4
Ҳиссаи хоси хӯрокҳои махсус дар сарфи умумии хӯрокҳо барои истехсоли 1 сентнер шир, %.	33,7	35,8	38,5	35,8	35,8	106,2	30,8	32,8	35,1	34,5	39,2	113,6
Рост омадани тракторҳо ба 1000 га замини кишт, адад	6,5	5,6	5,2	5,4	5,4	83,1	6,0	4,4	4,2	4,0	4,0	66,7
Ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ												
Саршумори чорвои калони шохдор ба100 гектар замини кишоварзӣ, сар.	8,8	8,9	9,2	9,6	10,5	119,3	11,0	10,8	10,5	10,5	10,5	95,5
Саршумори чорвои ширдеҳ ба ҳар 100 гектар замини кишоварзӣ, сар.	3,6	3,6	3,7	3,9	4,1	113,9	4,8	4,7	4,6	4,7	4,7	97,9
Истехсоли шир ба ҳар 100 гектар замини кишоварзӣ, сентнер	162	166	171	177	186	114,8	169	171	167	165	167	98,8

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси рақамҳои омори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025

Маълумоти дар ҷадвали 2.9. овардашуда нишон медиҳанд, ки захираи хӯроки дурушт ва ширадор ба ҳар сар чорвои шартии калони шохдор дар солҳои таҳлилшуда дар корхонаҳои кишоварзии НТҶ тақрибан дар як сатҳ мемонад, ки он бо коҳиш ёфтани саршумори чорво алоқаманд буда, инчунин кам шудани майдонҳои замини кишт ва паст будани ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво ба корхонаҳои кишоварзӣ, ҳамчун барои истеҳсол омили таъмини гирифтани шир халал мерасонад.

Сохтори хӯрока дар сарфи умумии он нишон медиҳад, ки %-и хӯрокаи махсус афзоиш ёфта истода, дар марҳилаи таҳлили аз 33,7% то 39,2% (афзоиш13,6%) расидааст. Нишондиҳандаҳои дигари сатҳи интенсификатсияи соҳаи чорводорӣ каму беш коҳиш ёфтаанд. Ҳиссаи зиёди кам гаштани трактарҳо ба 1000га замин, ки таъмини аҳолиро, бо озуқа муаррифӣ менамояд, дар ин сурат ба он ислоҳи кумаки давлат лозим аст.

Дар як қатор хоҷагиҳо, корхонаҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла НТҶ низоми махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат дар чорводории ширдеҳ на чандон сатҳи баландро дороянд; ба монанди равандҳои мушаххаси такористеҳсолкунӣ (парвариши ғуноҷинҳо, сохтор ва таъмири пода, такмили ҷавонаҳо, тарзи беҳтарини нигоҳубин ва саршумори оқилонаи чорвои зотӣ) ва бояд таҷрибаи хоҷагиҳои мазкурро дар миқёси ноҳия, вилоят ва тамоми ҷумҳурӣ амалӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Амалӣ гаштани рушди соҳаи мазкур, маҳсулнокии чорво, зиёд гаштани истеҳсоли шир, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар асоси сарҷамъ намудани миқдори чорво, кооператсия, махсусгардонии амиқи истеҳсолиро тағйир дода, дар асоси он микрокластерҳои истеҳсоли шир, коркард ва таъмини аҳолиро бо маҳсулоти дохили ватанӣ, бо хароҷоти камтарини меҳнат ва захираҳо амалӣ намудем, ки он ба роҳи асосии барқарор ва ба даст овардани рушди самаранокии самти соҳаи мазкур мусоидат менамояд.

Барои муайян намудани ҳолати чорвои калони шохдор самти ширдеҳ аз маълумотҳои оморӣ онро дар мисоли якчанд хоҷагиҳои пешқадами ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлил ва хулосабандӣ намудем (ҷадвали 2.10.).

Ҷадвали 2.10. -Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводори самти ширдеҳ

Солҳо	ҶДММ «Латиф Муродов»				ҶДММ «Фаровон»			
	Саршумор, сар.		Истеҳсол, сен.		Саршумор, сар.		Истеҳсол, сен.	
	ЧКШ	Модагов	гӯшт	шир	ЧКШ	Модагов	Гӯшт	шир
2020	800	355	916	15373	200	62	156	1846
2021	810	355	943	16149	208	63	160	1852
2022	870	357	1182	16646	214	63	176	1863
2023	868	356	1223	16440	217	64	182	1875
2024	888	336	1266	14657	229	65	191	1892
2024 бо % 2020	111,0	94,6	138,2	95,3	114,5	104,8	122,4	102,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти хоҷагиҳо

Чунончи аз таҳлили ҷадвали 2.10. бармеояд, саршумори чорвои калони шохдор дар ҶДММ «Латиф Муродов»-и шаҳри Ҳисор ва ҶДММ «Фаровон» ш. Ваҳдат соли 2024 мутаносибан ба 888 сар ва 229 сар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 88 ва 29 сар зиёд мебошанд, вале саршумори модаговҳо дар ҶДММ «Латиф Муродов» 19 сар кам, дар ҶДММ «Фаровон» 3 сар зиёд шудааст. Зимни таҳлил маълум гардид, ки ҷамъият солҳои охир оиди тақвият бахшидан ба равияи гӯштии чорвои калони шохдор таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар маҷмуъ 11 фоизи афзоишёбии чорвои калони шохдорро ташкил медиҳад.

Рақамҳои овардашуда оиди ҶДММ «Фаровон» ш. Ваҳдат нишон медиҳад, ки миқдоран саршумори чорвои калони шохдор дар марҳилаи таҳлили 14,5% афзоиш ёфта бошад, саршумори модаговҳо 4,8%-ро ташкил додааст. Хоҷагӣ тадриҷан ба сохтори пода аҳаммияти хосса дода, дар таркиби пода вазни қиёси модаговҳоро аз 31,0% (соли 2020) то 28,4% (соли 2024) расида бошад ҳам, вале афзоиши истеҳсоли шир аз нуқтаи назари маҳсулнокии модаговҳо баланд бардоштани соҳаи мазкур таъсири бевосита мерасонад. Дар натиҷа дар сохтори пода саршумори чорвои ширдеҳ меафзояд, самаранокии соҳа ва истифодаи воситаҳои истеҳсолот, хусусан фондҳои асосӣ бештар гашта, бозгашти маблағгузории капиталиро таъмин менамояд.

Коҳишёбии саршумори модаговҳо дар ҶДММ «Латиф Муродов»-и ш. Ҳисор баракси он мушоҳида карда мешавад. Дар хоҷагии мазкур, агар дар соли 2020 44,4% саршумори чорвои калони шохдорро модаговҳо ишғол намоянд пас дар соли 2024 он ба 37,8% расидааст, ё 5,4% коҳиш ёфтааст. Дар асоси гузаронидани пурсиши коргарони соҳаи чорводорӣ ва мутахассисони мухталифи он маълум гашт, ки ҳолати иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии молистеҳсолкунандагон солҳои сипаригашта рушди онҳо ба як қатор монеаҳо дучор гашта миқдори чорвои калони шохдори самти ширдеҳ тағйир ёфта истодааст. Аз ҷумла гаронии арзиши аслии шир, афзоиши нархи воситаҳои гардон ва ғайраҳо мебошанд.

Аз таҳлили рақамҳои овардашуда байни онҳо фарқият дида мешавад. Сатҳи афзоиши истеҳсоли гӯшт дар ҶДММ «Латиф Муродов»-и ш. Ҳисор нисбат ба ҶДММ «Фаровон» ш. Ваҳдат каме бештар аст, мутаносибан 38,2% ва 22,4% шир, баръакс миқдори истеҳсоли шир 4,7% коҳиш ёфта бошад, дар ҶДММ «Фаровон» ш. Ваҳдат 2,5% афзоиш ёфтааст.

Саршумори чорвои ширдеҳи зотӣ дар солҳои ниҳои беш аз беш афзоиш ёфта он ҳам дар як қатор хоҷагиҳое, ки ба самти ширӣ махсуси гардонидашуда мебошанд. Вале, хоҷагиҳое, ки шароити нигоҳ доштани чорвои зотиро доро нестанд, онҳо қисми зиёди истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳанд, маҷбуранд, ки чорвои зоти маҳаллии каммаҳсулро истифода баранд. Барои ислоҳи ҳолати мазкур объективона, аз нав муҷаҳҳазгардонии техникӣ - технологии субъектҳои хоҷагидорӣ ва амалӣ гаштани навовариҳои ташкилӣ-иқтисодиро талаб менамояд. Аммо зиёд гаштани маҳсулнокии чорво ба таври бояду шояд кафолати самаранокии баланди истеҳсолии ширро таъмин намудан, барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии интенсификатсиякунонӣ омилҳои самаранокӣ бояд тамоми самтҳои таъсиркунандаро оқилона риоя ва ҷорӣ намоянд. Дар натиҷа метавонад сатҳи даромаднокии истеҳсоли шир афзоиш ёбад.

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳи мутахассисони соҳа ба

афзоиши маҳсулнокии чорво равона шуда, бисёр нишондиҳандаҳо аз мадди назар дур мондаанд, махсусан: сифати хӯроки чорвои истеҳсоли худӣ, риояи ҳатмии мувозинатӣ ва нақшаи хӯрокдиҳии чорво, муҳлати истифодабарии чорвои сермаҳсули ширдеҳ, таъмини муҳити иқлимӣ ва нигоҳдории он.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи олимон исбот намудааст, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (шароити табиӣ-иқлимӣ, бозорҳо ва монанди ҷойгиршавии амудӣ муҳити нуқтаҳои фурӯши маҳсулот, сатҳи кумаки давлатӣ дар миқёси кишвар, ноҳияҳо, вуҷуд доштани бозори хӯрока, захираҳои меҳнатӣ ва арзиши онҳо) дараҷаи рақобатпазирии маҳсулоти чорвои ширдеҳ ба маҳсулоти бурунмарзӣ дар кишоварзии минтақаи мазкур маҳсулнокии чорвои ширдеҳро зиёда аз 4000 килограм таъмин кардан мумкин аст.

Чуноне ки маълум аст, дар сохтори қувваҳои истеҳсолкунанда захираҳои меҳнатӣ нақши калидиро мебозанд ва барои амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ ба ғайри хизмати бевосита коргарони асоси балки хизматчиён, механизаторҳо, мутахассисон ва роҳбарон низ кам нест, ки дар маҷмуъ ҳар яки онҳо дар меҳвари вазифавиашон содиқона меҳнат намуда, дар натиҷа маҳсулот ба даст меояд, ки онро дар мисоли се хоҷагии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор додаем.

Барои дақиқ муайян намудани вазъи чорводорӣ дар миқёси минтақа аз маълумоти як қатор хоҷагиҳои пешқадами Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки дар ҷадвали 2.11. оварда шудааст, истифода мебарем.

Маълумоти ҷадвали 2.11.-ро таҳлил намуда, қайд кардан мумкин аст, ки дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хоҷагии кишоварзӣ вуҷуд доранд, ки дар баробари истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ соҳаи чорвои ширдеҳ низ ба шакли фермаҳои молию ширӣ фаъолият намуда, саҳми худро барои таъмин намудани маҳсулоти шир ва гӯшт, хусусан шир мегузоранд.

Ҷадвали 2.11. -Миқдори коргарон ва харочоти меҳнат дар хоҷагиҳои мушаххас (соҳаи чорвои калони ширдеҳ дар соли 2024)

Нишондиҳандаҳо	ҶДММ «Латиф Муродов»					ҶДММ «Алмир»					ҶДММ «Фаровон»				
	Кормандон, нафар	Шумораи рӯзҳои корӣ	Давомнокии басти корӣ, соат	Ҳамагӣ, рӯзҳои корӣ, одам/рӯз	Ҳамагӣ, харочоти меҳнат одам/ соат	Кормандон, нафар	Шумораи рӯзҳои корӣ	Давомнокии басти корӣ	Ҳамагӣ, рӯзҳои кори одам/рӯз	Ҳамагӣ, харочоти меҳнат одам/ соат	Кормандон, нафар	Шумораи рӯзҳои корӣ	Давомнокии басти корӣ	Ҳамагӣ, рӯзҳои кори одам/рӯз	Ҳамагӣ, харочоти меҳнат одам/ соат
Шумораи умумии кормандон, нафар	44,0	293,3	7	12906,0	90342,0	46,0	280,3	7	12990	90930	30,0	298,4	7	9015	63105
аз он ҷумла: говдӯшон	10,0	365,0	7	3650,0	2555,0	10,0	365	7	3650	25550	7,0	365,0	7	2555	17885
Подабон	12,0	365,0	7	4380,0	30660,0	10,0	365	7	3650	25550	10,0	365,0	7	365	25550
Хизматчиён	8,0	122,0	7	976,0	6832,0	10,0	125	7	1250	8750	5,0	122,0	7	610	4270
Механизаторҳо	4,0	250,0	7	1000,0	7000,0	4,0	240	7	960	6720	3,0	250,0	7	750	5250
Мутахассисон	8,0	290,0	7	2320,0	16240,0	11,0	290	7	3190	22330	4,0	290,0	7	1160	8120
Роҳбарон	2,0	290,0	7	580,0	4060,0	1,0	290	7	290	2030	1,0	290,0	7	290	2030

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти хоҷагиҳо

Вобаста аз миқдори саршумори чорвои калони шохдори самти ширдеҳ, шартан мавқеи авваларо ҶДММ «Алмир»-и ш.Турсунзода бо 980 сар аз он ҷумла, модаговҳои ширдеҳ 450 сар, баъдан ҶДММ «Латиф Муродов»-и ш. Ҳисор бо 811 сар, аз он ҷумла, 336 сар модагов ва мавқеи сеюмро ҶДММ «Фаровон»-и ш. Ваҳдат бо 229 сар, аз он ҷумла, 65сар модагов ишғол менамоянд.

Нишондиҳандаҳои миқдорӣ исбот менамояд, ки дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар ҳар се хоҷагиҳои мазкур миқдори гуногуни коргарони истеҳсолӣ ва коргарону хизматчиёни гуногун фаъолият менамоянд. Тавре ки мебинем шумораи рӯзҳои корӣ вобаста аз шакли меҳнат ва касбияти иҷрокунандагон ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим шуда, фарқият доранд, ки он аз талаботи технологӣ ва физиологии чорво вобаста мебошад. Равандҳои меҳнатӣ, хусусан бевосита истеҳсолӣ, ба монанди нигоҳубини чорво, хӯронидан ва дӯшидани онҳо равона шудааст, дар тамоми рӯзҳои сол ҳатман истифода бояд шаванд. Аз ин лиҳоз, миқдори рӯзи кории категорияи коргарон, ки онро таъмин менамоянд, 365 рӯз қабул шудааст.

Гурӯҳи дигари захираҳои меҳнатӣ, онҳо хизматчиён, муҳосибот, иқтисодчиён, механизаторҳо (коргароне, ки барои амалӣ гаштани равандҳои меҳнатӣ бо истифодаи техника, таҷҳизот), бойторҳо, роҳбарон ва ғайра ба ҳисоб мераванд, ки мувофиқи нақшаи кориашон, ба ҳисоби миёна шартан якхела муайян шудаанд. Миқдори коргарони умумии соҳаи чорвои калони шохдори ширдеҳи ҶДММ «Латиф Муродов» ба як коргар 18,43 чорво ва дар ҶДММ «Алмир» 21,3 сар, дар ҶДММ «Фаровон» 7,63 сар рост меоянд. Инчунин ба миқдори чорво вобаста шуда, ба 1 говдӯш дар ҶДММ «Фаровон» 10 сар, дар ҶДММ «Латиф Муродов» 34 модагов ва дар ҶДММ «Алмир» 45 сар модагов рост меояд, чунки ба ғайр аз хоҷагии аввал ҳарду хоҷагӣ раванди мазкур «ширдӯшӣ»-ро бо таҷҳизоти Туркии «Эвалар»- ки бо тариқи асбоби барқи равандро таъмин менамояд, амалӣ гаштанд.

Дар хоҷагии ҶДММ «Фаровон» таҷҳизоти «Молокопровод-200», ки дар давраи Шуравӣ истифода мешуд, онро мавриди ширдӯшии модаговҳо

қарор додаанд. Харҷи меҳнат, яъне меҳнатталабии истеҳсоли шир сатҳи камтаринро ҶДММ «Алмир» ишғол намуд, ки ба ҳар як сар чорвои калони шохдор 92,8 одам соат сарф шуда, ин нишондиҳанда дар ҶДММ «Латиф Муродов» 10,7 одам соат ва дар ҶДММ «Фаровон» 275,6 одам соатро ташкил додааст. Сохтори коргарон яке аз нишондиҳандаҳои ташкил ва истифодаи захираҳои меҳнатиро муаррифӣ менамоянд, ки онро аз маълумоти ҷадвали 2.12. таҳлил менамоем.

Ҷадвали 2.12.- Ҳайат ва сохтори коргарони фермаи чорвои калони шохдор дар соли 2024

Ҳайати кормандон	ҶДММ «Латиф Муродов»			ҶДММ «Алмир»			ҶДММ «Фаровон»		
	Шумора	%	Хароҷот, меҳнат одам/соат	Шумора	%	Хароҷот, меҳнат одам/соат	Шумора	%	Хароҷот, меҳнат одам/соат
Ҳамагӣ	44	100	90342	46	100	90930	30	100	63105
Истеҳсолӣ	22	62,2	56210	20	56,2	51100	17	56,6	43435
Хизматчиён	12	15,3	13832	14	17,0	15470	8	26,7	9520
Роҳбарон ва мутахассисон	10	22,5	20300	12	26,8	24360	5	16,7	10150
Хароҷоти меҳнати 1коргар, одам/соат	-	-	2053,2	-	-	1976,7	-	-	2103,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти хоҷагиҳо

Агар сохтори коргаронро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки дар он вазни қиёсӣ, миқдорӣ коргарони истеҳсолӣ баланд буда, мутаносибан аз 56,2% то 62,2% баробар шудааст. Аз ин бар меояд, ки дар истеҳсолот саҳми коргарони асосӣ бештар аст. Механикунони ва автаматикунонии равандҳои нигоҳубин ба воситаи истифодаи мошин ва механизмҳо амалӣ гарданд, дар натиҷа сарфи меҳнат коҳиш ёфта, маҳсулнокии он афзоиш меёбад ва рақамҳои мушаххас онро исбот менамоянд.

Хароҷоти меҳнати миёна 1 коргар 1976,7 одам/соат шоҳиди онанд. Таҷриба ва нишондиҳандаҳои оморӣ оиди истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот исбот менамояд, ки хароҷоти меҳнати гузашта, нисбати меҳнати зинда доимо бояд афзоишёбанда бошад, ки он ҳолати тараққиёти ҷамъият, дастовардҳои прогресси илм ва техникаро муаррифӣ менамоянд.

Дар натиҷа, афзоиши меҳнати гузашта ба як воҳиди маҳсулот коҳиш меёбад. Яъне, маҳсулнокии меҳнат ҳамчун нишондиҳандаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ аз сатҳи механикунонии равандҳои истеҳсолӣ вобаста мебошанд (ҷадвали 2.13.).

Тавре, ки иброз намудем, сатҳи механикунонии равандҳои истеҳсолӣ дар кишоварзӣ бо истифодаи техникаи барқӣ, омили асосии таъмин гаштани афзоиши маҳсулнокии меҳнат ба ҳисоб рафта ғайр аз таъмини самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъсири мусбӣ бо «экология»-и муҳити атроф хеле зиёд мебошад. Чун, ки истифодаи барқ дар мошин ва таҷҳизотҳои барқӣ ҳамчун қувваи энергетикӣ нисбати техника ва мошину механизмҳое, ки ба воситаи сӯзишвории нафтӣ (бензин ва дизелӣ) ба ҳаво моддаҳои заҳролудкунандаро ихроҷ менамоянд, табиатро ҳифз намуда, ба саломатии инсон низ таъсири манфӣ намерасонанд.

Таҳлили ҷадвалҳои 2.13. нишон медиҳанд, ки дар равандҳои асосии истеҳсолии фермаҳои мазкур, ба монанди тайёр намудани хӯрока, ки худ якчанд амалиётҳои мушаххасро мувофиқи технологияи қабулшуда (ба монанди, муайян кардани миқдор ва намуди хӯрока, тоза ва реза кардан, буғкунонӣ, омехта кардан ва ғайра), тақсим намудан, ширдӯшӣ, тоза кардани майдон аз пору, микромуҳит ва ғайра дар бар мегирад, ки онҳо низ аз амалиётҳои гуногуни технологӣ иборатанд, дар маҷмуъ бо истифодаи техника амалӣ мегарданд.

Рақамҳо исботи онанд, ки чӣ қадаре ки саршумори чорво бисёр бошад, миқдори коргарон (механикҳо) ва иқтидори энергетикии он (ферма) афзоиш меёбанд. Масалан, дар ҶДММ «Латиф Муродов», ки 811 сар чорвои калони шохдори самти ширдеҳ, аз он ҷумла 336 бевосита маҳсулот шир медиҳанд, иборат аст, 44 коргари умумӣро дорост ва 600 квт барқ истифода мешавад, ки ба як коргари он 13,6 квт рост меояд, яъне баркмусаллаҳшавии ҶДММ «Алмир» 16,17%- нисбати хоҷагии Латиф Муродов, мутаносибан 18,55% зиёд мебошад.

Ҷадвали 2.13. -Сатҳи барқмусаллаҳии меҳнат дар хоҷагиҳо (соли 2024)

Нишондиҳандаҳо	Номгӯи хоҷагиҳо								
	ҶДММ «Латиф Муродов»			**ҶДММ «Алмир»**			**ҶДММ «Фаровон»**		
	Иқтидори энергетикӣ кВт	Шумораи кормандон, нафар	Барқмусалла ҳии меҳнат кВт/нафар	Иқтидори энергетикӣ кВт	Шумораи кормандон, нафар	Барқмусалла ҳии меҳнат кВт/нафар	Иқтидори энергетикӣ кВт	Шумораи кормандон, нафар	Барқмусалла ҳии меҳнат кВт/нафар
Тайёр кардани хӯрока	144,5	6	24,08	198,0	7	28,28	96,8	4	24,20
Ширдӯшӣ	30,0	10	3,00	30,0	10	3,00	15,0	7	2,14
Тақсими хӯрока	118,0	4	29,50	174,0	6	79,00	88,0	3	29,33
Таъмини об	22,0	2	11,00	43,0	3	14,33	12,0	1	12,0
Тоза кардани пору	65,15	2	32,57	82,0	2	41,00	52,0	2	26,0
Силоскунӣ	117,65	2	58,82	115,4	2	57,70	66,4	1	66,4
Сенаж	12,0	2	6,00	18,0	2	9,00	11,0	1	11,0
Микромуҳит	48,0	1	48,00	58,0	1	58,00	18,0	1	18,0
Дигар	24,0	15,0	1,60	26,2	13	2,01	16,8	10	1,7
Истифодаи иқтидори энергетикӣ, ҳамагӣ кВт	600	44	13,64	744,2	46	16,17	376,0	30	12,53
аз он ҷумла:									
раванди истеҳсолӣ	557,3	29	19,22	718,0	33	21,76	359,2	20	17,96

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти хоҷагиҳо

Аз ин чунин хулоса барорӣ намудан мумкин аст, ки барои ворид намудани техника ва технологияҳои замонавӣ гузаштан ба саноатии истеҳсолот, иҷрои тамоми равандҳои технологӣ, ба тариқи таҷҳизотҳои соҳавӣ ва механизмҳо хусусан бо истифодаи барқ якҷоя намудани фермаҳои хурди молӣ-ширӣ ва бунёди хоҷагиҳои калони махсусгардонидашуда дар асоси кооператсия, интегратсия ва ниҳоятан кластерҳои соҳавӣ (микрокластер) мувофиқи мақсад мебошад.

Тараққиёти ҷомеа, соҳа, истеҳсолкунандагонро водор месозад, ки роҳҳои беҳтарини захирасарфкунандаро ҷорӣ намоянд, зеро он ба коҳиш ёфтани харочоти меҳнат (ҳам зинда ва ҳам дар мол таҷассумгашта) оварда мерасонад, ки ниҳоятан дар ҳосилнокии меҳнат ва истеҳсоли маҳсулот инъикос мегардад (ҷадвали 2.14.).

Ҷадвали 2.14. -Вобастагии меҳнатталабии истеҳсолот аз сатҳи механикунонӣ дар хоҷагиҳо (2024)

Нишондиҳандаҳо	Номгӯи хоҷагиҳо		
	ҶДММ «Латиф Муродов»	ҶДММ «Алмир»	ҶДММ «Фаровон»
Иқтидори энергетикӣ, кВт	600,0	744,2	376,0
Баркмусаллаҳии меҳнат дар соҳа, кВт одам/соат	13,64	16,17	12,53
Сатҳи механикунонӣ равандҳо, %	100,0	100,0	100,0
Маҳсулнокии чорво, кг	4362,2	5333,3	2910,7
Харочоти меҳнат, одам/соат: барои 1 сентнер шир барои 1 сар чорво	90342 6,16 111,39	90930 3,79 92,78	63105 33,35 275,57
Саршумори чорво, сар	811	980,0	229,0
Шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар	44	46,0	30,0

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои хоҷагиҳо

Аз рақамҳои ҷадвали 2.14. дида мешавад, ки ҷараёнҳои истеҳсолӣ ба таври механикунонӣ амалӣ гашта, ҳамон қадар харочоти зинда коҳиш ёфта, меҳнатталабии равандҳои истеҳсолӣ низ ба як воҳиди маҳсулот тағйир меёбад. Омили дигаре, ки ба коҳиш ёфтани меҳнатталабӣ таъсири мусбӣ

мерасонанд, ин саршумори (миқдори чорвои хоҷагӣ) чорвои вуҷуддошта, ки ба тарзи механиконӣ нигоҳубин мешаванд. Чунон, чи миқдори чорвои калони шохдори ҶДММ «Алмир» нисбати хоҷагии ҶДММ «Латиф Муродов» 20% бошад ҳам, меҳнатталабии равандҳои истеҳсолии хоҷагии мазкур аз 62,5% бештар аст, ки суханҳои дар боло овардашударо бори дигар тасдиқ менамоянд. Ҳол он ки сатҳи механиконии равандҳои истеҳсолии ҳарду хоҷаги баробаранд ва 100%-ро ташкил медиҳанд.

Натиҷаи нигоҳ доштани сатҳи механиконии равандҳои истеҳсолӣ, афзоиши саршумори чорво, хусусан модагов беҳтар намудани сохтори пода, истифодаи оқилонаи хӯрока, об, барқ, меҳнат ба натиҷаи ниҳоии самаранокии фермаи чорво, сифати маҳсулоти он таъсири бевоситаи худро мерасонанд (ҷадвали 2.15.).

Ҷадвали 2.15. -Истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои чорводорӣ (дар 2024с.)

Нишондиҳандаҳо	**Номгӯйи хоҷагиҳо**		
	ҶДММ «Латиф Муродов»	**ҶДММ «Алмир»**	**ҶДММ «Фаровон»**
Ҳамагӣ коргарон, нафар	44,0	46,0	30
Хароҷоти меҳнат: - одам/рӯз - одам/соат	12906 90342	12990 90930	9015 63105
Миқдори умумии модагови ширдеҳ, сар	336	450	65
Миқдори шири физикӣ, сентнер	14657,0	23999,8	1892,0
Ҳамагӣ шири шартӣ, сентнер	1,032 15126,0	1,028 24671,8	1,030 1948,8
Арзиши умумии маҳсулоти шартӣ, ҳазор сомонӣ	7941,15	1142,87	1064,4
Аз он ҷумла, 1 сентнер, шири шартӣ, сомонӣ	525,0	463,23	546,18
Маҳсулнокии меҳнат: ба 1 нафар корманд ҳаз. сомонӣ; одам рӯз; одам, соат сомонӣ	180,48 615,31	248,45 879,81	34,48 118,07
ба 1 нафар корманд, сомонӣ	87,90	125,60	16,87
Ширдӯши аз 1сар, кг	4362,20	5333,3	2910,7

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти хоҷагиҳо

Аз рақамҳои овардашудаи ҷадвали 2.15. бармеояд, ки дар асоси амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ механикунонии он ва истифодаи қуваи барқ коҳишёбии хароҷоти меҳнат ба баланд гаштани маҳсулнокии меҳнат оварда расонидааст. Ба ғайри афзоиши маҳсулнокии меҳнат, баланд шудани сифати шир низ ба назар мерасад, ки ниҳоятан арзиши аслии 1 сентнер шири шарти низ коҳиш ёфтааст.

Маълумоти овардашуда ба мо имконият медиҳад, ки самти махсусгардонӣ ва якҷоякунии истеҳсолот, амалӣ гаштани коркарди саноатии шир ва намудҳои гуногуни он то натиҷаи ниҳоии истеъмолӣ, имконияти баланд бардоштани соҳаи мазкур, рушди устувори он ниҳоятан ба таъмини аҳолӣ бо хӯрокаи ватанӣ ҳалли худро меёбад.

Барои асоснок намудани ҷолибияти рушди соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла чорвои калони шохдори самти ширдеҳ бо истифодаи рақамҳои иқтисодии сифатӣ самаранокии онро мавриди таҳлил қарор медиҳем (ҷадвали 2.16.).

Ҷадвали 2.16.- Самаранокии истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои чорводории Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (2024с.)

Нишондиҳандаҳо	ҶДММ			Алмир нисбати %	
	«Латиф Муродов»	«Алмир»	«Фаровон»	«Латиф Муродов»	«Фаровон»
Саршумори ЧКШ; сар	811	980	229	120,8	427,2
Маҳсулнокии чорвои ширдеҳ, кг	4362,2	5333,3	2910,7	122,2	183,2
Миқдори кормандон, нафар	44,0	46,0	30	104,5	153,3
Хароҷоти меҳнат ба 1сент, шир, одам/соат	6,16	3,79	33,35	61,5	11,4
Арзиши аслии1сентнер шир, сомонӣ	541,80	476,20	562,58	87,9	84,6
Нархи 1сентнер шир, сомонӣ	700,0	700,0	700,0	-	-
Фоида аз 1сентнер шир, сомонӣ	158,2	223,8	137,42	141,5	162,9
Дараҷаи даромаднокӣ %	29,20	47,00	24,43	161	192,4

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти хоҷагиҳо

Чуноне ки рақамҳои ҷадвали 2.16. шаҳодат медиҳанд, самаранокии бештар дар ҶДММ «Алмир» дида мешавад ва нисбатан камтар дар ҶДММ «Фаровон», чунки хоҷагии мазкур нисбатан хурд буда, асосан дар он 30

нафар кормандон фаъолият менамоянд. Дар рафти иҷрои кори мазкур қайд шуда буд, ки ҳолати иҷрои равандҳои технологӣ, хӯронидан, нигоҳубин куллан ба монанди дигар хоҷагиҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, чун ҶДММ «Латиф Муродов» ва ҶДММ «Алмир», ки дар ноҳияҳои гуногуни НТҶ ҷойгиранд, на ҷандон фарқиятро дорост. Таҷриба исбот менамояд, ки дар баъзе ҳолатҳо, махсусгардонӣ ва бузургии истеҳсолот нақши калидиро бозида, ба самаранокии ниҳоии истеҳсолот таъсири бевосита мерасонад. Исботи он нишондиҳандаҳои сифатӣ хоҷагиҳои таҳлилӣ мебошанд. Арзиши аслии 1-сентнер шири истеҳсолшудаи ҶДММ «Алмир»-476,20 сомониро ташкил диҳад, дар ҶДММ «Латиф Муродов»- 541,80 сомонӣ ва дар ҶДММ «Фаровон»-562,58 сомонӣ, яъне он нисбати ҶДММ «Алмир» ва ҶДММ «Латиф Муродов», мутаносибан 18,1% ва 3,8% баланд мебошад, ки дар натиҷа сатҳи даромаднокии хоҷагии ҶДММ «Фаровон» нисбати ҶДММ «Алмир» қариб 2-маротиба кам мебошад. Таҳлилҳои амиқи омилҳои таъсиррасон исбот менамоянд, ки самараноки нокифояи ҶДММ «Фаровон» на танҳо аз саршумор, балки аз маҳсулнокии пасти чорво маншаъ мегирад. Маҳсулнокии чорвои хоҷагии мазкур нисбати дигар хоҷагиҳо қариб 2-маротиба кам мебошад, яъне аз ҳар як сар модагови дӯшоӣ, ба ҳисоби миёна 2910,7 литр шир истеҳсол гаштааст, ки ҳаррӯза ба ҳисоби миёна 9,7 литрро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки нархи хӯрока, хароҷотҳои нигоҳдорӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва трансаксионӣ чун хароҷоти доимӣ баромад менамояд, аз миқдори чорво тағйир намеёбад, вале дар арзиши аслии маҳсулот нақши худро мебозад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи мазкур омилҳои асосии таъсиррасонро, ба монанди маҳсулнокии чорво; зотҳои сермаҳсул, сохтори пода; нақша ва мувозинати хӯрока; амалӣ гаштани технологияҳои захирасарфакунанда, консентратсияи хоҷагиҳои хурд; махсусгардонии амиқ, дар асоси ташкили кластер ва микрокластери соҳаи мазкур афзалияти хосеро доро мебошанд.

Нишондиҳандаҳои хоҷагиҳое, ки дар рафти кори илмӣ ҳамчун

молистеҳсолкунандагони пешқадам соҳаи мазкурро муаррифӣ менамоянд, на он қадар бисёранд ва дар шакли хоҷагиҳои шахсии ҶДММ дар соҳаи чорводорӣ истеҳсоли маҳсулоти шир баромад менамоянд, мутаассифона корхонаҳое низ вуҷуд доранд, ки ба мушкилиҳои иқтисодии солҳои охир тоб оварда натавониста, қисман ё пурра аз фаъолияти самти чорводорӣ даст кашидаанд, ки ин иқдом ба рушди соҳа таъсири манфӣ мерасонанд. Барои онро ислоҳ намудан чорабиниҳои ташкилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ коркард ва ҷорӣ намудан зарур аст. Хусусан, самти дастгирии давлат хело муфид ва натиҷадор шуда метавонад. Кумаки давлат дар заминаи ташкили ҳамкории бахши хусусӣ, ки ҳампайвастии манфиати тарафайнро таҳким мебахшад.

Ба фикри мо, аз ҷиҳати иқтисодӣ барнома оид ба мақсаднок ҷалб намудани ширкатҳое ки ҳамчун сармоягузор дар НТҶ бо мақсади рушди соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла чорводории ширдеҳ баромад намуда метавонанд, бояд таваҷҷуҳи хосса доштан лозим аст. Махсусан, барои фароҳам овардани шароити мусоид, татбиқ намудани равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи чорводорӣ, ҳукумати мамлакат бояд як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро қабул намояд, ки барои ҷалби маблағгузорӣ, ҳам барои азнавсозӣ ва таъмини рушди истеҳсолот, ташкили иқтидорҳои нав ба шакли кластер ва микрокластери соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ нигаронида шуда бошанд, мувофиқи мақсад мебошанд.

Дар боби дуюм хулосаҳои зерин илман асоснок карда шуданд:

1.Таҳлили ҳолати кунунии соҳаи чорводории самти ширдеҳ нишон медиҳад, ки дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ он ҳиссаи хоси худро дорост.

Вазифаи авалиндараҷаи соҳаи мазкур аҳолиро бо маводи ғизоӣ ва саноатро бо ашёи хом таъмин намудан мебошад, ки онро бо назардошти афзоиши маҳсулот (саршумор) ба таври экстенсивӣ ва интенсивӣ иҷро намуда истодааст.

Рақамҳо исбот менамоянд, ки дар соли таҳлилӣ саршумори чорво, аз он

ҷумла чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар миқёси ҷумҳурӣ, вилоят ва НТҶ афзоиш ёфта истодааст, дар ҷумҳурӣ баъд аз вилояти Суғд мавқеи дуюмро ишғол менамояд;

2. Афзоиши чорвои калони шохдор, самти ширдеҳ вобаста аз категорияҳои хоҷагӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои таҳлилӣ саршумори чорвои мазкур дар хоҷагиҳои аҳолӣ бештар мебошад. Агар соли 1991 вазни қиёси чорвои калони шохдор дар онҳо 68,4%, пас соли 2024 – 95,7%-ро ташкил додааст, яъне саҳми аҳолӣ дар соҳаи мазкур хело назаррас мебошад, ки гузаштан ба шакли дигар хоҷагидориро муаррифӣ менамояд. Барои таъмини рушди оянда хусусияти онро ба назар гирифтан лозим аст, зеро таъсири афзоиши саршумори чорвои калони шохдор, рушди истеҳсоли ширро дар навбати худ таъмин намудааст, ки онро рақамҳои овардашуда тасдиқ менамоянд.

Дар асоси гурӯҳбандии гузаронидашуда муайян гашт, ки маҳсулнокии баландро зиёда аз 4000кг аз як сар модагов -2 ноҳия; аз 2000-3000кг -3 ноҳия ва зиёда аз 2000кг 6 ноҳия ишғол менамоянд. Сатҳи пасти ширдӯшӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар хоҷагиҳои ноҳияҳои мазкур равандҳои зотпарварӣ, таъмини хӯрока ва нигоҳ доштани таносуби сохтории он ва маърифати молистеҳсолкунандагон на чандон ба талабот ҷавобгӯ мебошад, ки бояд ҳалли худро ёбанд;

3. Исбот шудааст, ки хӯроки пурғизо ҳамчун омилҳои асосӣ ва самаранокии истеҳсоли шир, дар сохтори арзиши аслии маҳсулоти мазкур он 60-70% - ро ташкил медиҳад. Риоя намудани низом, (нақша ва балансӣ) хӯрока ба як воҳиди маҳсулот баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ширро таъмин намуда метавонад ва аз он ҷумла, дар натиҷаи интихоби намудҳои ғизоии баландсифат нигоҳ доштани технологияи тайёр намудани хӯрока баъдан дар нақшаи хӯрокаҳои омехта нигоҳ доштани тавозуни оқилонаи он барои гурӯҳҳои муайян ва сеюм, интихоби реҷаи муносиб ва усули хӯронидан мебошад;

4. Аз таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки кам гаштани ҳаҷми

истеҳсоли шир дар минтақаи таҳлилшаванда баъди гузариш ба иқтисоди бозорӣ, пеш аз ҳама аз даст додани манфиати иқтисодии молистеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, нобаробарии дараҷаи нархҳои молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, коҳиш ёфтани сифат ва бад шудани ҳолати таъмини миқдории хӯрока, камбудии захираи истифодашаванда ва сатҳи корҳои беҳтаргардонии зоти чорво мебошанд;

5. Ба талаботи замона ҷавобгӯ набудани низоми махсусгардонӣ, ташкил ва тақсимоти меҳнат, равандҳои гардиши пода, такрористеҳсолкунӣ, таъмини ғуноҷинҳои таъмирӣ, сохтори пода хусусан, нигоҳубини чорвои зотӣ фақат дар доираи як субъекти хоҷагидории махсусгардонидашуда амалӣ мешаванд, ки он бояд дар миқёси ҳамаи корхонаҳои ноҳия, вилоят ва тамоми ҷумҳурӣ ҳаллу фасл гардад;

6. Маълумоти таҳқиқӣ дар кори амалӣ исбот менамояд, ки дар маҷмуъ, қуввaҳои истеҳсолкунандаи захираҳои меҳнатӣ коргарони асосӣ нақши калидиро дороянд, вале ба ғайри онҳо боз хизматчиён, механизаторҳо, мутахассисон ва роҳбарон ҳиссаи худро мегузоранд, ки дар маҷмуъ, ҳар яки онҳо дар меҳвари вазифавиашон содиқона меҳнат намуда, дар натиҷа маҳсулот ба даст меояд, ки онро мисоли се хоҷагии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ исбот менамоянд. Сарфи меҳнат ба 1 сар чорвои калони шохдор дар ҶДММ «Алмир»-92,8одам соат дар ҶДММ «Латиф Муродов»- 111,4 одам соат ва дар ҶДММ «Фаровон»-275,6 одам соат ташкил додааст;

7. Исбот шудааст, ки истифодаи воситаҳои механикӣ ва барқи кунонии равандҳои истеҳсолӣ чун омили баланд гаштани маҳсулнокии меҳнат ва коҳиш ёфтани хароҷот баромад менамояд. Дар хоҷагиҳои таҳлилшаванда (ҳамчун иллати интихобшуда) барои мусаллаҳшавии меҳнат ҶДММ «Алмир»-16,7 квт, ҶДММ «Латиф Муродов»- 13,64 квт, ҶДММ «Фаровон»-12,53 квт хароҷоти меҳнат ба 1 сентнер шир, мутаносибан -3,79; 6,61; 33,35 одам соат ташкил додааст, омили дигари дигаргуншавии хароҷоти меҳнат ба як воҳиди шир ин саршумори чорво мебошад, миқдори аз ҳама бузург 980 дар ҶДММ «Алмир»; 811 ҶДММ «Латиф Муродов»; 229 ҶДММ «Фаровон»

мебошад, исботи онанд.

Яъне, рушд ва самаранокии соҳаи мазкур аз шумораи чорво, бевосита вобаста мебошад ва барои таъмини афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, гирифтани самараи дилхоҳ бояд якҷоякунии кооператсия ва интегратсия, таъсиси кластер ва микрокластерҳо мувофиқи мақсад мебошад.

8. Таҳлили равандҳои истеҳсоли шир ва тарзҳои амалӣ гаштани онҳо, ки ба натиҷаи фаъолияти хоҷагиҳо бевосита таъсир мерасонанд, бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ арзёбӣ гашта, исбот менамоянд, ки вобаста аз саршумори чорво, ҳайати коргарон, дараҷаи механикунонии равандҳои истеҳсолӣ, технологияи истифодашаванда, талаботҳои зооветеринарӣ, нишондиҳандаҳои ниҳоии дигари самаранокиро низ дороянд. Сатҳи беҳтаринро ҶДММ «Алмир», арзиши аслии 1 сентнер шир-476,2 сомонӣ, фоида -223,8 сомонӣ, дараҷаи даромаднокӣ -47,0% ва маҳсулнокии чорво -5333,3кг/сол баробар мебошад, яъне ҶДММ «Фаровон», ки дараҷаи даромаднокии истеҳсоли шир 24,43% ва маҳсулнокии чорво -2910,7кг бо 229 сар модагови ширдеҳро ишғол менамояд, исботи он ки хоҷагиҳои хурди истеҳсолӣ на чандон самарабахшанд.

9. Барои таъмини рушди иқтисодии соҳаи мазкур, ҷалб намудани ширкатҳое, ки ҳамчун сармоягузор баромад намуда метавонанд, лозим аст. Дар натиҷа, таъмини рушди истеҳсолот ва ҳам ташкили иқтидорҳои нав ба шакли кластер ва микрокластери соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ нигаронида шуда, мувофиқи мақсад мебошанд.

БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ

3.1. Ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ

Дар барномаҳои таҳияшудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои гузариш ба тарзи инноватсионии рушди мамлакат таъсиси шабакаи сохторҳои ҳудудӣ - истеҳсолӣ оварда шудаанд, ки ба натиҷаи рақобатпазирии онҳо таъсири худро мерасонанд. Масалан, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», қабулшуда омадааст, ки «яке аз зервазифаҳои дигаргуншавии соҳаҳои иқтисодӣ афзоиши талабот ба технологияҳои инноватсионӣ ва дастовардҳои илмӣ, мусоидат намудан дар заминаҳои ташаккули робитаҳои устувори ҳамкориҳои илмию истеҳсолӣ ва шабакаҳои инноватсионӣ номбар гардидааст» [27, С.101]. Дар он ташкили низоми кластер, ки дар сохтори худ метавонад аз якчанд ташкилот иборат буда ва байни ҳамдигар муносибатҳои рақобатӣ озод, якдигарфаҳмӣ ва мақсади ягона ҳампайвастии манфиати якдигар таъмин карда мешаванд, ки он аз дигар ташкилотҳо фарқ мекунад. Ҳампайвастагии миқдори истеҳсолкунандагон, рақибон, фурӯшандагон ва истеъмолгарон ба мукаммал гаштани махсусгардонӣ, якҷоякунӣ, тақсими меҳнат, самарабахшии истеҳсолотро таъмин намудан, бартарии дигари ташкили кластер ё микрокластер дар асоси ҳампайвастии мақсади ягона фаъолияти корхонаю ташкилотҳои ҳаҷман миёна ва хурдро амалӣ намуда, дар натиҷа ҷойҳои нави корӣ бунёд мегарданд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, ватанӣ ва хориҷӣ ба иттиҳодияҳои кластерӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Самтҳои гуногуни ташкил ва амалӣ гаштани онҳо оварда шудаанд.

Майкл Портер дар асарҳои илмӣ дар самти иқтисодӣ ақида, фикрҳо ва пешниҳодҳои ҷолиби диққати худро овардааст, «яке аз онҳо оиди назарияи кластер дар фаҳмиши ҳозираи кластер ва бартарии онро ҳамчун аз нуқтаи

назари ҷуғрофӣ якҷоя гаштани гурӯҳи ширкатҳои таъминкунанда ва фурӯшандагони махсусгардонидашуда дар соҳаҳои мухталиф, инчунин ба фаъолияти онҳо алоқаманд, ки ба ҳам рақобат менамоянд ва ҳамзамон ҳамкорӣ доранд» муаррифӣ намудааст [105, С.88].

Олим Майкл Портер кластерро ҳамчун объекти ворид гаштани сиёсати давлат, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, ки барои тарғиб ва таблиғ намудани онҳо дар доираи илмӣ ва маъмурӣ мусоидат менамояд. Аз ҷумла, назарияи кластерии он ба омилҳои «муайянкунанда» дар асоси ташаккули рақобатпазирии ҳолати талабот, соҳаҳои ҳаммонанди хизматрасонӣ (дастгиркунанда), дар модели «Даймонд», ки ӯ таҳия намудааст, инъикос ёфтааст [105, С.88].

Кластер як гурӯҳи ширкатҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳамсоя, созмонҳои марбута ва ташкилотҳои ба ҳам пайваст мебошад, ки дар соҳаи муайян фаъолият мекунанд ва бо ҳам алоқаманд ва пайваст буда якдигарро пурра мекунанд, оварда шудааст. Мафҳуми мазкур се хусусияти асосии кластерҳоро муаррифӣ мекунад: - мавзеи ҷуғрофӣ, - робита ва ҳампайвастии байни корхонаҳо ва технологияҳо мебошад [105, С.126].

А.П. Градов «ҳамоҳангсозии аъзои кластерро шакли ояндадори танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳи минтақавӣ номидааст» [61, С.98].

Б.Н. Кузик ва Ю.В. Яковес дурнамои густариши иқтисодии корпоратсияҳои трансмиллиро арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки «ҳузури онҳо дар иқтисоди Русия меафзояд ва корхонаҳое, ки онҳо назорат мекунанд, иқтидорҳои истеҳсолии онҳо дар ҳама соҳаҳо зиёд мегарданд. Дар аксари ҳолатҳо, ин гурӯҳ, ба ташкилоти –кластери минтақавӣ табдил ёфта, бевосита бо бозорҳои ҷаҳонӣ ва бахши корпоративии тиҷорати байналмилалии савдо ва хизматрасонӣ пайваст мегарданд» [79, С.324].

Ба ақидаи олими рус И.А. Алтухов «дар кишварҳои пешрафта соҳаи кишоварзӣ ба принсипи кластерҳо, сохтори калон асос ёфтааст, ки тамоми занҷирро аз истеҳсолкунанда то фурӯшандаи маҳсулоти комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла инфрасохтори рушдкарда ва ташкилотҳое, ки дар ин

соҳа ба таҳқиқоти илмӣ машғуланд, муттаҳид мекунанд» [46, С.408].

Ба ақидаи А. Романов ва В. Арашуков «кластер як сохтори шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амал менамояд» [148, С.41].

Муҳаққиқи дигар Г.В. Беспахотный зери мафҳуми агрокластер «сохтори муттаҳидшудаи ба инноватсионӣ равонашуда, аз ҷиҳати ҳудудӣ маҳаллигардонидашудаи бо унсурҳои ташкилоти шабакавӣ, ки дар заминаи истеҳсолоти кишоварзӣ ташкил карда шудааст, аз ҷумла соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатӣ, ки қисми занҷираи технологии арзиши иловашуда мебошанд, мефаҳмад» [51, С.178].

Т.В. Сихан таснифоти ҷолиб оид ба шаклҳои гуногуни кластерҳоро муаррифӣ намудааст:

- «ҷуғрофӣ - таъсиси кластерҳои фазоии фаъолияти иқтисодӣ (аз ҳудуди деҳот то ҳудуди бозори бурунмарзӣ);

- технологӣ - маҷмуи соҳаҳое, ки дар як самти технологӣ фаъолият менамоянд;

- уфуқӣ - якчанд соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ (зеркомплексҳо) ҳамчун кластери бузургтарро (кластери агросаноатӣ) дар бар мегиранд;

- амудӣ - дар кластерҳо марҳилаҳои ба ҳам алоқаманди равандҳои истеҳсолиро доро мебошанд;

- марказӣ - кластер ташкилотҳоеро дар бар мегирад, ки дар атрофи як марказ сарҷамъ гаштаанд (ташкилот, корхона, инфрасохторҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ);

- паҳлуӣ - дар кластер бахшҳои гуногуни истеҳсолӣ, коркард ва инфрасохторҳои мухталиф муттаҳид шудаанд, ки аз ҳисоби ба даст овардани самараи муайян сарфаи хароҷотро таъмин намоянд, мебошанд» [155, С.40].

Ба фикри мо, дар мафҳуми амиқи кластер ҳудуди инноватсионӣ (микрокластер, кластер) маҷмуи хоҷагиҳо, корхонаю ташкилотҳое (аъзоёни кластер), ки дар мавзеи муайян ҷойгир гашта, бо назардошти хусусиятҳои зерин муаррифӣ мешаванд:

- ҳампайвастии иштирокчиён ҳамчун ҷузъи ягонаи илмӣ- амалӣ дар як ё якчанд соҳа, самт (дар асосии фаъолияти гуногунии истеҳсолӣ-иқтисодӣ, молиявӣ, таъминоти хизматрасонӣ);

- механизми мушаххаси амалӣ гаштани фаъолият ва ҳамкории ҳамаи аъзоёни он;

- ба даст овардани самараи беҳтарини натиҷаи ниҳоии фаъолият дар умум ва ҳар як аъзои мушаххаси онро (корхона ё ташкилот) ифода менамояд [6-М, С.158].

Муносибатҳои кластерӣ, танзими иқтисод, ки дар асоси пайвастии фаъолияти корхонаҳо дар алоҳидагӣ ва ҳам маҷмуан дар миқёсӣ ҷумҳурӣ ё минтақаҳои он амалӣ мешаванд, хусусан ҳангоми имконпазир будани самараи ниҳоии онҳо, аҳаммияти мутақобиларо пайдо мекунанд.

Бартарияти асосии дигари кластер, аз нигоҳи мо, дар кластер на ба соҳаҳои алоҳида, балки ба низоми робитаҳои байни соҳаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад, ки бартариятҳои зерин ба даст оварда шаванд: таъмини рушди самаранокии истеҳсолот ва рақобатнокии он ба вуҷуд омадани самараи дилхоҳи истеҳсолӣ; дастрасӣ ба технологияҳои навин, коҳиш додани хавфҳои гуногуни фаъолияти муштаракро ташкили равандҳои тайёр намудани кадрҳо ва такмили ихтисос; коҳиш ёфтани хароҷоти истеҳсолӣ; васеъ гардидани заминаи андоз; таъмини инкишофи инфрасохтори деҳот; амалӣ гаштани имтиёзҳои мақсаднок ба гурӯҳҳои алоҳидаи корхонаҳо, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ аҳаммияти хосеро дороянд; нақши омилҳои иқтисодӣ баланд шудаанд, таъсири чорабиниҳои маъмурӣ ва ғайраро коҳиш медиҳад. Дар адабиёти самти иқтисодӣ таснифоти гуногуни сохторҳои ташкилии навъҳои кластер вуҷуд доранд. Кластери маҳсулоти ширӣ ҳамчун гуногунсамт ва бисёрсатҳа мебошад, бинобар он дар сохтори худ он ташкилотҳои иттилоотию таҳлилӣ ва машваратӣ нақши муҳим мебозад ва бо тамоми субъектҳои кластер робитаи ҳаматарафа доранд, чун дар модел ба шакли зерин пешниҳод менамоем (расми 3.1.).

Расми 3.1. -Модели кластери соҳаи чорвои калони шохдор, самти ширдеҳ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз ин лиҳоз, аъзоёни кластер дар самтҳои мухталифи фаъолияти хоҷагидории худ мустақилиашонро нигоҳ медоранд ва бо дигар ҳамкорон бо

назардошти ҳампайвастии манфиати якдигар ва бо натиҷаи ниҳои судманд, расидан фаъолият менамоянд (расми 3.1.).

«Дар кластери мазкур истеҳсоли шир раванди аз ҷиҳати технологӣ меҳнатталаб буда, ҳамаи аъзоёни дигари он ки мақсад, вазифа ва меҳвари фаъолиятии хоси худро дороянд, барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоии судманд саъю кӯшиш менамоянд баъдан аз қобилият ва хоҳиши мақомоти ҳокимияти давлатӣ, хусусан дар самти ҳамоҳангсозии мақсади ба пеш гузоштаи истеҳсолкунандагон, коркарди саноатии маҳсулот (шир) ва сохторҳои дигари иштирокчиёни кластер вобаста мебошад, дар ниҳоии он давлат ҳамчун танзимкунанда, ёрирасон ва истеъмолгар нақши хосеро мебозад.

Бо сабаби тағйирёбии сифатии иқтисодиёт, амалӣ намудани низоми «Иқтисодиёти рақамӣ», талаботи нав ва рӯзафзунро талаб менамояд, ки дар ҷомеа мавқеи хосеро ишғол намояд. Ҷорӣ намудани шакли беҳтарини низоми ҳисоботӣ-иттилоотӣ, машваратӣ ва қабули қарорҳо барои хароҷоти камтарини меҳнат ва дар як муддати кӯтоҳ бевосита бо мақомотҳои дахлдор ҳамкориро беҳтар менамояд. Дигар ҳолати номатлуб, нофаҳмиҳо, хатогиҳо аз байн бардошта мешавад, ки ба ташаккул ва самаранокии низоми рақамикунонии иқтисодиёт заминаи хуберо фароҳам меоварад. Барои амалӣ гаштани он консепсияи махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2019 таҳти №642 қабул карда шудааст. Ин консепсия «табодули соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриро пешбинӣ менамояд, ки рақамикунонии онҳо метавонад пайдарҳам, ба тамоми иқтисодиёти кишвар таъсири худро расонад, ба монанди дигаргуншавии бахши хизматрасонии давлатӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ, рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин соҳаҳои калидии истеҳсолот, ба монанди энергетика, саноат, аз ҷумла: коркард, кишоварзӣ ва таъсиси бахшҳои нав, масалан технологияҳои молиявӣ-иттилоотӣ» хусусан, дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ ва коркарди маҳсулотҳои ширӣ ҳиссаи худро мегузоранд» [11]. (расми 3.2.).

Расми 3.2. Таркиби кластери соҳаи чорвои калони шохдор, самти ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар он нақши давлат ҳамчун узви хоси иштирокчии кластер уҳдадориро оид ба маблағгузориҳо дар самти амалӣ гаштани хариди воситаҳои асосии истеҳсолот, таҷҳизотҳои лозима, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ташкили хизматрасонии гуногуни (бойторӣ) ба таври ройгон ҳиссаи худро гузорад. Дастгирии саҳми давлатӣ низ имтиёзҳоро дар самти андоз, субсидия аз ҳисоби буҷетҳои ҳудудҳои маъмуриро дар бар гирад.

Иловатан сохтори ташкили истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, таъминотӣ, логистикӣ, ахбороти иттилоотии кластер дар байни худ алоқа ва ҳамкории зичро доранд. Асоси идоракунанда, таъминкунандаи фаъолияти кластер Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба маркази ҳамоҳангсозии низоми идоракунии кластер пайваст мебошад, дар навбати худ ин марказ бо ядро ва зерсохторҳои кластер муомилот менамояд, чунин сохтор зуд амалӣ гаштани фаъолияти ҳар як ҷузъи онро таъмин, идора ва натиҷабардорӣ менамояд ва аз байн монеаҳои маъмурӣ меравад. Қарорҳо, амалӣ гаштани супоришҳо, вазифаҳо байни иштирокчиёни кластер сода ва осон мегардад.

Дар ниҳоии фаъолияти кластер фоидаи бадастомада дар асоси қоидаи иқтисодӣ натиҷабардорӣ аз миқдор ва сифати меҳнати(гузошта) сарфшуда бояд амалӣ гардад, ки дар он манфиати ҳамаи иштирокчиён ба назар гирифта мешавад.Дар асоси омӯзиш ва таҳқиқоти гузаронидашуда, сарҷамъи маълумоти вуҷуддошта мафҳуми кластерро чунин муаррифӣ менамоем:

Яъне кластер –иттиҳодия ё (комплексе), ки дар асоси озодона сарҷамъшудаи як қатор корхонаҳои истеҳсолии соҳаҳои кишоварзӣ, саноатӣ, коркард, ташкилотҳои гуногуни (инфрасохторҳои хизматрасонӣ, таъминотӣ, кадрӣ, ахборотӣ-иттилоотӣ, логистикӣ-нақлиётӣ, ки дар натиҷаи якҷоя намудани сармоя, захираҳо, дар асоси кооператсия ва тақсими меҳнат бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти бисёр ва хароҷоти камтарин, босифат, ба даст овардани фоида фаъолият менамоянд ва аз натиҷаи ниҳоии он ҷавобгар мебошанд, фаҳмида мешаванд [6-М, С.158].

Маълум мегардад, ки таъсири кластерҳо чун омили таъмини рушди рақобатнокӣ се самти асосиро дар бар мегирад, ки онро чунин муаррифӣ

менамоем (расми 3.3.).

Қайд менамоем, ки яке аз афзалиятҳои кластер дар муқоиса бо дигар шаклҳои ташкилии ҳуқуқӣ мавҷудияти на танҳо муҳити рақобати дохилӣ ва устуворнокии рақобатпазириро дар бозори беруна таъмин менамояд. Бартарии дигари кластер амалӣ гаштани дастрасӣ ба: хизматрасонии ахборотӣ, иттилоотӣ, маркетинг, инноватсия, рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайра мебошад.Иштирокчиёни кластер дар миқёси ҷорӣ намудани навовариҳо низ бартариҳоро, ба монанди: дастрасӣ ба технологияҳои навтарин, тарзҳои беҳтарини амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ, фавран ба эътибор гирифтани ҳолати дигаргуншавии муҳити беруна, ба монанди рафтори харидорон, миёнаравон, таъминкунандагон ва рақибонро таъмин менамоянд [6-М, С.158]. (расми 3.3.).



Расми 3.3. -Таъсири кластерҳо ба рақобатнокии ташкилотҳо ва соҳаҳои аъзоёни он

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст [6-М, С.158].

Таҳлили расми 3.3. дар асоси ташкили кластерҳо омилҳои таъсиррасон ба натиҷаи ниҳои истеҳсолӣ, коркарди ниҳоӣ, таъмини фаъолияти пкрсамари ҳамаи аъзоёни кластер ва нигоҳ доштани самтҳои рақобатпазирӣ, самаранокии он амалӣ мешавад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити ҳозираи хоҷагидорӣ дар баробари кластерҳо, ташкили микрокластерҳои махсусгардонидашуда зарур мебошад. Яке аз қазияҳое ҳангоми таъсис додани кластерҳои зерин, ки ҳалли худро талаб менамояд ин якҷояшавии онҳо дар асоси маблағгузорӣ (самти молиявӣ) мебошад. Иқдоми мазкур таъсиси кластер ва микрокластерҳои маҳсулоти ширӣ дар миқёси ҳудудҳои маъмурии вилоят ё ноҳия хусусан дар тобеи ҷумҳурӣ бояд ба тарзи озодона, ихтиёрӣ ва бо ташаббуси тарафҳои манфиатдор сурат гирад [6-М, С.159].

Ташкили чунин микрокластерҳои маҳсулоти ширӣ боиси ташаккули низоми беҳтари иқтисодӣ мегардад ва имкон фароҳам меорад, ки доираи дастрасии субъектҳои хоҷагидорӣ бо технологияҳои нав, сармоягузорӣ ва навовариҳо васеътар гарданд.

Ба фикри мо фароҳам овардани шароит барои амалӣсозии ин манфиатҳои муштарак вақте ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба ҳайати он дохил мешаванд, дар марҳилаи ташаккули микрокластер оғоз меёбанд. Ташаккули микрокластери маҳсулоти ширӣ на ба манфиатҳои шахсӣ, балки ба бартарии муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ асос меёбад. Чунки дар он равандҳои ҳамкорӣ ва ҳампайвасти босамари аъзоён ҷараёнӣ бештарро доро буда, доимо инкишоф ва мукаммал мегардад, аз ин лиҳоз паҳншавии таҷрибаи мазкур муваффақ оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои навини истеҳсолӣ ва идоракунӣ хеле зуд сурат мегирад. Бояд фаромӯш накард, ки рақобат ҳамеша дар дохили микрокластер мавҷуд аст ва фоидаи ҳар як аъзои онро ба назар мегирад ва дар ниҳои ҷараёни рушди онро таъмин менамояд [6-М, С.159].

Ҳамин тариқ, аслан микрокластери маҳсулоти ширӣ ва кластери минтақавии маҳсулоти ширӣ як низоми ғайрирасмӣ буда, субъектҳои

хоҷагидориро, ки дар фазои маҳдуди ҳудудӣ якҷоя ва ба истеҳсолу коркарди шир махсус гардонида шудаанд, инчунин ташкилоту муассисаҳое, ки бо инфрасохтории ширӣ алоқаманд ва ҳамкорӣ менамоянд, дар бар мегиранд [6-М, С.158]. (расми 3.4.).



Расми 3.4.- Марҳила ва тартиби ташкилии кластери маҳсулоти ширӣ

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия ва пешниҳод шудааст [6-М, С.159].

Ҳама гуна кластер бояд на ба тариқи маъмурӣ, балки ба таври табиӣ ва танҳо дар сурате ташкил карда шавад, ки корхонаҳои ба он манфиатдор (иштирокчиёни) маҷмуи хавфҳо ва имкониятҳои вуҷуддошта баҳри таъмини рушди самаранокии аъзоёни муттаҳидшуда дарк намоянд ва барои амалӣ

гаштани мақсади гузошташуда омода бошанд.

Фарқияти хосе байни сохтори кластер ва дигар ташкилотҳо, хоҷагӣ ва корхонаҳои муттаҳид дар он мебошад, ки дар ташкилотҳои якҷояшуда фаъолияти ниҳоии маҷмуи иштирокчиёни онҳо манфиати ташкилоти асосӣ (ҳамчун ҷузъи ташкилкунанда) баромад менамояд, вале дар ҳоле ки дар сохторҳои кластерӣ манфиати яке аз иштирокчиёни он бинобар саҳм ё идеологияи зиёддошта дар муносибатҳои байниҳамдигар имконнопазир аст, яъне дар кластер мақсад барои ҳама як-фоида-дар асоси ҳамкорӣ, нигоҳ доштани манфиати умумӣ мебошад. Тарафҳои муносибатҳои ғайри кластерӣ (муттаҳидгашта) байни ҳамкорӣ ё рақобат охиринро интихоб мекунанд [6-М, С.159].

Мо чунин мешуморем, ки дар сохтор кластери маҳсулоти ширӣ дар баробари молистеҳсолкунандагон ва корхонаҳои саноатӣ коркардкунандагони шир, ҷузъҳои инфрасохтори истеҳсолӣ ва бояд ҷузъҳои инфрасохтори маркетингӣ, ахборотӣ-иттилоотӣ, таъминотӣ, хизматрасонӣ ва ғайраҳо дохиланд, ки вазифаҳои зеринро ба уҳда доранд: амалӣ намудани навовариҳо, омӯзиш ва хулосабардории самти бозоршиносӣ, талаботу пешниҳод, равандҳои инноватсионӣ, таблиғотӣ ва дастгирии дастовардҳои пешқадам ва дигар, ки ноил шудан ба самараи ниҳоӣ, рушди истеҳсолот, дар амалӣ гаштани қазияи амнияти озуқаворӣ ва сиёсати давлат саҳми хоси худро мегузорад.

Дар рафти таҳлили имконияти ташкили низомҳои кластерӣ дар соҳаи чорводории самти ширдеҳи НТҶ бо назардошти иқтидорҳои кластеркунонии соҳа нисбат ба ноҳияҳои он методикаи пешниҳодкардаи М.В. Винокурова «Дар асоси баҳисобгирии коэффитсиентҳои махсусгардонии истеҳсолот (шир) дар миқёси ноҳия» гирифта шудааст [180, С.189].

Бо истифодаи методикаи мазкур ва маълумотҳои дар боло зикр гашта ҳисоб намудани махсусгардонии кластерҳо аз формулаи зерин истифода менамоем:

$$Kl=(a:в):(c:d); \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо: а – истеҳсоли шир дар ноҳия, шаҳр, тонна;

в - ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии ноҳия, шаҳр млн. сомонӣ;

с- ҳаҷми истеҳсоли шир дар НТҶ, тонна.

d- ҳаҷми истеҳсоли МУ дар НТҶ, млн сомонӣ.

Ҳамин тариқ, коэффитсиенти махсусгардонии кластерҳоро муайян менамоем:

Kl_{I} = (160977:7499,6) : (226125:10092,2) = 21,465 : 22,406 = 0,958

Kl_{II} = (65148:2592,6) : (226125 : 10092,2) = 25,128 : 22,406 = 1,121

Коэффитсиенти мазкур махсусгардонии истеҳсоли шир дар ҳудуди ноҳия, ки дараҷаи рушди чорводории ширдеҳ ва аҳаммияти онро барои иқтисодиёт тавсиф менамояд.

Коэффитсиенти махсусгардонии ноҳия ҳамчун таносуби вазни хоси ҳаҷми истеҳсоли шири ноҳия ба ҳаҷми истеҳсоли шир дар тамоми вилоят ва ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии вилоят ба ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар тамоми вилоят муайян карда мешавад.

Агар қимати коэффитсиентҳо ба як ё аз он зиёд бошанд, нишонае мебошад, ки дар ноҳия ё мавзеи мазкур шароити хуб барои ташкили кластер вуҷуд дорад. Бо назардошти коэффитсиенти дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тағйирёбии на чандон бузурги он дар рафти истеҳсолот дида мешаванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ноҳияҳои мазкур ҷараёни инкишофи мусбати нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳаи чорводории ширдеҳ хубтар мебошад.

Аз ин хотир, барои амалӣ гаштани низоми озуқаворӣ ва таъмини аҳолии минтақа бо он маълумотҳои авваларо барои ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои амиқи таъсиси микрокластер, ки он дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории кишоварзии минтақа, бахусус истеҳсоли шир нақши муҳим дорад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем ва онро дар мисоли маълумоти истеҳсоли шир ва ҳаҷми маҳсулоти умумӣ дар минтақа соли 2024-ро ҳамчун асос қабул ва барои таъсиси микрокластер дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ натиҷагирӣ менамоем [6-М, С.159]. (ҷадвали 3.1.).

Ҷадвали 3.1. -Маълумотҳои аввала барои ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои амиқи таъсиси микрокластер дар НТҶ (соли 2024)

Ноҳияҳо	Истеҳсоли шир, тонна	МУ млн. сомонӣ*	Шумораи аҳолӣ ҳаз. нафар	Истеҳсоли шир ба 1 нафар аҳолӣ кг	Истеҳсоли МУ ба 1 нафар аҳолӣ сомонӣ	Коэффитсент			
						Истеҳсоли Шир ноҳия Нисбати НТҶ	Миқдори Аҳолии ноҳия нисбати НТҶ	Истеҳсоли МУ ноҳия нисбати НТҶ	Истеҳсоли МУ ба як нафар ноҳия нисбати НТҶ
НТҶ	226125	10092,2	2197,0	102,92	4594	100,0	1,00	1,00	1,000
Турсунзода	26595	2038,3	336,2	79,1	6063	0,153	0,202	0,771	1,318
Ҳисор	29029	1387,8	346,8	83,7	4002	0,158	0,137	0,810	0,871
Шаҳринав	13780	677,2	127,9	107,7	5295	0,058	0,067	1,052	1,152
Рӯдакӣ	28699	1025,4	404,8	70,9	2533	0,184	0,102	0,690	0,551
Варзоб	11286	185,5	93,0	121,3	1955	0,042	0,018	1,190	0,425
Ваҳдат	35385	1674,1	375,8	94,1	4455	0,171	0,166	0,912	0,970
Файзобод	16203	511,3	116,8	138,7	4377	0,053	0,051	1,358	0,953
Нуробод	7005	379,4	75,7	92,5	5012	0,034	0,038	0,912	1,091
Сангвор	11800	362,3	26,2	450,4	13828	0,012	0,036	4,333	3,010
Рашт	19534	894,5	136,6	143,0	6548	0,062	0,089	1,387	1,425
Тоҷикобод	12147	290,3	53,3	227,0	4546	0,024	0,129	2,250	0,989
Лахш	8429	540,8	56,8	148,4	9521	0,026	0,054	1,423	2,072
Роғун	6233	125,3	46,9	132,9	2672	0,022	0,012	1,273	0,581

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи омори солонаи 2024. С.243, 245, 287-289, 304 [6-М, С.159].

*шартан бо назардошти нархи бозории 1воҳиди шир ба ҳисоби миёна гирифта шудааст.

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 3.1. бармеояд, ҳаҷми истеҳсоли шир дар минтақа дар соли 2024-226125 тоннаро ташкил намуда, маҳсулоти умумӣ бошад 10922,3 миллион сомониро дар бар гирифтааст. Мавриди зикр аст, ки аҳолии минтақа дар соли 2024 ба 2197 ҳазор нафар буда, истеҳсоли шир ба сари 1 нафар аҳолии минтақа ба 102,92 кг расид [6-М, С.160].

Дар маҷмуъ, тибқи маълумоти ҷадвалҳои мазкур (НТҶ) 3.1 ва 3.2 коэффитисенти истеҳсоли шири шаҳру ноҳияҳо, вазни хоси шумораи аҳолии шаҳру ноҳияҳо, истеҳсоли маҳсулоти умумии шаҳру ноҳияҳо, коэффитисенти истеҳсоли шир ба сари ҳар як аҳолӣ, коэффитисенти махсусгардонии шаҳру ноҳияҳо пешниҳод гардидааст, ки аз рӯйи маводҳои мазкур мо дар ҷадвали 3.1. минтақаи мавриди таҳқиқро бо назардошти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ҳолати инфрасохторҳои мавҷуда ба 2 кластер ҷудо намудем, ки маркази кластери 1 дар ноҳияи Рӯдакӣ ва маркази кластери 2 ноҳияи Раштро интихоб

намуда, иқтидор ва имкониятҳои истеҳсолии онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем [6-М, С.160]. (ҷадвали 3.2.).

Ҷадвали 3.2. -Муайян намудани коэффитисенти махсусгардонии ноҳияҳо дар НТҶ (соли 2024)

Ноҳияҳо	Шир тонна маҳсулоти умумӣ ҳазор сомонӣ		Коеффитисенти махсусгардонӣ
	Ноҳия	НТҶ	
НТҶ	226125	10092,2	1,000
Турсунзода	13,048	22,406	0,582
Ҳисор	20,917	22,406	0,933
Шаҳринав	20,348	22,406	0,908
Рӯдакӣ	27,988	22,406	1,294
Варзоб	60,841	22,406	2,715
Ваҳдат	21,137	22,406	0,943
Файзобод	31,690	22,406	1,414
Нуробод	18,463	22,406	0,824
Сангвор	3,257	22,406	0,145
Рашт	21,838	22,406	0,974
Тоҷикобод	41,843	22,406	1,867
Лахш	15,586	22,406	0,695
Роғун	49,744	22,406	2,220

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи омори солонаи 2024. С.243, 245, 287-289, 304 [6-М с.161].

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 3.2. бармеояд махсусгардонии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оиди истеҳсолӣ шир хеле фарқиятро дороянд. Коэффитисенти махсусгардонии истеҳсоли шир дар миқёси маҳсулоти умумии ба дастовардашудаи ноҳияҳо исботи онанд, ки баъзеи онҳо коэффитисенти мазкур аз 2,715 ноҳияи Варзоб то 0,582 шаҳри Турсунзода ишғол менамояд. Ҳолати кунунӣ исботи он аст, ки дар шаҳри Турсунзода саноати ҳаҷман бузург, ба монанди корхонаи истеҳсоли алюминӣ ва дигар ташкилотҳои саноатии хурду калон ҷойгиранд, аз ин сабаб маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла ЧКШ самти ширдеҳ он қадар назаррас мебошад. Мобайни ноҳияҳо ва шаҳрҳои НТҶ дар истеҳсоли шир миқдоран мавқеи 4-умро бо 26595 тонна ишғол намуда ҳиссаи хоси худро оиди ҳалли қазияи таъмини аҳолӣ бо хӯрока –маҳсулоти ширӣ мегузорад ва барои амалӣ гаштани кластерикунонии соҳаи мазкур хизмат менамояд [6-М, С.158].

Ҷадвали 3.3. -Саршумор, истеҳсол ва маҳсулнокии ЧКШ (модаговҳо) дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2023

Ноҳияҳо	Шумораи модаговҳо			Истеҳсоли шир, тонна			Ширдушӣ аз 1 сар модагов, тонна	
	Дар корхонаҳои кишоварзӣ	Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	Ҳамагӣ	Дар корхонаҳои кишоварзӣ	Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	Ҳамагӣ	Дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ХД	Ба ҳисоби миёна 1 модагов, кг
Турсунзода	538	79	617	3115	34	3149	5693	5103,73
Ҳисор	1154	307	1461	441	751	5192	3703	3553,73
Шаҳринав	120	305	425	210	671	881	2092	2072,94
Рӯдакӣ	89	775	864	147	598	745	2658	862,27
Варзоб	45	377	422	27	402	429	1115	1016,59
Ваҳдат	159	976	1135	363	915	1278	1805	1125,99
Файзобод	76	2566	2642	132	2551	2683	1572	1015,52
Кластери I	**2181**	**5385**	**7566**	**8435**	**5922**	**14357**	**x**	**1897,57**
Нуробод	-	157	157	-	53	53	1237	337,58
Сангвор	13	172	185	3	386	389	2088	2102,7
Рашт	54	1346	1400	74	1420	1494	2061	1067,11
Тоҷикобод	-	108	108	-	192	192	1745	1777,78
Лахш	124	521	645	-	12	12	-	18,6
Роғун	-	152	152	-	89	89	677	585,52
Кластери II	**191**	**2456**	**2647**	**77**	**2152**	**2229**	**x**	**842,08**
НТҶ	**2372**	**7841**	**10213**	**8511**	**8074**	**16588**	**2491**	**1624,01**

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи омори солонаи 2024. С.243, 245, 287-289, 304 [6-М с.161].

Аз маълумоти ҷадвали 3.3. маълум аст, ки шумораи модаговҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории минтақаи мавриди таҳлил 10213 сарро ташкил намуда, 7566 сари он ба кластери I ва 2647 сари он ба кластери II рост меояд. Ҳамин тавр, ҳаҷми истеҳсоли шир дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории каластери I ба 14357 тонна расида, дар кластери II бошад 2229 тоннаро ташкил намудааст. Инчунин, ширдушӣ ба ҳисоби миёна аз 1 сар модагов дар кластери I-1897,57 ва дар кластери-2 842,08 киллограммро ташкил намудааст. Дар маҷмуъ, шумораи модаговҳои кластери I нисбат ба кластери II 2,8 маротиба, истеҳсоли шир 6,4 маротиба ва ширдушӣ 2,3 маротиба нисбат ба кластери II зиёд мебошад.

Мақсад, моҳият ва афзалияти интихоби маркази кластерҳо кластери I – ноҳияи Рудакӣ дар он аст, ки аввалан он инфрасохтори хеле хуби техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва зичии баланди аҳолиро доро мебошад, ки хароҷоти нақлиётӣ, нигоҳдорӣ, ташкилотҳои саноатӣ хуби коркарди шир гирифтан ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии онро таъмин намуда метавонанд [6-М, С.161].

Кластери II ноҳияи Рашт нисбатан дар мобайнӣ водии Рашт ҷойгир буда, шароити ҷуғрофӣ ва мавзеи хубтар (паҳнои) инфрасохтори лозима миқдори зиёди хоҷагиҳо ва зиёда аз нисфи шири истеҳсолгаштаи кластери мазкурро дар он истеҳсол мегардад, интихоб гаштааст.

Мавриди зикр аст, ки зимни таҳлил дар ҳайати молистеҳсолкунандагон корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро шомил намудем. Хоҷагиҳои аҳолӣ ҳамкории худро дар асоси шартномаи тарафайн судманд амалӣ намуда, маҳсулоти худро ба ташкилоти мазкур месупоранд ва аз бартариҳои он баҳра мебаранд. Дар натиҷа, ҳавасмандии ниҳоии нуқтаҳои ҳуқуқӣ ва манфиати иқтисодии тарафҳо нигоҳ дошта мешаванд. Таҳлили гузаронида ба мо имконият медиҳад, ки махсусгардонии микрокластерро дар миқёси ноҳияҳои тобеи ҷумуҳурӣ асосонок намоем [6-М, С.161]. (ҷадвали 3.4.).

Ҷадвали 3.4. -Нишондиҳандаҳои умумии микрокластер дар миқёси НТҶ

Кластер	Шумораи ноҳияҳо	Ҳамагӣ истеҳсоли шир, тонна	МУ бо нархи қиёсии соли 2023, млн. сомонӣ	Шумораи аҳолӣ, ҳаз. нафар	Истеҳсоли шир ба сари ҳар як нафар аҳолӣ	Коэффисиент				
						Истеҳсоли шир дар кластер нисбати умумӣ	Шумораи аҳолии кластер нисбати умумӣ	Истеҳсоли МУ кластерҳо нисбати умумӣ	Истеҳсоли шир ба сари ҳар аҳолии кластер ба коэффитсенти шумораи аҳолӣ	Махсус-гардонии кластер
0	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
I	7	160977	7499,6	1801,3	89,367	0,712	0,820	0,743	0,868	0,958
II	6	65148	2592,6	395,5	164,723	0,288	0,180	0,257	1,600	1,121
∑	**13**	**226125**	**10092,2**	**2196,8**	**102,934**	**1,000**	**1,000**	**1,000**	**1,000**	**1,000**

Сарчашма: Дар асоси маводҳои овардашудаи ҷадвали 3.2. [6-М с.162].

Ҳамин тариқ, кластери I дар соҳаи чорводории ширдеҳ коэффитсиенти баланди кластерӣ дорад ва барои татбиқи ташаббусҳои кластерӣ мувофиқ донистан мумкин аст.

Яке аз хусусиятҳои асосии кластер ин ҳампайвастагии манфиат дар самти рақобат, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар мавзеъ, (минтақаи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ маҳдуд) ба ҳисоб меравад ва барои ноил шудан ба самараи дилхоҳ муҳим мебошад [6-М, С.162].

Сарҷамъӣ ва ҳамкорӣ дар доираи дохилии ташакили кластер метавонад барои тақсимоти хароҷотҳои барзиёд ва дигар хатарҳоро, ки амалӣ гаштани он барои хоҷагиҳои алоҳида, ки аксар вақт иқтидори истеҳсолкунандагони алоҳидаи молу маҳсулот кумакталабанд, ба он намерасанд.

Афзалиятнокии дигари кластерҳоро аз ҷиҳати иқтисодии минтақа ин фароҳам овардани пешниҳоди имтиёзҳои мақсаднок барои дигар ташкилотҳо, таъмини рушди бозори дохилӣ арзёбӣ намудан мумкин аст ва ба иқтисодиёти минтақа аҳаммияти хосиеро дорост [6-М, С.162].

Дар асоси баҳодиҳии иқтидори чорводории ширдеҳи ноҳияҳои НТҶ алгоритми ташкили микрокластери соҳаи мазкурро дар сатҳи ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Рашт таҳрезӣ ва таҳия намудем (расми 3.5.).



Расми 3.5. -Алгоритми ташкили микрокластери инноватсионӣ дар чорводории ширдеҳи ноҳия ё минтақаи махсус

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Таҳияи кластер дар асоси амалӣ гаштани ҳамкории мутақобилаи ташкилот ва ҷузъҳои гуногун мебошад, шурои ҳамоҳангсозӣ ҳатмист. Дар он таъсиси аъзоёни интихобгаштаи онҳо метавонанд намояндагони сохторҳои гуногун (ба ташкил ва фаъолияти микрокластер ҳавасманданд) шомил бошанд.

Баъд аз таъсиси шурои ҳамоҳангсозӣ, ҳайат, мақсад тартиб, вазифаҳои аъзоёни асосии он муайян мешаванд. Тавре ки дар сохтори микрокластер пешниҳод шудааст, ба ғайр аз ташкилотҳои истеҳсолии кишоварзӣ боз аъзоёни дигаре, ки мувофиқи мақсад мебошанд, ворид шуда метавонанд: муассисаҳои таълимӣ-литсейҳои касбӣ-техникии самтҳои гуногун; пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ; хадамотҳои консалтингӣ, ахбороти иттилоотӣ; сохторҳои суғурта, молиявӣ ва қарзӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки дар дохили худ ҷузъҳои дигари таъминкунандаи фаъолияти ҳар яки онҳо ва дар умум кластер ҳиссаи худро мегузоранд, иборат мебошанд.

Барои сода намудани равандҳои таъсиси микрокластерҳо ҷузъҳои штирокчиёни онҳоро шартан ба 3 гурӯҳ, ба таври зерин пешниҳод намудем:

1. Ташкили шурои ҳампайвастагии микрокластер, мақомоти ҳокимияти минтақавӣ-иштирокчиёне, ки ба фаъолияти микрокластер ғайримустақим таъсир мерасонанд ва нақши асосии онҳо аз ҳамоҳангсозии танзими фаъолияти тамоми аъзоёни он мебошад.

2. Ташкилотҳои кишоварзии ноҳия ва молистеҳсолкунандагони алоҳида хоҷагиҳои аҳолӣ, ки ба истеҳсоли шир равона шуда, дар асоси истифода намудани технологияҳои пешқадам, навовариҳо ва робитаҳои амудӣ ва ҳам уфуқӣ баромад менамоянд.

3. Субъектҳои инфрасохторӣ таъминотӣ, хизматрасонӣ, ба монанди - муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, молиявию қарзӣ, сохторҳои машваратию, марказҳои иттилоотӣ, бозор- нуқтаҳои фурӯши маҳсулот, ки бевосита дар эҷоди маҳсулоти ниҳоии истеъмолӣ иштирок мекунанд.

Оид ба рушди муҳити рақобатие, ки дар он субъектҳои микрокластер фаъолият мекунанд, як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки дар якҷоягӣ меҳвари афзалиятҳои рақобатиро ифода мекунанд.

Мо нақшаи сохтори ҳамкории муштарак байни ташкилотҳои микрокластери чорвои ширдеҳ ва омилҳои асосии барои рушди микрокластери инноватсионии ширӣ дар ноҳия интихобгаштаро тарҳрезӣ ва пешниҳод намудаем. (расми 3.6).

Дар асоси маълумоти овардашуда, дар маркази кластери I –ноҳияи Рӯдакӣ ва кластери II –ноҳияи Рашт барои рушди инноватсионии микрокластери ширӣ иқтидори кофиро дороянд, амалӣ гаштани низоми кластерӣ самти чорвои ширдеҳ ва ташкили микрокластерҳо дар заминаи онҳо имконияти хосеро фароҳам меоранд ба монандӣ:

- ба даст овардани самараи дилхоҳи бо назардошти ҳамкории иштирокчиён, таъмини ҳамгироӣ ва рақобатпазирӣ;

Расми 3.6. -Сохтори ҳамкории муштарак байни ташкилотҳои микрокластери чорвои ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

- ҷорӣ намудани ҳамкориҳо, аъзоёни микрокластер имконияти истифодаи васеи ҷамъоварӣ ва истифодаи маводҳои ахборот- иттилоотии лозимаи гуногунро дороянд, ки дар натиҷа, хароҷоти ба вуҷуд омадаи трансаксиониро ба як воҳиди маҳсулот коҳиш диҳанд;

- афзоиш додани қобилияти генетикии чорвои ширдеҳ, сохтори пода, бештар будани саршумори модаговҳо дар он шароити васеъро дороянд.

Иловатан, афзалиятҳои рақобатнокӣ, ки дар дохили микрокластер ба вуҷуд меоянд, ба афзоиши самаранокии чорводории ширдеҳ дар асоси ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ, ҳавасмандгардонӣ диверсификатсияи соҳа, васеъ намудани миқдорӣ ва ҳудудии микрокластер мусоидат мекунанд.

Дар адабиёти бахшида ба кластерҳо зикр гардидааст, кластерҳо - гурӯҳҳое мебошанд, ки аз субъектҳои хоҷагидории ба ҳам алоқаманд иборат буда, аксар вақт ба соҳаҳои гуногун ва моликони гуногун тааллуқ доранд, вале дар маҷмуъ як ҷомеаи махсуси интегралии иқтисодиро ташкил медиҳанд.

Азбаски миқёси ин истеҳсолот васеъ аст, кластер бояд дар байни ноҳияҳои бо ҳам наздик вуҷуд доштани инфрасохторҳои лозимаи минтақа ҷойгир карда шаванд.

Дар адабиёт вобаста ба таъмини тақсимоти одилонаи даромадҳо натиҷаи ниҳоии (фоида) молистеҳсолкунандагон якҷоя гашта, ҳамкории судманд байни тавсияҳои гуногун мавҷуданд. Вобаста аз тарзи ҳисобкуниҳо онро ба се шакл тақсим намудан мумкин аст:

I-тақсимоти даромади ниҳоӣ (фоида), мутаносибан ба хароҷоти меҳнати зинда;

II-тақсимоти даромад, мутаносибан ба арзиши фондҳои асосии дар истеҳсолот истифодашаванда;

III-тақсимоти даромад, мутаносибан ба хароҷоти истеҳсолӣ.

Мо онҳоро ҳамчун асос дар тақсимоти даромад ба инобат гирифта аввалан дар мадди назар кӯшиши тарафҳоро бояд ба эътибор гирифтан лозим аст.

Дуюмин, аз шаклҳои баррасишаванда, аз ҳама бештар (шакли 3) ҳиссаи тарафҳое, ки хароҷоти истеҳсолиашон зиёдтаранд, ҳолати воқеиро инъикос менамоянд, тарафдорӣ менамоем.

Сеюмин, бояд иловатан, хароҷоти иҷтимоӣ зарурӣ низ ба ҳисоб гирифта шавад.

Шакли комили ҳалли масъала, ки дар боло зикр гашт, ин амалӣ гаштани миқдори оқилонаи хароҷот барои истеҳсол ва коркарди саноатии шир то маҳсулоти ниҳоии истеъмолӣ бо назардошти ҳолати воқеии истифодаи техника ва захираҳо муайян карда шаванд. Дар натиҷа, иштирокчиён, ҳамкорони сохторҳои байнисоҳавӣ барои амалӣ намудани комёбиҳои илму техника, ки коҳиш ёфтани арзиши аслӣ таъсири бевосита мерасонанд, ҳавасмандии хос ва самаранокии онро таъмин менамоянд.

3.2. Технологияи замонавӣ-инноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ

Самтҳои афзалиятноки инноватсионии рушди чорвои ширдеҳ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд равандҳои барқароркунӣ, зотпарварӣ, хушзоткунӣ, рушд ва ҷорӣ намудани истифодаи васеи технологияҳои пешқадам, тайёр намудани хӯрока, хӯронидан, нигоҳдории чорво, механизатсия ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолотро дар бар мегирад.

Сиёсати давлатӣ оид ба ҷорӣ ва истифода бурдани технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти истеҳсолии чорвои ширдеҳ, маҳсулотҳои ширӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза дар шароити ҳозира бисёр ҳам муҳим, мубрам ва зарур мебошад. Натиҷаи ҷорӣ намудани онҳо ба муайян намудани сифату суръати рушди иқтисодии соҳа, дар маҷмуъ ба рақобатпазирии саноатии хоҷагиҳои инфиродӣ ва корхонаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ оварда мерасонад [2-М, С.214].

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, хусусан барои ташкилотҳои кишоварзӣ, таъмини такористеҳсолкунии васеъ муҳим аст, то ки дар чор

фасли сол, мунтазам соҳаи истеҳсолотро бо ашёи хоми аз ҷиҳати экологӣ тоза, корхонаҳои коркарди ин маҳсулотро оид ба таъмини бозор бо маҳсулотҳои ширӣ амалӣ намоянд. Ин пеш аз ҳама, бо истифода аз имкониятҳои мавҷудбуда, хоҷагиҳо ва истифодаи технологияҳои каммасрафи захираҳо дар равандҳои истеҳсолот, инчунин ҷорӣ намудани дастовардҳои инноватсионӣ вобастагии калон дорад [2-М, С.214]

Меъёри асосии самаранокии рушди чорвои ширдеҳ дар минтақаҳо ба дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани талаботи аҳолӣ бо шир ва маҳсулотҳои ширии ватанӣ, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба ҳар як истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо нархи дастрас бурда расонидани маҳсулоти истеҳсолкардашуда ва дар ин асос ба бозор ворид намудани маҳсулоти ширӣ ба рақобат тобоварро пешниҳод бояд кард [2-М, С.214].

Зиёд гаштани талабот, васеъ шудани рақобат, кам шудани захираҳои табиат ҳар як соҳаи истеҳсолотро бе «инноватсия» тасаввур кардан ғайри имкон аст. Истифодаи муфиди инноватсия дар шаклҳои технологияҳои навтарини ватанию хориҷӣ барои беҳтар намудани маҳсулотҳои гирифташуда, намудҳои самаранокӣ, хизматрасонӣ, ташкилӣ-техникӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, молиявӣ, қабули қарорҳои муфиди маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва дигар тадбирҳои ҳалталабро каму беш кам менамояд ва эҳтимоли камбудиҳои ҷойдоштаро дар оянда аз байн хоҳад бурд». Самтҳои инвеститсияро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

- ҷаҳонӣ, ватанӣ, соҳавӣ, истеҳсолӣ;
- таъсиррасонӣ ва дигаргунии соҳаҳо;
- пайдарпайӣ ва муҳлатнок.
- суръат ва муҳлати амалӣшавӣ.

Вобаста ба талаботи афзунгардии аҳолӣ бо маҳсулотҳои ширӣ рушди инноватсионии чорвои ширдеҳ ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ бо маҳсулотҳои ширӣ ва қонеъ намудани ниёзҳои ҷомеа коркарди васеи ширро талаб менамояд [2-М, С.215].

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки истеҳсоли шир дар асоси навовариҳои инноватсионӣ (расми 3.7.) бисёр ҷанбаҳои фаъолияти технологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва зооветеренарриро дар хоҷагиҳои фермерӣ ва комплексҳои калони махсусгардонидашударо дар бар мегирад, ки онро ба таври зерин пешниҳод менамоем:

- ташкили истеҳсоли хӯроки чорво ва тарзи хӯронидани он;
- ҷорӣ кардани системаи оқилона дӯшидани шир;
- гузаронидани корҳои (селексионӣ) зотпарварӣ;
- ташкил ва танзим намудани барқароршавии пода;
- механизатсия ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолие, ки меҳнатталабанд;
- нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани шароити нигоҳдории чорво дар асоси талаботҳои байторӣ ва санитарӣ;
- ташкили оқилонаи равандҳои истеҳсолӣ (кор) ва дамгирии кормандони соҳаи чорвои ширдеҳ.

Аз ин нуқтаи назар, рушди соҳа дар самти инноватсиякунонии чорводории ширӣ ҳамчун раванди дарозмуҳлат ва мураккаб мебошад, ки моҳияти он дигаргуниҳои босифати сохторӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, ба натиҷаи некуаҳволии зиндагии молистеҳсолкунандагон ва ҳам ба мол истеъмолкунандагони маҳсулоти он таъсир мерасонад [2-М, С.215].

Рушди инноватсионии соҳаи чорвои ширдеҳро ҳамчун як раванди муттасили фаъолият дар сектори хусусӣ ва аҳолӣ тавассути истифодаи равишҳои илм ва таҷрибаи пешқадами муосир бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти рақобатпазир ва таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоӣ бо ғизои доимии сифатан тоза аз ҷиҳати экологиро ба мардум пешкаш намоем, дар назар дорад». «Равандҳои инноватсионӣ пайваста дар соҳаи чорвои ширдеҳ ва азнавсозии истеҳсолот дар асоси ҷорӣ намудани омилҳои самаранокии иқтисодӣ, пешрафти илмӣ-техникӣ, ки дар худ хусусияти стратегӣ дошта, на танҳо аз буҳронҳои иқтисодӣ, балки барои устувории рушди соҳаи чорводорӣ, хусусан ширдеҳ дар оянда мусоидат хоҳад кард [2-М, С.215].

Дар шароити ҳозира соҳаи чорводорӣ ба самтҳои стратегии сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои навтаъсисдодашудаи махсус ё сатҳи минтақавӣ ташкил намудан лозим аст ва он чунин равандҳоро бояд дар бар гирад:

1. Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хурд ва миёнаи инноватсионӣ, ки истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ потенсиали эҷодиро таъмин менамояд;

2. Ворид намудани системаи инноватсионии давлатҳои хориҷӣ дар асоси таъмини технологияҳои мувофиқи оид ба такрористеҳсолкунии васеъ ва нигоҳдории наслҳои гирифташуда;

3. Баланд бардоштани самаранокии инноватсияи сармоягузории корхона дар соҳаи кишоварзӣ [2-М, С.215].

Ҳамзамон, барои амалӣ намудани инноватсия дар соҳаи чорвои ширдеҳ бояд сиёсати давлатӣ ба ҳадафҳои асосии зерин равона карда шавад:

- дастгирии соҳаи илм ва маориф оид ба таъмини рушди илмии соҳаи истеҳсолот ва коркарди саноатии шир;

- таъмин аз истеҳсолкунандагони саноатӣ, воситаҳои асосии технологияҳои инноватсионӣ, ки ба ҳар як раванди маҳсулоти истеҳсолот мусоидат менамоянд;

- таъмин намудани такрористеҳсолкунии васеи соҳа, новобаста аз тағйир ёфтани бозор [2-М, С.215].

Технологияи инноватсионии ҳозиразамони дар соҳаи чорвои ширдеҳ бо истифодаи қарорҳои инноватсионии маъмул вобастаанд, ки дар натиҷа бартарии рақобатпазирии хоҷагиҳои алоҳидаро дар байни худ инкор мекунанд ё аз байн мебаранд. Ин ҳолат ба таври объективӣ рақобатро байни молистеҳсолкунандагон ҳангоми бисёр шудан ва кам гаштани талабот миқдори пешниҳоди ширро дар бозор меафзояд [2-М, С.215].



Расми 3.7. -Самтҳои инноватсионӣ ва механизм навовариҳо барои таъмини рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Мақсад аз дигаргунсозӣ ё навовариҳо дар соҳаи чорводорӣ дар он мебошад, ки маҳз бо ин роҳ, метавонем ин соҳаи ниҳоятан муҳимми кишоварзиро аз буҳрони амиқи иқтисодӣ раҳонем, ки ин боиси рушду нумуи соҳаи чорводорӣ, инчунин афзуншавии маҳсулоти истеҳсолӣ мегардад. Барои дар оянда баланд бардоштани самаранокии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соҳаҳои чорводорӣ дар асоси навовариҳо хуб мешуд якчанд масъалаҳои асосиро ташкил диҳем, ки онҳо асоси пешрафти минбаъдаи рушди ин соҳа мебошанд:

1. Амалӣ намудани масъалаҳои ташкилии соҳаи чорводории самти ширдеҳ ва таъминоти моддӣ-техникӣ дар асоси таҳияи бизнес-нақшаи истеҳсолӣ;

2. Беҳдошти истеҳсол, сифат, нигоҳдорӣ ва фурӯши он дар шароити иқтисодӣ бозаргонӣ;

3.Ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодӣ-молиявии соҳаи мазкур бо дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ:

-амалиёти пуливу қарзӣ бо бонкҳо;

-муомилоти ҳисобӣ, қарзӣ ва молиявӣ;

-ҳамагуна шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ;

-масъалаи замин ва истифодаи он;

-савдо ва фурӯши маҳсулот, тиҷоратӣ;

-дигаргунсозии муносибатҳои истеҳсолӣ [2-М, С.216].

Риоя намудани гуфтаҳои боло дар шароити навоварию дигаргунсозии хоҷагидорӣ ба беҳбудии соҳаи чорводорӣ оварда мерасонад.

Рақобатнокӣ байни истеҳсолгарони намуди маҳсулот метавонад бо назардошти омилҳои зерин таъсири худро расонанд, ба монанди:

-миқдори истеҳсол ва номгӯйи махсулот (гӯшт, шир тухм);

-сифат, ғизогӣ, кафолат;

-нарх ва тағйирёбии он;

-фурӯш ва талафот;

-сатҳи харидорӣ ва талабити аҳолӣ ба намуди маҳсулот.

Маълумотҳои оварда шуда гувоҳи медиҳанд, ки навовариҳо иноватсия дар соҳаи чорводории хоҷагиҳо дар давраи ҳозира метавонад, муайян намоянд, ки чӣ қадар, чӣ тавр оқилона ва аз нуқтаи назари экологӣ безарар маҳсулотҳои соҳаи чорводориро истеҳсол намоянд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, меъёри асосии самаранокии рушди чорвои ширдеҳ дар минтақаҳо ба дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани талаботи аҳолӣ бо шир ва маҳсулотҳои ширии ватанӣ, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба ҳар як истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо нархи дастрас бурда расонидани маҳсулоти истеҳсолкардашуда ва дар ин асос ба бозор ворид намудани маҳсулоти ширӣ ба рақобат тобоварро пешниҳод бояд кард [3-М, С.326].

Аз ин рӯ, барои зиёд гаштани талабот, васеъ шудани рақобат, кам шудани захираҳои табиат ҳар як соҳаи истеҳсолотро бе «инноватсия» тасаввур кардан ғайри имкон аст. Истифодаи муфиди модели консептуалии инноватсионӣ дар баландбардории сифати хӯрокаи чорво ва тараққиёти чорводории самти ширдеҳ дар шаклҳои технологияҳои навтарини ватанию хориҷӣ барои беҳтар намудани маҳсулотҳои истеҳсолкардашуда, самаранокии истеҳсолот, хизматрасонӣ, ташкилӣ-техникӣ, иқтисодию-иҷтимоӣ, молиявӣ, қабули қарорҳои муфиди маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва дигар камбудиҳои ҷойдоштаи ҳалталабро эҳтимоли дар оянда аз байн хоҳад бурд.

Самтҳои инвеститсияро метавон чунин гурӯҳбандӣ кард:

- ҷаҳонӣ, ватанӣ, соҳавӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, хизматрасонӣ;
- таъсиррасонӣ ва дигаргунсозии соҳаҳои мухталифи ҷомеа;
- пайдарпайӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навовариҳо;
- суръат ва рушди амалӣшавии навовариҳо дар истеҳсолот.

Вобаста аз зиёдшавии талаботи ҳаррӯзаи аҳолӣ ба маҳсулотҳои ширӣ, рушди инноватсионии чорвои ширдеҳ дар таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ бо маҳсулотҳои ширӣ ва қонеъ намудани ниёзҳои аҳолӣ коркарди васеи шир, хоҷагиҳои калони саноатӣ, комбинатҳо,

сех ё хоҷагиҳои хурди истеҳсолии зеркомплекси мазкурро талаб менамояд [3-М, С.326].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки саҳми модели консептуалии инноватсионӣ дар баландбардории сифати хӯрокаи чорво ва тараққиёти чорводории самти ширдеҳ ва истеҳсоли шир дар асоси инноватсия бисёр ҷанбаҳои фаъолияти технологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ, коркарди шир, инфрасохторҳои хизматрасонӣ ва зооветеренарриро дар хоҷагиҳои шаклҳои гуногун ва комплексҳои калони махсусгардонидашударо дар бар мегирад:

- ташкили дурусти нигоҳубин, хӯронидан, намуди хӯрока (дурушт, сершира, сабз) ва сифати он;

- ҷорӣ кардани таҷҳизотҳои лозима оиди механикунонии равандҳои истеҳсолот хусусан оқилона дӯшидани шир;

- гузаронидани корҳои (селексионӣ) зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда;

- истифодаи технологияҳои пешқадами истеҳсолот, тайёр, коркард ва нигоҳ доштани хурока;

- нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани шароити нигоҳубини чорво дар асоси талаботҳои байторӣ ва санитарӣ;

- ташкили оқилонаи равандҳои истеҳсолӣ (кор) ва дамгирии кормандони соҳаи мазкур [3-М, С.327].

Аз ин нуқтаи назар, рушди соҳа дар самти инноватсиякунонии чорводории ширӣ ҳамчун раванди дарозмуҳлат ва мураккаб мебошад, ки моҳияти он дигаргуниҳои босифати сохторӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, ба натиҷаи некуаҳволии зиндагии молистеҳсолкунандагон ва ҳам ба мол истеъмолкунандагони маҳсулоти он таъсир мерасонад.

Самаранокии истифодабарии майдони кишти зироатҳои хӯрокаи чорво ба воситаи коэффитсиенти самаронокӣ, яъне нисбати вазни қиёсии гирифташуда ба вазни қиёсии майдони кишти зироатҳои додашуда, муайян карда мешавад. Ҳангоми кор карда баромадани ратсионҳои оптималӣ ва навъҳои хӯрокдиҳӣ бояд аз таҷрибаҳои пешқадам ва комёбиҳои илму техника

истифода бурдан лозим аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои кишоварзӣ қисми асосии хӯроки чорво аз киштзор ва растаниҳо мебошад.

Саҳми модели консептуалии инноватсионӣ дар баландбардории сифати хӯрокаи чорво ва тараққиёти чорводории самти ширдеҳро мо дар намуди амсилаи консептуалии зерин таҳия ва пешниҳод намуда метавонем [3-М, С.329]. (расми 3.8.).

Расми 3.8. -Саҳми модели консептуалии инноватсионӣ дар баландбардории сифати хӯрокаи чорво

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ташкили самаранокии истеҳсоли хӯроки чорво дар зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, мустаҳкам кардани пойгоҳи хӯроки саҳроӣ одатан шакли зиёдро дар бар мегирад. Бо вуҷуд овардани таркиб ва ҳаҷми муътадили хӯрокаи чорво дар кишвар; муайян намудани таркиби муътадили майдонҳои кишт ва ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво ҷобаҷокунӣ ва ташкили дурусти киштгардон дар мавкеи хоҷагӣ; теҳнологияи парвариши илман асоснок ва бештар прогрессивии зироатҳои хӯроки чорво, ҷорӣ намудани ташкили илми меҳнат ва ғайраро дар бар мегирад [3-М, С.330].

Сарчашмаи асосии афзоиши истеҳсоли хӯроки чорво ин беҳ намудани сифати онҳо бо камкуни талафот дар вақти тайёркунӣ ва нигоҳдории хӯрока

ба ҳисоб меравад, ки бояд ҳар як хоҷагӣ бо анборҳои ҳозиразамон таҷҳизонида шуда бошад, то ин ки соҳаи чорводорӣ ба самтҳои стратегии сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои навтаъсисдодашудаи махсус ё сатҳи минтақави ташкил намудан лозим аст ва он чунин равандҳоро бояд дар бар гирад:

1. Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хурд ва миёнаи инноватсионӣ, ки истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ потенсиали эҷодиро таъмин менамояд.

2. Ворид намудани системаи инноватсионии давлатҳои хориҷӣ дар асоси таъмини технологияҳои мувофиқи оид ба такрористеҳсолкунии васеъ ва нигоҳдории наслҳои гирифташуда.

3. Баланд бардоштани самаранокии инноватсияи сармоягузории корхона дар соҳаи кишоварзӣ [3-М, С.326]

«Барои ҳалли мушкилоти зикргардида бояд, ҳамаи унсурҳои сохтории низоми инноватсионии ҳар як хоҷагӣ дар алоҳидагӣ ва дар миқёси минтақа ҷалб карда шаванд.

Технологияи инноватсионии ҳозиразамони соҳаи чорвои ширдеҳ бо истифодаи қарорҳои инноватсионии маъмул вобастаанд, ки дар натиҷа, бартарии рақобатпазирии хоҷагиҳои алоҳидаро дар байни худ инкор мекунанд, ё аз байн мебаранд. Ин ҳолат ба таври объективӣ рақобатро байни молистеҳсолкунандагон ҳангоми бисёр шудан ва кам гаштани талабот миқдори пешниҳоди ширро дар бозор меафзояд».

Ба фикри муаллиф, шакли дастраси амалӣ гаштани он ин тартиб додани харитаҳои технологии истеҳсоли шир, дар асоси интихоби намудҳои пешқадами нигоҳдории чорво ва амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ воситаҳои механикониданӣ мебошад.

Харитаҳои технологӣ аз қисмҳои асосии технологӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар гирифта, ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси худро доро буда, бо назардшти талаботи замонавӣ таҳрезӣ мегарданд:

- ахбороти ибтидоӣ барои таҳррезии нақшаи истеҳсолӣ;

- қисмати технологӣ дар он пайдарпайи равандҳои истеҳсолӣ, марҳила, муҳлат, миқдор ва ҳаҷми амалиётҳои тавсия шуда, акси худро меёбанд;

- қисмати техникӣ, тамға, намуди воситаҳои асосии истеҳсолот миқдори лозимаи онҳо барои равандҳои амалӣ гаштани он;

- дар қисмати иқтисодӣ-ташкилӣ мухтасар нишондиҳандаҳои микро иқтисодӣ, ба монанди маблағи хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ, таъмир ва нигоҳубини онҳо, ҳаҷми музди меҳнати иҷрокунандагон, маблағҳои лозима барои хариди воситаҳои гардонро дар бар мегирад.

Қисмати технологӣ ҳамчун асоси ҳамаи амалиётҳои зооветеринариро пайи ҳам пешбининамудаи нақшаҳои амиқи равандҳои истеҳсолӣ, ки барои ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ шир анҷом дода шаванд, дар бар мегирад. Ҳаҷми равандҳои технологӣ (корҳо) (Q) барои иҷрои ҳар яки онҳо аз рӯй формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$Q = g * m * n/1000 \qquad (1)$$

дар ин ҷо: g - меъёри шабонарӯзии ҳаҷми корҳо, дақ./сар;

m – миқдори чорво, сар.;

n – муҳлати раванди мазкур, шабонарӯз.

Дар қисмати техникии харитаи технологӣ низоми мошини намуд ва тамғаи он тавсия шуда оварда мешаванд.

Ҳангоми таҳррезӣ намудани қисмати техникӣ, таҷҳизотҳоеро интихоб менамоянд, ки иҷрои раванди мушаххасеро талаботи зоотехникӣ ва иқтисодӣ бо хароҷоти камтарини он таъмин менамоянд.

Миқдори техникаи лозима Tq аз ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$$Tg = Q / q м•> \qquad (2)$$

дар ин ҷо: Q – ҳаҷми раванди истеҳсолӣ (кор), воҳиди физикӣ;

qм – маҳсулнокии воситаи техникӣ, воҳиди физикӣ.

Дар қисмати иқтисодии харитаи технологӣ баҳисобгирии хароҷотҳои бевосита, аз он чумла музди меҳнат, шумора ва ҳайати коргарон, хӯрдашавии воситаҳои асосии истеҳсолот, сарфи маблағ оид ба нигоҳубини техника, сарфи воситаҳои гардон дигар хароҷотҳо, акси худро меёбанд. Дар арзиши

аслии маҳсулот, даромаднокии истеҳсолот, маълумоҳои овардашудаи харитаи технологӣ меҳнатталабӣ ва ғайра муайян карда мешавад.

Барои муайян намудани самаранокии истеҳсоли шир вобаста аз технологияи нигоҳдории чорво шакли оғилӣ, катакӣ ва ташкили равандҳои истеҳсолӣ ва равандҳои он, тартиб додани харитаҳои технологии истеҳсоли ширро таҳрезӣ менамоем.

Дар таҳқиқоти мазкур харитаи технологии равандҳои асосӣ оид ба истеҳсоли шир барои фермаи чорвои калони шоҳдори самти ширдеҳ бо иқтидори 400 сар модаговҳо ва маҳсулнокии солонаи 5000 кг шир аз як сар чорво бо назардошти усули оғилӣ (бастан) ва набастани чорво-катакӣ, майдончаҳои махсус, фаршҳои бо қабатҳои изолятсионӣ муҷаҳҳаз (қолинҳои полимерӣ, фаршҳои чӯбин ва ғайра) ё дар айвонҳои сабук фаршаш аз маводҳои гармикунанда (поруи хушк, коҳи реза, торф ва ғайра) доро буда, таҳия менамоем.

Авалан, талабот ба хӯрокаи чорворо дар асоси меъёрҳои тавсияшудаи солонаи он барои ба як воҳиди шир аз 0,8-1,0 воҳиди хӯрока аст, дар асоси он мо барои 1 сар чорвои ширдеҳ бо маҳсулнокии 5000 кг шир дар як сол барои чорвои калони шоҳдор бо усули оғилӣ бо назардошти ҳолати физиологӣ, 500кг×0,85вх=4250кг.вх=42,5 сент.вх қобилияти наслгирӣ, вазни зинда (бо 100кг вазни зинда 1,0кг.вх) пешбинӣ шудаанд.

Дар фермаи мазкур модаговҳо аз 300 то 400кг вазни зиндаро дороянд, ба ҳисоби миёна мо онро 350кг меҳисобем, дар он сурат =(350,0×1,0вх365):100=12,78вх ба як сар модагов илова мешавад бо назардошти маълумот, меъёрҳои тавсияшуда хароҷоти воҳиди хӯрокаи солона барои як сар чорвои ширдеҳ 42,5вх+12,78вх=55,27сент.вх. ташкил медиҳанд.

Ҳангоми амалӣ гаштани тарзҳои қабулшуда нигоҳдорӣ, тайёр намудан ва хӯрокдиҳӣ талафҳои биологӣ, технологӣ моддаҳои ғизоӣ ҷой доранд, барои он ҷуброни зарурати 7-10 % зиёд намудани меъёри хароҷоти хӯроки чорворо ба 1 сар лозимро муайян менамоем, ки бо назардошти талафот, ба

ҳисоби 8% 59,6 сентнер воҳиди хӯрокаро ташкил медиҳад. Дар сурати нигоҳдорӣ бо усули набастани чорво дар майдончаҳо махсус катакҳои майдончаҳо (биноҳо ва ё бо фаршҳои гарм), нигоҳ доштани чорвои ширдеҳ меъёри хароҷоти хӯрок ба ҳар сар чорво нисбати оғилӣ 6-10 % зиёд мешавад.

Элементҳои асосии технологӣ ва сохтори подаро гирифтани шир бо тарзи гуногуни нигоҳ доштани чорвои ширдеҳ чунин муаррифӣ менамоем:

- барои таъмини таъмири пода ба ҳар 25 сар гӯсолаҳоро миқдори 100 сар чорвои ширдеҳ ҳамроҳ намудем;

- мувофиқи нақшаи наслгирӣ гирифтани насл аз ҳар 100 сар чорвои мазкур 90 сар гӯсола;

- таъмини маҳсулнокии нақшавии як сар модагови ширдеҳ;

- ҳаҷми миёна солонаи саршумори чорвои калони шохдор фермаи хоҷагӣ 850 сар, дар умум аз онҳо модаговҳои ширдеҳ - 400 сар, гӯсолаҳои барои нигаронидашуда -320 сар, ғуноҷинҳо -90 сар, гӯсолаҳои насли якум – 25 сар ва буққачаҳои то 20 рӯза - 15 сар;

- дар нақшаи солонаи хӯроки чорвои ширдеҳ сохтори он чунин мувозинатро дорост хӯрокаи саноати ем - 30 %, сершира – 28%, хӯроки дурушт – 23%, юнучқа ва алафи сабз - 18 %, меласса -1 %.

- пойгоҳи асоси хӯроки чорво аз ҳисоби истеҳсоли интенсивии хӯроки чорво таҳия шудааст.

- реҷаи хӯрокдиҳӣ дар як рӯз ду маротиба;

- барои нигоҳ доштани шароити муфиди оғилхона, нигоҳубини чорво дар як рӯз на камтар аз 2 маротиба тоза кардан аз ахлотҳо;

- ташкили раванди ширдӯшии чорво ду маротиба асосан механиконӣ дар баъзе ҳолатҳо дастӣ ва дар як рӯз;

- коркарди ибтидоии шир дар ферма баъди ҳар як ширдӯшӣ ба таври полондани механиконӣ ва хунуккунии шир;

- гузаронидани корҳои зотпарварӣ ва такористеҳсолии пода инҳоро дар бар мегирад: тамғагузории чорво, муайян кардани вазни зинда, баҳисобгирии меъёрҳои зоотехникӣ, муайян кардани равғаннокӣ ва сафеда

дар шир, ширдӯшии назоратӣ, бақайдгирии маълумот дар бораи наслдиҳӣ, бордоркунӣ, наслгирӣ ва назорат аз он, баҳодиҳии чорво, интихоб ва дигар равандҳои лозима.

-дар оғилхона нигоҳдории микромуҳит мувофиқи талаботҳои меъёри тавсияшуда.

Тибқи маълумоти аввала ва нақшаи хӯрокдиҳии чорвои калони ширдеҳ аз рӯйи фаслҳои сол харитаҳои муфассали технологӣ барои иҷрои равандҳои истеҳсолӣ ва амалиётҳои лозима ба даст овардани маҳсулот вобаста аз ду тарзи нигоҳубини чорвои ширдеҳ тартиб медиҳем.

Мувофиқи низомномаи тавсияи соҳавӣ оид ба иҷрои амалиёти технологии истеҳсоли шир ҳангоми нигоҳубини чорвои ширдеҳ бо усули оғилӣ ва майдончаҳо барои ширдӯшии 5000 кг аз 1 сар чорво дар як сол талабот ба хӯрокаро таҳррезӣ менамоем.

Нигоҳубини чорвои ширдеҳ бо ҳарду усули додани хӯрока охур пешбинӣ шудааст, ки тамоми амалиёти асосии технологӣ, ба монанди тайёр намудан ва тақсими хӯрок, ширдӯшӣ, таъмини об микромуҳит, бордоркунӣ ва ғайра мувофиқа карда мешавад.

Ҳангоми амалӣ гаштани нигоҳубини чорво бо усули бастан ва набастан пешниҳод намудаем. Як қатор камбудиҳо нисбат бо усули бастан вуҷуд доранд, ба монанди:

- ба амал омадани хароҷоти изофагии меҳнат, хусусан тарзи дастӣ дар амалӣ гаштани раванди ширдӯшии модаговҳо;

- обдиҳии чорво бо истифодаи таҷҳизоти механикунонӣ.

Ҳангоми нигоҳубин бо усули бастани чорвои ширдеҳ дар охурҳо барои ба даст овардани маҳсулнокии шир аз ҳар 1 сар чорвои ширдеҳ, дар як сол 5000 кг шир, дар мавсими зимистон навъи ғизодиҳии силос- сенажӣ - консентратӣ ё силосию консентратӣ афзалиятнок аст. Дохил намудани коҳ ба номгӯйи хӯрокҳо тавсия дода намешавад. Аз асоси мавсимӣ будани истеҳсолот дар нақшаи хӯрока тағйирот ворид карда мешаванд, ки он нисбатан фарқ доранд ва бояд ба назар гирифта шаванд (ҷадвали 3.5.).

Ҷадвали 3.5. -Нақшаи хӯрокаи чорвои ширдеҳ ба 1 сар. в.х

Номгӯи хӯрок	Тарзи нигоҳдорӣ ва сарфи хӯрока			
	Оғилӣ доимо дар оғил		Катак/майдонча доимо	
	тобистон	зимистон	тобистон	зимистон
Хӯроки омехта	4	4,4	4,5	4,6
Силос	16	23	13	130
Сенаж	5	5,5	5,0	6,2
Беда	-	5	-	5,2
Хӯрокҳои сабз	29	-	32	-
Ҳамагӣ, бо кг	54	49,3	54,5	47,4
воҳиди хӯрока	14,66	15,35	5,15	5,25
ба ҳисоби миёна дар як рӯз, воҳиди хӯрока	15,00		15,20	

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Барои муайян намудани хароҷоти вақт амалӣ гаштани равандҳои асосии технологӣ ва меъёрҳои хароҷоти вақт иҷрои онҳо барои 400 сар чорвои ширдеҳи бо усули нигоҳдории оғилӣ (ҷадвали 3.5.) дода шудаанд ва майдончаҳо (ҷадвали 3.6.) оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.6. -Меъёрҳои хароҷоти меҳнат (вақт) барои иҷрои равандҳои технологӣ ҳангоми истеҳсоли шир дар ферма (барои 400 сар) бо усули нигоҳубин бо тарзи оғилӣ

Номгӯйи равандҳои технологӣ		Оғилӣ		Катак	
		Ба ҳисоби миёна дар як рӯз, дақиқа			
		барои 1 саршумор		барои 1 саршумор	
		тобистон	зимистон	тобистон	зимистон
Нигоҳубини чорво	- операторҳои мошинҳои ширдӯшӣ	3,63	3,83	-	-
	- чорводорони рӯзона	3,46	4,17	-	-
	-чорводорони шабона	2,10	2,10	-	-
Нигоҳубини гӯсолаҳо то 20 рӯз		9,55	11,46	-	-
Интиқол ва тақсимкунии хӯрока	- силос	0,56	0,80	3,50	3,50
	- сенаж	0,14	0,15	2,80	2,80
	- лаблабуи хӯроки чорво	-	0,17	-	2,80
	- хӯроки сабз	0,72	-	2,48	-
	- беда	-	0,28	-	5,54
	- хӯроки омехта	0,13	0,14	3,28	3,28
	- фарши ҷой барои чорво	0,083	0,083	5,54	5,54

Идомаи ҷадвали 3.6.

Ширдӯшии чорвои ширдеҳ аз подаи асосӣ		5,89	5,89	-	-
Ширдӯшии чорвои ширдеҳ дар қисмати наслгирии нав		12,83	12,83	-	-
Коркарди ибтидоии шир		1,9 т/соат	1,9 т/соат		
Хизматрасонии техникии равандҳо	-барқтаъминкунӣ	0,26	0,26		
	- обдиҳӣ	0,11	0,11		
	- ширдӯшӣ	0,43	0,43		
	- тозакунии ахлот аз биноҳо ё майдончаҳо	0,31	0,31		
Интиқоли ахлот ба анбор		8,0 т/соат	8,0 т/соат	-	-
Бордоркунии алоҳидаи чорвои ширдеҳ		0,42	0,42		
Хизматрасонии байторӣ		0,63	0,63		
Боркунӣ, интиқол ва супоридани шир		6,0 т/соат	6,0 т/соат		

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Фарқияти дигари технологияи муосири нигоҳубини чорвои ширдеҳ шакли нигоҳ доштан ба таври озод дар майдончаҳои махсус дар он аст, ки он дараҷаи баланди механиконии равандҳои истеҳсолотро таъмин намуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ афзалтар мебошад. Дар технологияи мазкур тамоми фасли сол нигоҳубини чорвои ширдеҳ (бе сайругашт) дар айвонҳои сохти сабук таҳрезӣ шудааст.

Ҷадвали 3.7. -Меъёрҳои харочот барои иҷрои корҳо дар истеҳсоли шир дар ферма (барои 400 сар) бо нигоҳубин бо усули набастани чорвои ширдеҳ, дақиқа /1-рӯз

Номгӯи корҳо		Ба ҳисоби миёна дар як рӯз, дақиқа			
		Барои 1 саршумор		барои 1 сентнер	
		тобистон	зимистон	тобистон	зимистон
Нигоҳубини чорво	- операторҳои мошинҳои ширдӯшӣ	0,89	0,89	-	-
	- чорводорони рӯзона	3,44	3,44	-	-
	- чорводорони шабона	2,1	2,1	-	-
Нигоҳубини гӯсолаҳои то 20 рӯз		9,55	9,55	-	-
Боркунӣ, интиқол ва тақсимкунӣ	-силос	0,237	0,546	1,82	1,82
	-сенаж	0,065	0,081	1,3	1,3
	-хӯроки сабз	0,397	-	1,24	-
	- беда	-	0,144	-	2,77
	- коҳ	-	0,069	-	2,77
	- ем	0,074	0,074	1,64	1,64
Боркунӣ, интиқол ва тақсимкунии фаршҳо		0,014	0,028	2,77	2,77

Идомаи ҷадвали 3.7.

Ширдӯшии чорвои ширдеҳи подаи асосӣ		3,46	3,46		
Ширдӯшии чорвои ширдеҳи дар қисмати наслгирӣ		8,91	8,91		
Коркарди ибтидоии шир		1,9 т/час	1,9 т/час		
Хизматрасонии техникии равандҳо	- таъминоти барқ	0,26	0,26		
	- обдиҳӣ	0,11	0,11		
	- ширдӯшӣ	0,43	0,43		
	- тозакунии ахлот аз биноҳо	0,31	0,31		
Интиқоли ахлот ба анборҳо		8 т/соат	8 т/соат		
Хизматрасони байторӣ		0,63	0,63		
Боркунӣ, интиқол ва супоридани шир		6,2 т/соат	6,2 т/соат		

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Зарурати тағйир додани номгӯйи хӯрокро вобаста ба маҳсулнокӣ аз байн мебарад. Низоми хӯроки чорвои ширдеҳ бо назардошти он дар ҷадвали 3.8. оварда шудааст.

Ҷадвали 3.8.- Нақшаи хӯроки чорвои ширдеҳ (барои 1 саршумор) кг

Навъи хӯрок	Миқдори хӯрок, кг/шабонарӯз	
	тобистон	зимистон
Хӯроки омехта	4,5	4,5
Силос	13	30
Сенаж	5	6,2
Беда	-	5,2
Хӯроки сабз	32	-

Таҳияи муаллиф

Ҳангоми нигоҳубин бо усули нигоҳдорӣ дар майдончаҳо чорвои ширдеҳ бо назардошти сатҳи маҳсулнокии шир ва ҳолати физиологӣ ба гурӯҳҳои технологӣ тақсим карда мешавад ва онҳо дар қисмҳои алоҳидаи махсус ҷойгиранд.

Таҳлили техникӣ-иқтисодии усулҳои гуногуни технологияи истеҳсоли шир ба нишондодҳои зерин муайян карда мешаванд:

1. Нишондиҳандаҳои арзише, ки дар истеҳсоли шир истифода мешаванд (барои ҳар як тарзи нигоҳдорӣ);

2. Ҳаҷми маблағгузориҳои асосии арзиши балансии биноҳо ва иншоотҳо; ҳаҷми қабулшудаи маблағи сарфшуда миқдори чорво; бо

назардошти арзиши бино, иншоот, таҷҳизот, мошин ва механизмҳои лозима, ки механикунонии равандҳои истеҳсолиро таъмин менамоянд, ҳисобида мешаванд;

3. Миқдори хароҷотҳои ҷорӣ барои истеҳсоли шир ба монанди музди умумии меҳнати маҷмуи кормандон;

4. Сарфи маблағ ҳангоми амалӣ гаштани чорабиниҳои ҷамъиятӣ, ташкилию сиёсӣ;

5. Хароҷоти ташкилии таъмини об;

6. Хароҷотҳо барои фаршкатҳо мувофиқи меъёр ва талаботҳои зооветеринарӣ-ташкилӣ аз миқдор ва арзиши 1 воҳиди онҳо;

7. Арзиши маводҳои байторӣ барои хизматрасонии чорво;

8. Арзиши маводҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ;

9. Арзиши маҳсулоти иловагӣ бо роҳи зарб задани миқдори маҳсулоти иловагӣ (пору) дар як сол ба арзиши 1 тонна маҳсулоти иловагӣ муайян карда мешавад, аз арзиши воқеии хӯроки чорво камкарда;

10. Маблағи умумии хароҷоти ҷорӣ ҳамаи бандҳои хароҷотҳои овардашударо дар бар мегирад;

11. Арзиши аслии як воҳиди маҳсулот бо роҳи тақсим кардани ҳамаи хароҷотҳо миқдори солонаи маҳсулоти истеҳсолшуда мебошанд;

12. Даромад аз миқдори шири фурӯхташуда бо назардошти нархи фурӯши он муайян карда мешавад;

13. Фоида аз фурӯши шир фарқияти даромад ва хароҷотро муаррифӣ менамояд;

14. Сатҳи даромаднокии истехсолот фоида нисбати хароҷотро бо % мебошад.

Барои муайян намудани самаранокии технологияҳои гуногун, нигоҳубини чорвои ширдеҳ, аз маълумоти ҳисоб кардашуда, ҷадвали 3.9. истифода менамоем.

Ҷадвали 3.9. -Нишондиҳандаҳои арзишии истеҳсоли шир бо тарзҳои гуногуни нигоҳубини чорвои ширдеҳ

Нишондиҳандаҳо	Имкониятҳо барои нигоҳубини чорвои ширдеҳ		
	Подаи чорвои ширдеҳ - 400 сар		
	I оғилӣ	II катак	III дар майдончаҳо озод
Хароҷоти1 ҷой чорво ЧКШ, ҳаз. сомонӣ	37,72	29,64	27,56
Хароҷот 1 сар/ЧКШ бо иловаи ҳисобҳо, сомонӣ.	93,76	89,68	90,00
Арзиши 1 тонна хӯрока, сомонӣ	3061,00	3061,00	3061,00
Арзиши 1 $м^3$ об, сомонӣ	16,53	16,53	16,53
Арзиши 1 т маводи фаршӣ, сомонӣ	500,00	500,00	500,00
Арзиш 1 кВт-соат, сомонӣ	0,70	0,70	0,70
Арзиши 1 т/км, нақлиёти сомонӣ	8,32	8,32	8,32
Хизматрасонии байторӣ 1 сар., сомонӣ	166,40	166,40	166,40
Арзиши 1 т ахлот, сомонӣ	75,00	75,00	75,00
Нархи фурӯши 1 сентнер шир, сомонӣ	1050	1050	1050

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Истифодаи воситаҳои асосии техникӣ-иқтисодии дар истеҳсоли шир ҳангоми усулҳои гуногуни нигоҳдории чорвои ширдеҳ ва таъсири назарраси як қатор омилҳо ба самаранокии истеҳсоли онро муаррифи менамоянд. Истифода бурдани технология бо усули нигоҳубини чорвои ширдеҳ катак ва майдончаҳо нисбат ба шакли оғилӣ 14,0 % кам шудани хароҷоти умумии захираҳои ҷорӣро барои истеҳсоли шир таъмин менамояд. Дар ин сурат аз хисоби истифода бурдани техникаи сермаҳсул (мошинаҳои автоматии ширдӯшии истеҳсоли туркии, «Эвалар» тақсимкунакҳо ва омехтакунакхои хӯроки чорво «Евромикс III 1050 F» ва дигари таҷҳизоти техникии ватанию хориҷӣ, ки дар ниҳои кам гаштани хароҷоти меҳнат барои ба даст овардани шир то 30% амалӣ намуда метавонанд.

Ҷадвали 3.10.- Сохтори хароҷоти ҷорӣи истеҳсоли шир бо тарзҳои гуногуни нигоҳдории 400 сар чорвои ширдеҳ

Моддаҳои хароҷот	Тарзҳои нигоҳубини чорвои ширдеҳ											
	I – оғилӣ				II – катак				III – майдончаҳо			
	ҳамагӣ ҳаз. сомонӣ	аз ҷумла			ҳамагӣ ҳаз. сомонӣ	аз ҷумла:			ҳамагӣ ҳаз. сомонӣ.	аз ҷумла:		
		барои 1 чорвои ширдеҳ, сомонӣ	барои 1 сентнер шир, сомонӣ	%		барои 1 чорвои ширдеҳ, сомонӣ	барои 1 сентнер шир, сомонӣ	%		барои 1 чорвои ширдеҳ, сомонӣ	барои 1 сентнер шир, сомонӣ	%
Музди меҳнат	4722,41	11806	236,12	27,55	3073,18	7682,9	153,66	20,9	3161,2	7903,0	158,06	21,4
Арзиши хӯроки чорво	7162,7	17907	358,13	41,7	7872,9	19682,2	393,65	53,4	7872,9	1682	393,65	53,4
Қувваи барқ	1424,4	3561	71,22	8,3	878,2	2195,5	43,91	6,0	946,8	2367	47,34	6,4
Хароҷоти амортизатсия ва таъмир	2283,04	5707,2	114,16	13,3	1835,28	4588,3	91,75	12,5	1614,8	4038,2	80,76	10,9
Арзиши фаршкатҳо	109,5	273,7	5,47	0,6	-	-	-	-	57,5	142,8	2,85	0,4
Хароҷоти нақлиётӣ	87,1	217,75	4,35	0,5	25,3	63,2	1,26	0,2	26,2	65,5	1,31	0,2
Обтаъминкунӣ	214,9	535,7	10,75	1,2	252,9	632,3	12,66	1,7	250,4	626	12,52	1,7
Хизматрасонии байторӣ	66,56	166,4	3,33	0,4	66,56	166,4	3,33	0,4	66,56	166,4	3,33	0,5
Хароҷоти умумиистеҳсолӣ ва ғайра	1122,6	2808,25	56,13	6,5	730,5	1826,3	36,52	4,9	751,5	1878,75	37,57	5,1
Ҳамагӣ	17193,21	42983	859,66	100	14734,82	36837,1	736,74	100	14747,86	36869,65	737,39	100

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Рақамҳо исботи онанд, ки бо назардошти қимати фурӯши 1 сентнер шир 1050 сомонӣ ва арзиши аслии он бо шакли оғилӣ 859,66 сомонӣ, ҳангоми нигоҳдории чорво бо тарзи катак ба 14,3%, тарзи майдончаҳо 14,2% коҳиш ёфта афзоиши даромаднокии истеҳсолии онҳоро, мутаносибан 20,4 ва 20,3 % таъмин менамоянд.

Таркибии таҳлилии харoҷотҳои истеҳсоли шир дар асоси муайян кардани сохтори онҳо дар ҷадвали 3.10 оварда шудааст.

Масалан, музди меҳнат ба маҳсулнокии меҳнат ва ҳароҷоти он дар сохтори арзиши оғилӣ - 27,55%; катак - 20,9%; майдончагӣ – 21,4%, ки дида мешаванд. Фарқияти нисбатан баланд дар харoҷоти хӯрока дида мешавад, дар оғилӣ камтарин, вале афзоиши дигар намуди харoҷоти захираҳо ба ҳар сентнер шир шакли катакӣ дар натиҷа воқеан кам гаштааст ва самаранокии онро нишон медиҳад.

Иҷро гаштани равандҳои пешрафтаи нигоҳубин бо усули набастан-катак ва майдончаҳо дар муқоиса бо тарзи басташуда (оғилӣ) имконият додааст, ки харoҷоти энергия ва музди меҳнат арзиши аслии 1 сентнер шир, мутаносибан 14,3-14,2 % коҳиш ёбад.

3.3. Батанзимдарорӣ ва такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз роҳҳои тараққиёт дар шароити муосири иқтисодӣ

Дастгирии давлат бахши аграрии иқтисодиётро дар имконияти номутаносубии мубодилаи молҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт бо соҳаи кишоварзӣ коҳиш дода, бо ҳамин тарз фаъолияти ниҳоии самараноки онро таъмин ва идора менамояд.

«Дар давлати мо низ яке аз ҳадафҳои асосии дастгирии давлатӣ ин таъмин бахшидан ба зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба шир ва маҳсулоти ширӣ, коркарди саноатии он дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи он истеҳсолшаванда мебошад» [158 с.296].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳимтарину афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Бо туфайли соҳибистиқлол

гардидани кишвари азизамон ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон деҳқонон соҳиби замин гардиданд ва рӯз аз рӯз шароити меҳнат ва сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии кишоварзон беҳтар гардида истодааст.

Барои устувор нигоҳ доштани рушди соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020»-ро қабул кард, ки мақсади асосии он бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо таъмини соҳаи кишоварзии сердаромад ва ноил гаштан ба ҳадафи амнияти озуқавории мамлакат, инчунин тақвият бахшидан ба содироти маҳсулотҳои кишоварзии кишварро дар бар мегирад» [7, С.103].

Мувофиқи барномаи «Рушди кишоварзӣ ва танзими бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2014-2020 ва соли 2025-2030» [12 с.8-9] таҳия гашта равандҳои гуногуни дастгирии чорводории ширдеҳ таҳрезӣ гашта, ба монанди: субсидияҳо барои 1 воҳиди шири фурӯхташуда, дастгирии соҳаи мазкур дар самти хушзоткунии чорвои мавҷудбудаи маҳал, барқарор намудани қисми муайяни хароҷотҳои истеҳсолӣ бо назардошти аз пардохти суғуртавӣ дар асоси шартномаҳои тарафайн қабулгашта ва иловатан бозгашти қарз ва хароҷотҳои ташкилотҳои молиявӣ (бонкҳо) ба ҳисоб меравад.

Барои иҷро гардидани он низоми вазифаҳоро оид ба дастгирии чорвои калони шохдор самти ширдеҳ пешниҳод намудаем, ки се вазифаҳои асосиро дар бар мегирад (расми 3.9.).

Яке аз қазияҳои вуҷуддоштаи соҳаи ЧКШ, хусусан самти ширдеҳ ин саршумори модаговҳои хушзоти ширӣ мебошад. Дар боби 2 кори мазкур миқдор ва сохтори чорвои калони шохдор ҳолати ҳозираи он каму беш ҳаллу фасл гаштаанд. Вале барои баҳодиҳии амиқ мо аз нигоҳи самаранокии чорво шаклҳои моликият ва маҳсулнокии онҳоро дар меҳвари идоракунии давлат мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Расми 3.9. -Низом, вазифаҳо оид ба дастгирии чорводории ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Комплекси агросаноатӣ аз соҳаҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, дар навбати худ маҷмуи хоҷагиҳо, корхонаҳо, ташкилотҳоро дар бар мегиранд, ки дорои ҳамаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ мебошанд. Яке аз онҳо комплексро бо воситаҳои истеҳсолот таъмин менамоянд; дигаре маҳсулоти соҳаи кишоварзиро истеҳсол мекунанд ва сеюмин аз инфрасохторҳои соҳаи мухталифи таъминотӣ хизматрасоние мебошанд, муассисаҳои тайёр ва омодакунии кадрҳо, таъмини илмии истеҳсолот, нақлиёт, коркард, хизматрасониҳои консалтингӣ барои талаботи соҳаҳои комплексӣ иборатанд.

Яке аз қисматҳои зеркомплекси тавсияшуда звенаи асосии он ин истеҳсоли шир ба шумор меравад, ки дигар ҷузъҳои он ба он нигаронида шудаанд. Барои рушди бомуваффақияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ба истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун маводҳои методӣ таҳияи бизнес-нақшаҳои асоснок шуда мебошанд, ки дар самараноки истеҳсолот акси худро меёбанд ва дар он тағйироти технологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, маркетингӣ таносуби захираҳои энергетикӣ, хӯроки чорво, маҳсулоти ширӣ, азнавсозии воситаҳои техникӣ, механизмҳо барои тайёр намудан ва тақсимкунии хӯроки чорво, нигоҳубин ва додани об, тоза кардан аз ахлот ва ғайра мавриди таҳлил ва натиҷабардории ниҳоӣ қарор

мегиранд.

«Яке аз омилҳои асосӣ ин нақша ва таносуби оқилонаи низоми хӯрока мебошад. Хӯронидан омили асосие мебошад, ки маҳсулнокӣ, наслнокӣ, сифати маҳсулоти чорво, сиҳатии онҳо ва самаранокии соҳа аз он вобаста аст. Кадом зоти сермаҳсули чорворо истифода набарем ҳам, агар хӯронидани онҳо мувофиқи талабот набошад, маҳсулнокию наслнокиашон кам мешавад. Исбот гардидааст, ки сабаби зиёда аз 80% касалиҳои ғайрисироятии чорво ва пастсифатии хӯрокҳо ва мувофиқи талабот набудани хӯронидани онҳо мебошад.

Чорворо мувофиқи меъёр хӯронидан лозим аст. Аз меъёр кам ё зиёд хӯронидан ба ҳолати физиологӣ ва маҳсулнокию наслнокии чорво таъсири манфӣ мерасонад. Хӯронидани алоҳидаи намудҳои чорво мувофиқи меъёрҳои муфассалгардонидашуда ташкил намуда, талаботи онҳоро бо энергия, моддаҳои ғизонок, минералӣ, витаминҳо ва дигар моддаҳои биологии фаъол таъмин намудан, гарави пешравии соҳа мебошад» [119 с.3-4].

Самаранокии хоҷагихои деҳқонӣ дар соҳаҳои чорводорӣ дар асоси навовариҳо ва дар оянда баланд бардоштани соҳаи мазкур хуб мешуд якчанд масъалаҳои асосиро ба назар гирем, ки онҳо асоси рушд ва пешрафти минбаъдаи ин соҳа ба ҳисоб мераванд.

Вазифаи асосӣ дар ин маврид аз он иборат аст, ки бо харҷи камтарин миқдори зиёди шири босифат ба даст оварда шавад. Барои амалӣ гаштани он тарзҳои гуногуни технологияҳои пешқадами истеҳсолӣ бояд мавриди таҳлили раванди мазкур қарор ёбад, дар асоси такмили банақшагирии дохилихоҷагӣ бо истифодаи усули меъёрӣ мебошад. Дар асоси он бизнес-нақша таъмин гашта, ҳаҷми истеҳсолот, хароҷоти меҳнат ва захираҳо дар шароити мушаххаси хоҷагидорӣ акси худро меёбанд.

Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бояд омилу шароит ба назар гирифта шавад ва ба инобат гирифтани оқибатҳои экологиро мо мувофиқи мақсад мешуморем. Ин талаботи замон буда, дар вақти сохтани фермаю комплексҳои калони чорводорӣ ва инчунин дар боркашонӣ, коркард ва

фурӯши маҳсулотҳои чорводорӣ бояд оқибатҳои экологии он ба назар гирифта шавад.

Қобили қайд аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ зимни баҳодиҳии натиҷаҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, ба назари эътибор гирифтани афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ бо назардошти таъмини меъёрҳои муносиби физиологӣ дар доираи сабади истеъмолӣ, беҳтарнамоии шароити меҳнату истироҳат, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи чорводорӣ, хусусан тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар замони имрӯза зарур ва мубрам мебошад.

Илова бар ин, бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди андозбандии соҳаи кишоварзӣ, истифодабарандагони замин, бахусус кишоварзони ҷумҳурӣ дар мавриди пардохти андоз аз бисёр имтиёзҳо бархӯрдоранд, ки он бевосита ба таъмини амнияти озуқавории кишвар ва рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ вобаста буда, нақши хоси худро мегузорад.

Дар бозорҳои минтақавӣ, ноҳиявӣ, маҳаллӣ истеҳсоли шир ва маҳсулоти коркарди саноатии он хоҷагиҳои шаклан ва ҳаҷман гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд вале натиҷаи ниҳоии истеҳсолии онҳо гуногун буда, дар алоҳидагӣ амал мекунанд ва бо ҳам алоқаманд нестанд.

Дар чорвои калони шохдор самти ширдеҳ, ҳамчун ҷузъи озмоишӣ метавонанд, ташкилотҳо корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аҳолӣ баромад намоянд, ки ҳиссаи бештари истеҳсол ва фурӯши ширро дар бозорҳои мавзеъҳои ҷойгиргашта доранд [6-М, С.159].

Дар меҳвари онҳо зерсохтҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ, муассисаҳои илмию молиявӣ мавҷуд бошад ҳам, вале на ҳамаи онҳо қобилияти баланди фаъолиятро доро мебошанд ва натиҷаи ниҳоии онҳо назаррас нестанд.

Аз ин бармеояд, ки ба танзим даровардани иқтисодиёти соҳаи чорводорӣ, хусусан самти ширдеҳ хело бо маврид ва муҳим мебошад, ки бо роҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти корхонаҳои махсуси самтҳои мухталиф амалӣ

карда шавад, хусусан агар аз ҳамкории онҳо самараи мусбат ба даст оварда шавад.

Мавҷуд надоштани ҳавасмандгардонии иқтисодии истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти кишоварзӣ боиси кам шудани саршумори чорвои самти ширдеҳ, беҳтар намудани зоти онҳо ва дар натиҷа ба коҳиш ёфтани истеҳсоли умумии шир ва маҳсулоти ширӣ таъсири худро расонидаанд.

Барои ислоҳ ва беҳтар намудани ҳолати мазкур ҳамкории мутақобилан судманд, сохтори оқилонаи натиҷаҳои мусбиро таъмин намуда метавонанд, бо тарзи ташкилӣ ва дастгирии давлатӣ ин равиширо амалӣ намудан қобили қабул мебошад. Чунки дастгирии давлатӣ барои амалӣ гаштани ҳампайвастии неруи зеҳнии ҷомеа ва захираҳо (меҳнатӣ) ва дигар омилҳои мавҷудаи истеҳсолот бештар истифода мегардад.

Дар баробари ин, шир ба маҳсулоти асосии озуқа тааллуқ дошта, тибқи барномаи қабулгашта, расидан ба амнияти озуқаворию ҷумҳурӣ дараҷаи худтаъминкунии аҳолии он хӯрокворӣ, аз он ҷумла шир ва маҳсулоти ширӣ бояд на камтар аз 70%-ро ташкил диҳад, дар ҳоле ки дар соли 2019 он ҳамагӣ 52,5% буд.

Аммо дар кори мазкур бо озуқа таъмин намудани аҳолии мамлакат зеркомплекси ширию хӯрокворӣ, ки бо истеҳсоли шир, коркард, фурӯши маҳсулоти тайёр ва алоқаҳои байнисоҳавии бо механизм алоқаманд машғуланд, нақши муҳим мебозад. Вале дар солҳои ислоҳот зиддиятҳои байни соҳаҳои зеркомплекси ширию хурокворӣ фаъолона зуҳур ёфтаанд, робитаҳо вайрон шудаанд, ҳам шароити ташаккул, ҳам вазъи иқтисодии субъектҳо ва ҳам хусусияти муносибатҳои байни онҳо тағйир ёфт.

Дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ширро давлат танҳо дар асоси тараққиёти ба тасарруфи нигаронидашудаи чорводории самти ширдеҳ таъмин кардан мувофиқи мақсад буда, бахши амалӣ намудани чорабиниҳои техникӣ – технологӣ, ҳампайвастани мутақобилан амиқи муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ, хусусан зеркомплекси

маҳсулоти ширӣ ва дигар чорабиниҳоеро, ки самаранокии иқтисодии ниҳоии ҳар як аъзои онҳоро таъмин менамояд.

Муҳиммияти дастгирӣ ва маблағгузорӣ ба чорвои ширдеҳ на танҳо бо хусусияти сармояталабии баланд ва муҳлати зиёди бозгашти сармояро, балки бо номунтазамии бозори маҳсулоти ширӣ низ, ки маҳдуд муайян карда мешаванд.

Ба узвияти СУС ворид гаштани кишвар ба молистеҳсолкунандагони минтақавии шир ва маҳсулоти ширӣ дастгирии некбинонаро таъмин нанамуд. Коҳиш ёфтани дараҷаи ҳифзи гумрукӣ ва тарифӣ, тадриҷан аз байн бурдани имтиёзҳо барои истеҳсолкунандагони ширӣ дар Иттиҳоди Аврупо, сатҳи гуногуни дастгирии истеҳсолкунандагони шири хом дар мамлакатҳои бурунмарзӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзии ҷумҳурӣ фишори иловагӣ расонида, ё то андозае коҳиш дода водор месозад, ки онҳо истеҳсоли маҳсулоти ширириро қатъ намоянд. Чуноне ки аз маълумотҳои омори бар меояд ҳиссаи маҳсулотҳои давлати Беларуссия дар бозори маҳсулоти ширии тайёр ба 25%-ро ташкил медиҳад ва ба истеҳсолкунандаи ватанӣ рақобатпазир нестанд.

Иқтидори генетикии чорвои калони шохдор, ки дар ҷумҳурӣ вуҷуд доранд, ҳоло ҳам комилан истифода нашудаанд. Дастгирии давлатӣ ба чорвои зоти имконият дод, ки вазни қиёсии зоти мазкур то 12 % зиёд карда шавад. Илми генетика ва физиологияи чорво тазаккур медиҳанд, ки маҳсулнокии модаговҳои зоти мазкур сиёҳало то 20000 литр дар як солро доро мебошад.

Афзоиши саршумори модаговҳои ширдеҳ баъди ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳурӣ, гузаштан ба низоми иқтисодиёти бозоргонӣ шаклҳои моликият ва дигаргунсозии хоҷагиҳои кишоварзӣ махсусгардонӣ, кооператсия ва интегратсияи агросаноатӣ қариб аз байн рафта, саршумори ЧКШ афзоиш ёфта, асосан дар дасти аҳолӣ қарор доранд.

Чунин шакли хоҷагидорӣ бо нишондиҳандаҳои сифатӣ таъсири бевоситаи худро расонида, маҳсулнокии чорво, хусусан гирифтани насл аз

100 сар модагов дар ҷумҳурӣ ба 69 сар ва дар НТҶ-70 сар мебошад, ки аз наслгирии давлатҳои ҷаҳон акиб мондааст.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷа ва хоҷагиҳои пешқадами ҷумҳурӣ исбот менамоянд, ки наслгирӣ аз 100 сар модагов то 90-95% ташкил медиҳад ва самаранокии соҳаи мазкур, хушзотии чорворо, муаррифӣ менамояд. Гирифтани насл хусусан хушзот, сермаҳсул гарави афзоиши саршумори чорво таъмини такористеҳсолии васеъро кафолат медиҳад.

Аз ин лиҳоз, яке аз самтҳои асосии ҳалли қазияи мазкур дастгирии давлат мебошад, ки ба фикри мо дар асоси маблағгузориҳои иловагӣ, бунёди бунгоҳҳои бордоркунии сунъӣ ва таъмини онҳо бо маводҳои лозимаи бойторӣ (нутфаҳои беҳтарин) ва хусусан кадрҳои болаёқат мебошанд. Итминон дорем, ки Ҳукумати Ҷумҳурӣ ин пешниҳоди моро ба инобат гирифта, кумаки моддӣ, молиявӣ ва зеҳниро таъмин менамояд.

Барои таъмини рушд ва амалӣ гаштани дараҷаи худтаъминкунӣ бо озуқа дар асоси тараққӣ додани комплексӣ агросаноатӣ бо назардошти муносибатҳои иқтисодӣ бозоргонӣ ба монанди таҷрибаи давлати Руссия ва дигар мамлакатҳо пайваста ба роҳ мондан қобили қабул аст. Гарчанде сатҳи худтаъминнокии маҳсулоти шир, гӯшт ва тухм дар умум дар чумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дошта, аз рӯйи таҳдилҳо муайян гардид, ки дар ноҳияиҳои тобеи марказ тибқи дурнамо то соли 2030 баланд мегардад.

Рушд ва инкишофи на он қадар баланди истеҳсолоти кишоварзӣ натанҳо таъсири ҳолатҳои душвори иқтисодии мамлакат, балки аз нокофии истифода ва ворид намудани технологияҳои захира сарфакунанда ва пешқадам дар истеҳсолот мебошад. Дар баробари ин нобаробарӣ дар сатҳи ҷо ба ҷо гузории захираҳои истеҳсолӣ ва қуввахои истеҳсолкунанда, ки ба сатҳи таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ баромад менамоянд. Бо ин мақсад нишондиҳандаҳои асосии таъминнокӣ бо маҳсулотҳои тавсиявиро дар ҷадвали 3.11. мавриди омӯзиш қарор дода, дурнамои ҳаҷми истеҳсоли онро то соли 2030 пешниҳод менамоем (ҷадвали 3.11.).

Ҷадвали 3.11.-Ҳолат, таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, дар НТҶ

Намуди Маҳсулот	Меъёри* таъминнокӣ кг/дона	Дараҷа		Дурнамо		Сатҳи дурнамо бо % нисбати соли 2023	
		Воқеӣ	Таъминнокӣ, %				
		2023	2023	2026	2030	2026	2030
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ.тонна	40,32	85833,0	73	109600,1	178121,3	90,4	139
Шир ва маҳсулоти ширӣ.сентнер	113,76	2933,65	88,8	3315,02	49858,9	113,0	169,9
Тухм, ҳаз. дона	194,4	766,8	136	845,4	1005,0	110,2	131,0

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451. Инчунин, дурнамои афзоиши аҳолӣ, ки дар СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, саҳ.98 нишон дода шудааст ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.

Вазифаи дигари низоми таъмини устувори фаъолияти чорвои калони шохдор самти ширдеҳ ин афзоиши миқдори истеҳсоли шир мебошад. Маълум аст, ки ду роҳи ҳалли вазифаи мазкур вуҷуд дорад: экстенсивӣ ва интенсивӣ. Роҳи якум, қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад ва роҳи дуюм муаррифӣ ва қобили дастгирӣ гаштааст. Яъне, зиёд кардани потенсиали ширри модагов бо тарзи интенсивӣ. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва дастовардҳои олимони соҳаи мазкур исбот намудаанд, ки аз як модагови самти ширдеҳ (шартан сиёҳ-ало) то 20000 литр дар як сар маҳсулот (шир) гирифтан мумкин аст, дар ҳолате ки тамоми талаботи технолгӣ, зооветеренарӣ, физиологию биологӣ риоя гарданд.

Вале чуноне ки рақамҳои ҷадвали 2.6. овардашудаи боби 2.1. нишон медиҳанд, ширдӯшӣ аз 1сар модагов дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 1630кг ноҳияи Нуробод ва 5839,2кг шаҳри Турсунзода на чандон ба талабот ҷавобгу буда, ба ҳисоби миёна дар 5 соли таҳлилӣ 2088,6 литрро ташкил додааст, ки аз меъёрҳои ҷаҳонӣ ва хоҷагиҳои пешқадами Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз 2 то 4 маротиба кам мебошад. Яъне, қазия муаммо, омилҳо ва роҳҳои ҳалли

онро аз нуқтаи назари илм ва истеҳсолот бояд муайян ва пешниҳод намоем.

Яке аз онҳо ин хушзот кардани модаговҳои вуҷуддоштаи аҳолӣ, ки ба шароити иқлими-табиии ҷумҳурӣ мувофиқ шудаанд. На ҳамаи зотҳои модаговҳои ширдеҳи вуҷуддошта ба ҳолати иқлими мо мутобиқ мебошанд ва онро таҷрибаи солҳои асри XX гузашта исбот намудааст. Барои беҳтар намудани ҳолати соҳаи чорводорӣ аз хориҷа он ғуноҳинҳои ҷумҳуриҳои назди Балтика вуруд карда шудаанд, вале қариб ҳамаи онҳо дар муҳлати хеле кӯтоҳ, аз сабаби гармии ҳаво дар фасли тобистон тирамоҳ ба бемориҳо гирифтор гашта, нобуд шудаанд. Барои ҳалли қазияи вуҷуддошта олимони соҳаи мазкур рӯ ба хушзоткунӣ оварда, зотҳои дурагаи маҳаллии ширдеҳро ба чорводорон пешниҳод намудаанд. Аз ин лиҳоз, боз эҳё намудани таҷрибаи ҷойдоштаро яке аз шаклҳои афзалияти баланд бардоштани маҳсулнокии чорво мебошад, тавсия менамоем.

Ба афзоиши маҳсулнокии чорвои калони шохдор самти ширдеҳ ин таъмини хӯрокаи лозима сифат ва миқдоран мебошад, ки онро шартан нақша ва мувозинати хӯрока, нигоҳ доштан, технологияи коркард, тайёр ва захира намудан, хусусан реҷаи хӯронидан баромад менамояд. Амалӣ гаштани омилҳои гуногуни технологӣ, физиологӣ, биологӣ, техникӣ-иқтисодӣ ва ташкилӣ бевосита вобаста буда, ҳар як самти мазкури овардашуда талаботҳои хоси худро доро буда, нигоҳ доштани онҳо зарур ва ҳатми мебошанд ва онро давлат метавонад бо роҳҳои ба худ хос ҳаллу фасл намуда, ба молистеҳсолкунандагон кумаки самтҳои институтсионалӣ ва иқтисодию молиявӣ расонад. Азбаски дар меҳвари як саволи гузошташуда на метавонад ба ҳамаи паҳлуҳои ҷойдошта ҳалли ин мушкилот ҷавоб дод. Мо ин мавзуъро дар таҳлилҳои илмии ояндаи худ мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

Вазифаи ниҳоии дар низоми пешниҳод намудаи мо ин баланд бардоштани ҳавасмандии иқтисодии чорвои калони шохдори самти ширдеҳ мебошад, ки ҳамчун ҷамъбасткунандаи кулли қазия ва роҳҳои ҳалли дар боло овардашударо ҳаллу фасл менамояд ва худ бисёр омил, тарз, намуд, шакл ва роҳҳои хосеро доро мебошад, ки бо якчандтои он таваҷҷуҳ зоҳир менамоем,

ки давлат ҳамчун дастгирикунанда ва иҷрокунанда метавонад баромад намояд.

Дар хоҷагидории бозоргонӣ яке аз роҳҳои таъмини афзоиши истеҳсолот ин дастгирии ҳавасмандии иқтисодӣ, аз он ҷумла чорводории самти ширдеҳ ҳамчун муҳимтарин ва афзалиятноктарини сиёсати давлат дар он баромад менамояд. Барои таъмини механизми дастгирии давлат ба он нигаронида шудааст, ки истеҳсоли шир ва маҳсулоти коркарди саноатии шир ба ҳар як воҳиди фурӯхташуда, маблағгузорӣ, таҳлили ҳолати ҳозира ва ҷараёни инкишофи саршумори чорвои самти ширдеҳ ва истеҳсоли шир дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи он имкон дод, ки тамоюли нокифояи самаранокии ин намуди дастгирӣ муайян карда шавад, танҳо дар соли 2023 ин нишондиҳандаҳо беш аз 15% коҳиш ёфтаанд.

Вазифаи ҳавасмандии иқтисодӣ, ба фикри мо, ин фишангҳои гуногуни иқтисодӣ, молиявӣ, ташкилиро дар бар мегиранд, ки ҳар яки онҳо боз аз омил ва самтҳои ба худ хосро низ доро мебошанд.

Яке аз онҳо ин сиёсати андозбандӣ ва гумрукии давлат ба молистеҳсолкунандагони соҳаи мазкур нигаронидашуда мебошад. Сиёсати андозбандӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон истифода шуда натиҷаҳои дилхоҳеро таъмин менамояд, чунки он рушди сиёсати пешгирифтаи давлатро амалӣ менамояд ва онро мо ҳамчун андозбандии хоҷагидороне, ки ба истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, хусусан шир мешуморем. Озод кардани андозҳои замин ҳамчун пойгоҳи хӯроки чорво аз арзиши иловашуда, даромад, ки барои андозсупорандаро осон менамояд, чунин мисол, таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, аз он ҷумла соҳаи мурғпарварӣ ҶДММ “Мармарӣ”, ҶДММ “Мурғи ҳилол”, ҶДММ “Файзобод”, ҶДММ “Тарз” ва дигарҳо шуда метавонад.

Дигари роҳи ҳалли вазифаи ҳавасмандии иқтисодӣ аз боҷи гумрукӣ тамоман ё қисман озод намудани ташкилотҳо ё молистеҳсолкунандагони фардии соҳаи мазкур (истеҳсоли шир):

-имтиёз ҳангоми гирифтани қарз бо фоизҳои аз ҳама паст ва механизми

содаи он;

-имтиёз дар бобати баргардонидани маблағи қарз ва ҳолатҳои фавқулода;

Номукаммалии фаъолияти корхона ва ташкилотҳои қарздиҳанда, фоизи баланди хизматрасонии ташкилотҳои мазкур, мураккабии ҳамкорӣ дар фаъолияти қарзӣ, муҳтоҷон ё мизоҷони он ба таъмини рушди иқтисодии молистеҳсолкунандагон на чандон мусоидат менамояд. Барои ҳалли мушкилоти мазкур ва кумаки давлат оиди низоми қарздиҳӣ дар асоси сарҷамъии бахши хусусӣ ва давлатӣ кооперативҳои махсуси қарздиҳиро бояд таъсис додан лозим аст, ки низоми вуҷуддоштаи қарзро ҳалу фасл намояд ва кумаки амалии худро расонад.

Маблағгузории шакли дигари дастгирии иқтисодии молистеҳсолкунандагон мебошад, аз сабаби хавфнок будани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи маблағгузорон хеле суст буда, дар бисёр ҳолатҳо дастгирии сармоягузоронро аз байн мебарад ва ягона роҳе дар низоми иқтисодии бозаргонӣ вуҷуддошта ин дастгирии давлат мебошад. Чуноне ки олим Саидмуродзода Ҷовид Ҷабборӣ дар кори илмии худ қайд намудааст: «Барои пеш бурдани самти пайгиронаи ташаккули шароити иқтисодӣ ва бо мақсади беҳтар гаштани ҳолати маблағгузориҳо ба сектори аграрӣ, ки ба инкишофи истеҳсолот ва истеъмолот мусоидат менамояд, чорабиниҳои махсусгардонии молистеҳсолкунандагон субъектҳои бозор таҳрезӣ ва пешниҳод шудааст» [177 с.49] ва онро ҳамчун низоми чорабиниҳои рушди самаранокии истифодабарии маблағгузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ чорводории ЧКШ самти ширӣ ба таври зайл таҳрезӣ намудааст.

Тавре ки таҷрибаҳои давлатҳои пешқадам, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот менамоянд, он кумаки давлат дар таъмини самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ амалӣ гаштани ҳадафи амнияти озуқаворӣ ин субсидия мебошад.

Ҷадвали 3.12.- Низоми чорабиниҳои самаранокии истифодабарии маблағгузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ чорводории ЧКШ самти ширӣ

Чорабиниҳои сиёсӣ	Иқтисодӣ-молиявӣ	Ташкилӣ ҳуқуқӣ	Инноватсионӣ технологӣ	Иттилоотӣ ташкилӣ
Ислоҳоти соҳаи аграрӣ	Таъсиси механизми беҳтарини маблағгузорӣ, субсидия	Ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқии маблағгузор	Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ	Таъмини дастрасии молистеҳсолкунанда ба маълумотҳои ахборотӣ-иттилоотӣ
Шароити мусоиди маблағгузорӣ	Амалӣ гаштани қарзгирӣ	Сода намудани баҳисобгирии молистеҳсолкунандагон	Ворид намудани низоми оқилонаи такористеҳсолкунии пода, хушзот намудани ЧКШ	Баланд бардоштани сатҳи дониши иштирокчиён, маблағгузорон
Дастгирии давлатӣ ба маблағгузорони мувафақ	Ҷуброн намудани як қисми маблағи тиҷоратӣ балки ба маблағгузорони мувафақ	Ташкили низоми самаранокии идоракунӣ	Ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва оиди истеҳсоли шир	Таъсиси бонкӣ техника ва ахбороти пешрафта дар соҳаи ЧКШ самти ширдеҳ
Коҳиш ва аз байн бурдани монеаҳои маъмули оиди ҷаби сармоягузорон	Муккамал намудани низоми андозбанӣ, гумрукӣ, қарзӣ	Низоми ҷорӣ намудани суғуртаи истеҳсолӣ, маблағгузорӣ, молистеҳсолкунандагон, хоҷагиҳо	Таъмини коркарди ибтидои ва нигоҳдории шир ва маҳсулоти он	Мубодила ва истифодаи таҷрибаи пешқадам дар фаъолият

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси (Автореферат Саидмуродзода Ҷовид Ҷабборӣ)

Дар адабиётҳои иқтисодӣ-субсидияро ба маънои кумаки аз тарафи давлат (ё буҷаҳои маҳаллӣ) ва дигар ташкилот, шахсони алоҳида, фоизҳои махсус, ба шакли воситаҳои пулӣ ё имтиёз, барои мақсадҳои муайян маънидод намудаанд. Он асосан бебозгашт ва мақсаднок буда, ҳамчун кумаки молиявӣ ба муҳтоҷон, молистеҳсолкунандагони гуногун аз тарафи маблағгузорон баромад менамояд.

Яъне, гирандагони субсидия метавонанд истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба соҳаи чорводории самти ширдеҳ ва коркарди маҳсулоти саноатии шир ва таъмини равнақи он машғуланд. Аз тарафи давлат буҷети маҳалли гирифтани субсидияро тавсия менамоем.

Молистеҳсолкунандагоне, ки ба субсидия эҳтиёҷ доранд, бояд шартҳои зеринро таваҷҷуҳ намоянд:

- баимзорасонӣ ва иҷрои шартномаи байни истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти кишоварзӣ ва раёсати кишоварзии ноҳияҳои алоҳидаи тобеи

ҷумҳурӣ дар бораи иштирок дар барномаи истифодаи субсидӣ барои чорвои калони шохдори самти ширдеҳ;

- амалӣ гаштани маблағ оид ба таъмини такрористеҳсолкунии васеъ дар соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар асоси таъмини маҳсулнокии зиёди чорво;

- фурӯши шири кластери мавҷуда дар сатҳи маъмурӣ, ноҳия, вилоят;

- афзоиши музди меҳнати коргарон дар шароити кунунии иқтисодӣ аз миқдор ва сифати меҳнати таҷассум шуда дар меҳвари кафолати давлат;

- молистеҳсолкунандагон қарздор набудан аз андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ.

Исбот гардад, ки талабгорони субсидия агар аз уҳдаи талаботҳои дар боло зикргардида набароянд, аз гирифтани кумаки молиявӣ маҳрум мегарданд.

Самт, роҳ ва чорабиниҳои таъмини рушди соҳа дастгирии давлатӣ дар афзоиши саршумори чорвои калони шохдори самти ширдеҳ нигаронида шаванд, барои амалӣ намудани он, механизми самараноки муайяни субсидия оиди зиёд гаштани саршумори чорвои ширдеҳ мебошад, ки онро ба таври алгоритм тахрезӣ намудаем (расми 3.10.).



Расми 3.10. -Алгоритми гирифтани субсидия барои зиёд кардани саршумори чорвои ширдеҳ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Барои гирифтани субсидия аз ҷониби мо методикаи амалӣ гаштани он таҳия ва пешниҳод шудааст:

Марҳилаи якум - он ташкилотҳое, ки коҳишёбии саршумори чорвои ширдеҳи мавҷударо то муҳлати муайянгаштаи соли ҷорӣ пешгирӣ менамоянд, субсидия дода мешавад.

Марҳилаи дуюм - танҳо ба он ташкилотҳое дода мешавад, ки саршумори чорвои ширдеҳро аз 1 январи соли ҷорӣ то 1 октябри он сол афзоиш додаанд.

Субсидияҳо бо назардошти меъёрҳои овардашуда, тақсим карда мешаванд (ҷадвали 3.13.).

Ҷадвали 3.13. -Меъёрҳои пардохтшаванда дар доираи барномаи дастгирии давлатӣ ба чорводории ширдеҳ

Номгӯйи пардохт	Маблағи пардохт, сомонӣ /сар.
Дастгирии марҳилаи якум барои афзоиши саршумори чорво дар ноҳия (новобаста аз санаи харидории чорво).	22000
Дастгирии марҳилаи дуюм барои афзоиши саршумори чорво дар ноҳия, баъди пардохти дастгирии молиявӣ дар марҳилаи аввал харидорӣ карда шудааст.	12 000

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

I. Дар марҳилаи якум, муайян намудани субсидия бо тарзи зерин сурат мегирад:

1. Муайян намудани коэффитсиенти шиддатнокии ноҳия (корхона):

$$Ki = H/Hcp, \qquad (1)$$

дар ин ҷо: Ki - коэффитсиенти шиддатнокии ноҳия (хоҷагӣ);

H - маҳсулнокии 1 сар модагов дар нимсолаи якум, дар миқёси хоҷагӣ, ноҳия;

Hcp - маҳсулнокии 1 сар модагов дар нимсолаи якум дар миқёси ноҳия, вилоят, кг.

2. Ҳисобӣ намудани маблағи умумии субсидия. Дар марҳилаи якум:

$$Oci = ПCc1Ki \qquad (2)$$

дар ку ҷо:

O_{c1} - ҳаҷми субсидияи умумӣ дар марҳилаи аввал, сомонӣ;

П – саршумори чорво, сар;

$С_{с1}$ - меъёри субсидия дар марҳилаи якум, сомонӣ, (аз тарафи Раёсати кишоварзии ноҳия, вилоят муайян карда мешавад);

Кі - коэффитсиенти шиддатнокӣ.

II. Субсидияҳоро дар марҳилаи дуюм чунин ифода намудан мумкин аст:

1. Ҳисоби намудани коэффитсиенти шиддатнокии минтақа:

$$Км=Н/Нср, \qquad (3)$$

дар ин ҷо: Км- коэффитсиенти шиддатнокии минтақа;

Н - ширдӯшӣ аз ҳар сар чорвои ширдеҳ дар нимаи дуюми соли ҷорӣ дар ноҳия, кг;

Нср – ширдӯшии миёна аз ҳар сар чорвои ширдеҳ дар нимаи дуюми соли ҷорӣ, дар минтақа, кг.

2.Муайян намудани маблағи умумии субсидия дар марҳилаи дуюм:

$$Ос_2= Уп*Сс_2*Км/,сомонӣ \qquad (4)$$

дар ин ҷо: $Ос_2$ - маблағи умумии субсидия дар марҳилаи дуюм, сомонӣ;

Уп - афзоиши миқдори чорво дар марҳилаи дуюм нисбат ба марҳилаи якум, сар;

$Сс_2$ - меъёри субсидия дар марҳилаи дуюм, сомонӣ (аз ҷониби Раёсати кишоварзии ноҳия, вилоят муайян карда мешавад);

Км - коэффитсиенти шиддатнокӣ.

Барои дастрас намудани субсидия лозим аст: маълумот оиди хароҷоти амалишудаи соли гузашта (аз моҳи январи соли ҷорӣ), барои тасдиқи мақсади чорабиниҳои банақшагирифташуда. Хароҷоти қаблан сарфшуда ба эътибор гирифта намешаванд.

Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ амалӣ гашта, барои дастгирии чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зарур аст, ки тахминан дар марҳилаи аввал 40 миллион сомонӣ зарурро мутаносибан ба саршумори чорвои ноҳияҳои он тақсим кардан лозим аст.

Пардохти субсидия дар марҳилаи дуюм бо назардошти қаблан ҷудогаштаи 12 000 сомонӣ барои ҳар саршумори чорвои зиёдшуда аз лаҳзаи додани ёрдампулии навбати якум ҳисоб намоем, барои он 3,5 миллион сомонӣ лозим

аст, ниҳоят барои амалӣ гаштани тарзи тавсияшуда дастгирии давлатӣ ба соҳаи мазкур бо назардошти афзоиши миқдори он шартан 43,5 миллион сомонӣ лозим аст.

Роҳандозӣ намудани тарзи муайян намудани маблағгузории субсидия зиёд гаштани саршумори чорвои ширдеҳ, истеҳсоли шир ҳамчун дастгирии давлат барои ташкил ва таъмини рушди устувори зеркомплекси маҳсулоти ширӣ дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.

Дар боби сеюм хулосаҳои зерин илман асоснок карда шудаанд:

1.Дар боби мазкур исбот шудаанд, ки дар ҳолати кунунии хоҷагидорӣ, афзоиши рақобатпазирӣ, амалӣ гаштани кластер ва микрокластерҳо истифодаи технологияҳои пешқадами захирасарфакунанда, инноватсияҳо, ҷорӣ намудани навовариҳои пешқадам дар миқёси мушаххаси ҷузъҳои истеҳсолот, ташкилот, хоҷагӣ бо ҳамин восита амалӣ намудани тарзҳои беҳтарини ташкили истифодаи техника, таҷҳизот, равандҳои технологӣ ва дигар навовариҳо ба мақсад мувофиқ мебошад;

2. Ташкили кластер ва микрокластери маҳсулоти ширӣ як низоми ғайрирасмӣ буда, субъектҳои хоҷагидориро дар бар мегирад, барои истеҳсол ва коркарди саноатии шир махсус гардонида шудаанд, инчунин ташкилоту муассисаҳое, ки бо инфрасохтории ширӣ алоқаманд ва ҳамкорӣ менамоянд, дар бар мегиранд, марҳила сохтор ва таркиби ташкили он пешниҳод шудааст, ба даст овардани самараи дилхоҳро таъмин менамояд;

3. Дар асоси баҳодиҳии иқтидори чорводории ширдеҳи НТҶ алгоритми ташкили микрокластери соҳаи мазкурро дар сатҳи ноҳияи Рашт таҳрезӣ ва таҳия намудем.

Барои сода намудани равандҳои таъсиси микрокластерҳо иштирокчиёни онҳоро шартан ба 3 гуруҳ тақсим намудем:

1. Шурои ҳамоҳангсозӣ;

2. Ташкилотҳо, ассотсиатсияи истеҳсолкунандагони шир;

3. Ташкилотҳои коркарди инфрасохторӣ таъминоти хизматрасонӣ.

Ташаккули микрокластерҳои ширӣ дар ҳудуди Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ба ҳалли як қатор вазифаҳои афзалиятнок нигаронида шудааст: ташаккули низоми чорводории ширдеҳи ба рушди инноватсионӣ нигаронидашуда, ба монанди истифодаи самарабахши қобилияти зеҳнӣ-илмӣ, назария ва амалӣя, беҳ гаштани ҳолати пойгоҳи моддӣ-техникӣ, мутобиқкунӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар истеҳсолот, мебошад.

Мо микрокластери маҳсулоти ширирo ҳамчун низоми ҷудонашавандаи корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгиранд, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ки барои истеҳсол ва фурӯши шир ҳамкорӣ мекунанд, баррасӣ намудаем, дар он манфиати умумии иштирокчиёни микросклатер пеш аз ҳама дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозор аст, ки бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ таъмин карда мешавад;

4.Исбот шудааст, ки барои рушд ва амалӣ гаштани фаъолияти микрокластерҳои чорвои ширдеҳ ташаккули муҳити рақобати байни субектҳои микрокластер як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки дар якҷоягӣ меҳвари афзалияти онҳоро ифода менамоянд барои амиқ намудани онҳо нақш ва сохтори онро мушаххас пешниҳод намудем. (расми 3.4.)

5.Дар асоси ҳампайвастагии манфиатҳои тарафайн таъмини рушди соҳаи чорвои ширдеҳ дар миқёси ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъсиси кластери ягонаи чорвои калони шохдор самти ширдеҳ модели он бо аъзоён, сохтор ва самтҳои фаъолият пешниҳод шудааст, ки самаранокии соҳа ва ҳалли қазияи таъмини аҳолӣ бо озуқаро амалӣ намуда метавонанд;

6. Барои таъмини тақсими одилонаи натиҷаи ниҳоии ба даст омадаи фаъолияти кластер, байни аъзоёни он ки бо тариқи се шакл ҷамъбаст намудан мумкин аст, пешниҳод намудаем:

- тақсимоти даромад, мутаносибан ба хароҷоти меҳнати зинда;

- тақсимоти даромад, мутаносибан ба арзиши фондҳои асосии истеҳсолии истифодашаванда;

- тақсимоти даромад, мутаносибан ба хароҷоти амалигашта.

Шакли якум асоситар ва саҳеҳтар мабошад.

Дуюмин, аз шаклҳои баррасишаванда аз ҳама бештар ҳиссаи тарафҳое, ки хароҷоти истеҳсолиашон зиёдтаранд, воқеӣ инъикос менамоянд.

Сеюмин, бояд танҳо хароҷоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ ба назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, таркиби хароҷоти истеҳсолиро аниқ кардан зарур аст, ки ҳангоми арзёбии ҳиссаи тарафҳо истифода бурда мешавад.

Кадом шаклеро, ки интихоб намоянд, ба дӯши аъзоёни кластер ҳавола менамоем.

Барои пешгирӣ намудани сабабҳои хароҷотҳои афзоишёфтаи захираҳо, ба ақидаи мо, зарур аст, ки натиҷаи ниҳоии ба даст омадаи даромадҳо, мутаносибан аз миқдори хароҷотҳои меҳнати сарфшуда, ки ҳаҷми он илман асоснок шуда мебошад, байни иштирокчиёни он тақсим карда шавад;

7. Барои амалӣ гаштани тарзҳои гуногуни истеҳсоли маҳсулот ва тартиб додани харитаи технологӣ бо назардошти таҷрибаи пешқадам, истифодаи камёбиҳои илму техника, равандҳои захираҳои сарфакунанда ва замонавӣ ва ҳифзи муҳити зист бо назардошти он пешниҳод шудааст;

8. Меъёри хароҷоти вақт ва амалӣ гаштани равандҳои технологӣ се шакли нигоҳдории чорво оғилӣ, катак ва озод таҳррезӣ гаштаанд. Барои исботи самаранокӣ ҷорӣ намудани технологияи гирифтани шир, тарзи нигоҳубин, нақша ва баланси хӯрока ва дигар технологияи нигоҳдории чорво (шакли оғилӣ ё катакӣ) ташкили оқилонаи равандҳои истеҳсолӣ, тартиб додани харитаҳои технологии истеҳсоли ширро тавсия менамоем;

9. Исбот шудааст, шакли нигоҳубин ва амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолии шир аз тарзи нигоҳ доштани чорво вобаста мебошад, агар хароҷот барои ба даст овардани шир дар фермаи нигоҳдории чорво бо шакли оғилӣ 859,66 сомониро ташкил дода, бо усули катак дар (боксҳои фаршҳои гармидиҳанда) – 14,3% ва бо тарзи майдончаҳо дар (фаршкатҳои чуқур) – 14,2% сарфа гашта, дар натиҷа сатҳи даромаднокии истеҳсоли шир, мутаносибан 20,4 ва 20,3 % афзудааст. Тарзи нигоҳдорӣ ба тағйирёбии сохтории хароҷотҳо таъсири хосеро мерасонад, дар тарзи нигоҳдории катак ва майдончаҳо сарфи энергия ва музди меҳнат дар арзиши аслии 1 сентнер

шир нисбат ба оғилӣ мутаносибан 14,3% ва 14,2% кам мебошад.

10. Амалӣ гаштани технологияҳои интенсивӣ дар асоси усули нигоҳубини набастани чорвои ширдеҳ (майдончаҳо) маҷмуи хароҷот, аз он ҷумла қувваи барқ 15 %; хӯрока- 20 %, хароҷоти меҳнат 1 сентнер шир то 1,6 одам - соат коҳиш меёбанд. Сарбории меъёрӣ ба корманди асосии хоҷагӣ то ба 100 сар, ки дар натиҷа, ба афзоиш ёфтани самаранокии иқтисодии чорводории ширдеҳ мусоидат менамояд;

11. Равандҳо ва тадбирҳое, ки ба рушди соҳа дар асоси дастгирии давлатӣ афзоиши саршумори чорвои калони шохдори самти ширдеҳ нигаронида мешаванд, барои амалӣ намудани он, механизми самараноки муайяни субсидия оиди зиёд гаштани саршумор чорвои ширдеҳ, ки онро ҳамчун алгоритм таҳрезӣ намуда, методикаи ҳисоб намудани субсидия афзоиши саршумори чорвои ширдеҳро дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъмин менамоем, ки барои марҳилаи якум 40 миллион сомонӣ, марҳилаи дуюм 3,5 миллион сомонӣ дар маҷмуъ 43,5 млн сомонӣ зарур мебошад, асоснок пешниҳод шудаанд.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

Натиҷаи асосии илмии диссертатсия

